# РОҲНАМОИ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ БАРОИ СИНФИ 4-УМ

## Барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия кардааст**

**Душанбе
«Маориф»
2016**

**ББК Я 72 85+74.266+74.268 я 72**
**Р-84**

**Р-84.** Иргашова М., Азизов А., Насимӣ М. **“Роҳнамои фанни санъат ва меҳнат барои синфи 4-ум” барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**. Душанбе, «Маориф», 2016, 112 саҳ.

**ISBN 978-99947-1-417-9**

**© «Маориф», 2016**

**МУНДАРИҶА**


Муқаддима ........................................................................................ 5
Стандарти фанни САНЪАТ ВА МЕҲНАТ барои синфи 4.................................... 7
I. Мазмун ва мундариҷаи стандарти фанни санъат ва меҳнат.................... 7
1.1. Мафҳумҳои асосии стандарти фанни санъат ва меҳнат......................... 7
1.2. Заминаи меъёрии ҳуқуқии стандарти фанни санъат ва меҳнат.............. 11
1.3. Соҳаи истифодаи стандарти фанни санъат ва меҳнат........................... 11
1.4. Принсипҳои асосии стандарти фанни санъат ва меҳнат......................... 11
1.5. Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни санъат ва меҳнат..................... 13
II. Салоҳиятҳои фанни санъат ва меҳнат..................................................... 14
2.1. Салоҳиятҳои иҷрои амалҳо, эҷод, арзёбӣ............................................. 15
2.2. Баҳодиҳии салоҳиятҳои иҷрои амалҳо, эҷод, Арзёбӣ............................ 15
2.3. Салоҳиятҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ ................................................................ 16
2.4. Нишондиҳандаҳои хислатҳо ..................................................................... 16
2.5. Салоҳиятнокии омӯзгорон ........................................................................ 17
III. Ташкили раванди таълими салоҳиятнокӣ аз фанни санъат ва меҳнат барои синфи 4-ум... 18
3.1. Ба хусусиятҳои фардии хонанда диққат додан ...................................... 18
3.2. Принсипҳои таълими самаранок ............................................................. 19
3.3 Алоқамандии байнифаннӣ............................................................................ 19
IV Методикаи таълими фанни санъат ва меҳнатдар синфи 4........................ 20
V. Арзёбӣ.......................................................................................................... 24
Роҳнамо барои омӯзгор аз фанни санъат ва меҳнат барои синфи 4 -ум ........ 32
Мавод ва асбобҳои корӣ - 1 соат..................................................................... 32
Саёҳат ба табиат-1соат ................................................................................... 34
Сохтани шакли парандаҳо ва кашидани расми онҳо-2 соат.......................... 35
Корҳои хоҷагӣ - 1 соат..................................................................................... 36
Сохтани мизу курсӣ бо ороиши нақшу нигори миллӣ - 1 соат....................... 38
Корҳои ороишӣ. Ангораи сӯзанӣ - 1 соат ...................................................... 39
Сохтани асбоби таълимии “Абаки забон” - 1 соат.......................................... 41
Натюрморт. Китоб ва барг-2 соат.................................................................... 42
Тӯрбофӣ- 1 соат................................................................................................ 44
Ҷамъоварии ҳосил - 1 соат .............................................................................. 45
Бо рассом шинос мешавем - 1 соат................................................................. 46
Аз рӯйи нақша сохтани модели экскаватор -2 соат......................................... 48
Дарбеҳкунии либос - 1 соат ............................................................................. 49
Саёҳат-тасвири манзараи атроф - 2соат.......................................................... 50
Сохтани бешазор - 2 соат................................................................................. 52
Сохтани асбоби ороишӣ. Чатри гирди чароғи барқӣ- 1 соат......................... 54
Шохчаи гул - 1 соат........................................................................................... 55
Меҳнати хоҷагӣ- 1 соат..................................................................................... 57
Аз рӯйи конструксия сохтани модели планёр - 2 соат..................................... 58
Санъати ҳайкалтарошӣ - 1 соат........................................................................ 60
Сохтани бозичаҳои мулоим - 1 соат................................................................. 62
Чароғаки солинавӣ ва ороиши он - 2 соат....................................................... 63
Рӯзи омӯзгорон (муаллимон)- 1 соат................................................................ 64
Сохтани фонусчаҳо - 1 соат............................................................................... 66
Модели крани борбардор - 2 соат..................................................................... 68
Коркарди замин- 1 соат...................................................................................... 69
Натюрморт. Кашидани расм аз асл. Асбобҳои дуредгарӣ- 1 соат.................. 71
Аз гил ё пластилин сохтани зарфҳо- 1 соат...................................................... 72
Суробсозӣ аз масолеҳи табиӣ- 1 соат............................................................... 75
Шаклсозӣ аз коғазу картон- 1 соат.................................................................... 76
Тасвир мувофиқи мазмун . Афсонаҳои халқи тоҷик- 1 соат.............................. 78

Сохтани шакли поезд - 2 соат........................................................................................ 80
Парвариши рустаниҳои хонагӣ - 2 соат......................................................................... 81
Ороиши нақшу нигор. Нақшу нигори гулдӯзӣ - 1 соат................................................... 83
Аз рӯйи нақша сохтани шакли хона - 1 соат.................................................................. 84
Дарки зебоии ҳақиқат. Шиносоӣ бо асарҳои рассомон дар мавзӯи инсон ва табиат - 1 соат..................................................................................................................... 84
Сохтани ҷисмҳо аз найчаҳо- 1 соат............................................................................... 87
Суробсозӣ аз рӯйи мавзӯъ - 2 соат.................................................................................. 89
Хаёлот ва тасвир. Тасвири шикорчӣ - 2 соат................................................................. 91
Сохтани қуттиҳо- 1 соат.................................................................................................. 92
Нигоҳубини рустаниҳо- 1 соат....................................................................................... 94
Аз рӯйи конструксия сохтани модели трактор- 1 соат.................................................... 95
Тасвири манзара. Гулҳои наврӯзӣ - 2 соат..................................................................... 96
Сохтани қолаби "Боғ" - 1 соат......................................................................................... 98
Композитсия дар мавзӯи парвози парандагон- 1 соат.................................................... 100
Кишту кори сабзавот - 1 соат.......................................................................................... 103
Тасвир аз асл. Кӯза ва гул- 1 соат.................................................................................. 105
Кори хоҷагӣ- 1 соат.......................................................................................................... 107
Намоиши корҳо- 1 соат.................................................................................................... 108
Адабиёт ............................................................................................................................. 111

# Муқаддима

Соҳаи маориф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат эътироф гардида, дар ин самт ҳамасола тадбирҳои зиёд андешида мешаванд. Илова ба бунёди муассисаҳои таълимии нав, таҷдиди инфрасохтор, инчунин ба сифат, мазмуну самарабахшии мундариҷа ва ҷараёни таълим низ таваҷҷуҳи қобили назар зоҳир мегардад. Таҳияи стандарт ва барномаҳои нави таълимӣ метавонанд сатҳу сифати таҳсилоти миёнаи умумиро баланд бардоранд.

Дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф омӯзгорон нақши калидӣ мебозанд. Ин нукта дар суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат (2015) хеле мушаххас баён гардидааст: "... калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ муаллим-омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд".

Барои мо – олимон, кормандони соҳаи маориф, мутахассисон ва омӯзгорон ин суханон беҳтарин дастури амаланд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва натиҷабахшии раванди он таҳияи стандартҳои фанниро ба роҳ мондааст, ки Стандарти фанни санъат ва меҳнат аз ҷумлаи онҳост. Вазорати маориф ва илм натиҷа ва дастовардҳои ислоҳоти соҳаро, ки тайи солҳои охир татбиқ гаштаанд, эътироф карда, дар асоси ба эътибор гирифтани таҷрибаи ҷаҳонӣ стандарт ва барномаҳои навро ҳамчун як ҷузъи таркибии ислоҳоти пурраи мундариҷаи таҳсилот таҳия намудааст.

Стандарти фанни санъат ва меҳнат барои синфи чор ҷузъи таркибии силсилаи стандартҳои фанни санъат ва меҳнат дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ аст. Стандарти мазкур дар асоси салоҳият таҳия шуда, талаботи Стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи умумиро ба эътибор мегирад.

Сохтор ва услуби пешниҳоди стандарт тарзе интихоб шудааст, ки паҳлуҳои гуногуни раванди таълими фанни санъат ва меҳнатро фаро мегирад ва ба ин васила фаъолияти омӯзгорро дар ҷараёни банақшагирӣ ва таълиму арзёбӣ осон мегардонад.

Тавре ки таҷрибаи байналмилалӣ ва шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳар чӣ бештари воситаҳои иттилоот (интернет, телевизион ва ғайра) имрӯз танҳо бо дониш мусаллаҳ будан кифоя набуда, дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии ҷавонон ва дастёбӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад. Ин нуктаи муҳим маҳаки стандарти мазкурро ташкил медиҳад.

Дар ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда ва пур аз тазодҳо шаҳрвандон бояд сифатҳои ташаббускорӣ, навоварӣ, амалигардонӣ, тағйирпазирӣ, уҳдабароӣ, масъулиятшиносӣ ва созандагию бунёдкориро дошта бошанд. Онҳо бояд шахсони бомаърифати аз ҷиҳати маънавӣ-ахлоқӣ устувор ва кордоне бошанд, ки роҳҳои дастрас кардани ахбор (маълумот)-ро тавассути воситаҳои гуногун интихоб намуда, онро таҳлилу таркиб ва арзёбӣ карда, масъалаҳои мураккаби олами атрофро дарк кунанд, мушкилиҳои гуногуни таълимию ҳаётиро пешгӯйӣ ва ҳал карда тавонанд, масъулияти худро дар назди оила, аҳли ҷомеа ва кишвар дарк намоянд. Барои ташаккули ин сифатҳо маҳз дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад.

Барои ноил гаштан ба ин вазифаҳо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми нави таълимро дар амал татбиқ менамояд, ки он ба ташаккули рушди салоҳиятнокии хонандагон дар истифодаи амалии дониш, малака ва маҳорат мусоидат хоҳад кард.

Натиҷаҳои салоҳиятнокии хонандагон тавассути низоми миллии арзёбӣ санҷида шуда, натиҷаҳои он барои дуруст ва самаранок ба роҳ мондани раванди таълим истифода мешавад.

Стандарти мазкур мазмуну мундариҷа, салоҳиятҳо, нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ ва воситаҳои арзёбиро муайян мекунад. Бо татбиқи низоми нави таълим натиҷаҳои таълимии хонанда (салоҳиятнокии ӯ) мақсади асосии санҷишу назорати сифати таҳсилот мегардад.

Бо татбиқи стандартҳои нав на танҳо малакаву маҳорати касбии омӯзгор, балки натиҷаи таълимии хонандагон низ ҳамчун нишондиҳандаи самаранокии раванди таълим шинохта мешавад. Дар низоми нави таълим масъулиятнокии омӯзгорон барои беҳтар гаштани натиҷаҳои таълимии хонандагон ба маротиб зиёд мегардад.

Дар ҷараёни татбиқи маҷмӯи стандартҳо ва барномаҳои фаннӣ омӯзгор шахси калидӣ аст. Аз ин рӯ, самаранокии татбиқи стандартҳои нав ва ҷараёнҳои ислоҳот маҳз ба дарки масъулият, ташаббусу эҷодкорӣ ва маҳорату малакаи омӯзгорон вобаста аст. Масъулияти омӯзгор дар ин ҷараён хеле зиёд буда, ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:

- Ба роҳ мондани таълим дар асоси стандартҳои нав ва барномаи фаннӣ;
- Муҳокимаи масъалаҳои умдатарини татбиқи ислоҳот бо ҳамкорон;
- Муҳокимаи мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо дар ҳамкорӣ бо сарварони муассисаҳои таълимӣ ва идораву шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо;
- Ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо кормандони Барномаи глобалии ҳамкорӣ баҳри рушди маориф ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (мо ба тавсия ва маслиҳатҳои шумо ниёз дорем);
- Таҳияи маводди иловагии таълимӣ ва истифодаи онҳо дар раванди таълим бо ҳамкорон.

Табиист, ки дар марҳалаи ибтидоӣ масъалаҳои зиёд пайдо мегарданд, ки ба истифодаи стандартҳо, барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии нав алоқамананд. Аммо мо бовар дорем, ки батадриҷ, бо роҳи фароҳам сохтани имкониятҳои хуби иштирок дар марҳалаи татбиқи ин ислоҳот дар сатҳи мамлакат омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ пурра омода хоҳанд шуд.

Вазорати маориф ва илм ҳамаи омӯзгорон, сарварони муассисаҳои таълимӣ, кормандони раёсату шуъбаҳои маориф ва тамоми кормандони соҳаи маорифи ҷумҳуриро барои татбиқи ислоҳоти мазкур, ки самаранокӣ ва сифати таълимро барои хонандагон – фарзандони мо таъмин мекунад, даъват менамояд.

# Стандарти фанни санъат ва меҳнат барои синфи чор

## I. Мазмун ва мундариҷаи стандарти фанни санъат ва меҳнат

### 1.1. Мафҳумҳои асосии стандарти фанни санъат ва меҳнат

**Арзёбӣ** – ҷараёни ҷамъоварии маълумот барои баҳодиҳӣ. Навъ ва воситаҳои гуногуни ташкили ҷараёни арзёбӣ вуҷуд доранд. Он барои муайян кардани дараҷаи дастовардҳои таълимии хонандагон имкон медиҳад. Маълумоте, ки тавассути арзёбӣ ҷамъ оварда мешавад, ҳам ба шахсони алоҳида ва ҳам ба муассисаҳои дахлдори соҳа зарур аст. Маълумоти аз арзёбӣ бадастомадаро ба тарзи мухталиф ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, шахсони алоҳида, волидон, хонандагон ва омӯзгорон истифода бурда метавонанд.

**Баҳодиҳӣ** – ҷараёни натиҷагирӣ оид ба дараҷаи мувофиқати дониш, салоҳият, малака ва маҳорати хонанда ба талаботи муқарраркардаи стандарти фаннӣ мебошад. Баҳодиҳӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳо муайян карда шавад.

**Иттиҳодияи методӣ** – яке аз шаклҳои ташкили кори методӣ, паҳн намудани таҷрибаи пешқадам ва такмили ихтисоси муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

**Кори лоиҳавӣ** – машғулияти мустақилонаи гурӯҳи хонандагон буда, берун аз дарс таҳия карда мешавад. Он дар асоси маълумот ва донишу малакаи ҳосилкардаи хонандагон дар марҳилаи муайяни таълим гузаронида мешавад.

**Лавҳаи дарсхона** – «тахтаи синф»; лавҳ –ҳар чизи сатҳаш паҳни сангӣ, чӯбӣ, филизӣ ва ғайра, ки ба рӯйи он хат менависанд ё нақшу нигор мекашанд, фаҳмида мешавад;

**Мақсади таълим** – мақсади таълимии дарс дар асоси натиҷаҳои таълими дарс таҳия карда мешавад. Натиҷаҳои таълим ба қисмҳои хурдтар (мақсади таълим) ҷудо мешаванд, ки ҳамчун зина барои расидан ба натиҷаҳои таълим хизмат мекунанд.

**Малака** – қудрат ва тавоноӣ дар иҷрои коре, ки дар натиҷаи машқу тамрин дар табиати инсон пайдо мешавад.

**Маҳорат** – фаъолияте, ки дар инсон дар натиҷаи таълим ва такрори бисёркарата ҳосил шуда, баъд ба раванди бошуурона табдил меёбад ва инсон минбаъд ҳар як кори худро üдониста иҷро мекунад; моҳирӣ, устодӣ, забардастӣ, ҳунармандӣ ва ғайра маҳорат аст.

**Метод** (юн. methodos-роҳ, тарз, усул, восита, назария, таълимот) - усули назариявӣ ва амалии донистани воқеият; маҷмӯи амалиёт; ташкили бонизоми фаъолияти одамон дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда аст.

**Меъёр** – нишонае, ки дар асоси он баҳодиҳӣ, муайянкунӣ ё таснифи чизе анҷом дода мешавад.

**Нақшаи таълим** – ҳуҷҷатест, ки омӯзиши фанҳои таълим ва тақсимоти солонаи онҳоро барои тамоми давраи таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ муайян менамояд.

**Низоми таълими ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронидашуда** – низоми таълиме, ки дар он қобилияти фардӣ ва таҷрибаи қаблии хонанда ҳамчун меҳвар (тири асосӣ) барои омӯзиши минбаъда заминаи асосӣ нигаронида шудааст.

**Нишондиҳанда** – нишодиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд.

**Портфолио**– аз калимаи итолиёӣ, маънояш ҳуҷҷатҳо, ҳуҷҷатҳои мутахассис аст.

**Портфолиои хонанда** – ҷамъоварии мақсадноки корҳои хонанда, ки саъю кӯшиши ӯро ҳангоми иҷрои корҳо, пешрафт ва дастовардҳои (муваффақиятҳои) ӯро аз рӯйи як ё якчанд фан нишон медиҳанд.

**Принсип** – қоидаҳои асосии таълим, ки мазмун, шаклҳои ташкилӣ ва усули таълимро дар алоқамандӣ бо мақсадҳои умумии тарбия ва меъёрҳои раванди таълим муайян менамояд.

**Раванди таълим** – раванди мақсаднок ва муташаккилонаи ҳосил намудани дониш, маҳорат ва малакаҳо аст.

**Роҳнамои фаннӣ барои татбиқи стандартҳо** – роҳнамои омӯзгор оид ба татбиқи стандартҳо маводди иловагии методӣ мебошад. Он тавсияҳо ва намунаҳоро оид ба тарзи ташкили чараёни таълим фаро гирифта, ба омӯзгор дар самти ташаккули салоҳиятнокии хонандагон ёрӣ мерасонад.

**Салоҳият** – маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайвандест, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешаванд.

**Стандарти фаннӣ** – санадест, ки дар он меъёри дониш, малака, маҳорати хонандагон, мазмуну муҳтавои фаннӣ, методикаи таълими фан, роҳу усули самаранок истифода бурдани вақти ба омӯзиши фан ҷудогардида ва талабот ба тарзи санҷиши дониш аз фанни мазкур ифода гардидааст.

**Стратегия** – роҳу усули ноил гардидан ба мақсад. Роҳ (усул)-и алтернативӣ (ҷойгузин), интихоб, таҳия ва татбиқи барномаро дар назар дорад.

**Акварел** – рангест (одатан ширешдор), ки дар об ҳал шуда, бо об ба осонӣ шуста мешавад. Хусусияти асосии расмҳои бо акварел кашидашуда равшании ранг буда, хосияти коғаз ва тозагии вай аз байни он намудор шуда меистад.

**Аппликатсия** – асари бадеие мебошад, ки бо роҳи часпондан, дӯхтани коғаз, матоъ ва маводди дигар ба болои маводди якранга ва ҳархела иҷро карда мешавад.

**Андозаи сегона** – ба таври дигар онро «абъоди сегона» меноманд. Ин истилоҳ се андозаро дар назар дорад: арз, тӯл, заҳомат, яъне, дарозӣ, бар, ғафсӣ. Ин андозаҳо дар асарҳои муҷассамасозӣ, санъати ороишӣ ва рассомӣ ба назар мерасад.

**Барелеф** – нақши нимбарҷаста, тасвири нимбарҷаста. Нақш ё тасвире, ки аз сатҳи замин ба миқдори ними ғафсӣ (ё баландии) ашёи мавриди тасвир берун ҷастааст.' Масалан, тасвир ё нақши чизе дар рӯйи санг, оҳан ва чӯб.

**Гил** – ҷинсҳои таҳшини мулоиманд, ки аз минералҳои гилин таркиб ёфтаанд. Гил барои тайёр намудани маснуоти сафолин истифода бурда мешавад.

**Гуаш** – ранге, ки дар об ҳамроҳи ширешу белил омехта карда шудааст. Онро асосан барои кашидани расмҳо дар коғаз, шоҳӣ ва ғайра истифода мебаранд, ки ба расм ранги хира медиҳад.

**Дурнамо** – намо ё манзараи дуродур, чашмандоз. Тағйири ашё вобаста ба мавқеи он аз нигоҳи бинанда. Назар ё нигоҳи мо воситаи асосии муайян сохтани дурнамо аст. Ҳар як чиз ҳар қадар аз назари мо дур бошад, ҳамон қадар хурд ба назар мерасад, ҳар як қадар ба мо наздик бошад, ҳамон қадар калон менамояд. Навъи дигари дурнамо, дурнамои ранг ё дурнамои тобиши ранг номида мешавад. Вақте ки ашё аз мо дур қарор гирад, ранги он дар назари мо тиратар метобад, ҳар қадар наздик бошад, ранги он равшантар метобад. Вобаста ба ин хосият муайянии тарҳи ашё низ (дар масофаи дур) дигаргун мешавад.

**Замина** – мавод (материал), яъне, матоъ, коғаз, картон ва сафол, ки дар рӯйи он расм мекашем, санг фулӯз, чӯб, гаҷ ва ғайра, ки дар рӯйи он кандакорӣ мекунем.

**Инъикоси мусовӣ** – яке аз тарзҳои тасвир. Дар муқобили худ айнан такрор шудани нақш ё тасвир. Яъне, ба шакли симметрӣ рӯ ба рӯйи ҳамдигар қарор гирифтани қисматҳои якхелаи нақш.

**Интерйер** – ороиши бадеии меъморӣ буда, барои зебу зиннати дохили мактабҳо, синфҳо ва биноҳо истифода мешавад.

**Кулолӣ**– аз калимаи юнонии «керамос»-«гил», ки номи яке аз маҳалҳои Афина мебошад ва дар он ҷо кулолон зиндагӣ мекарданд, ба вуҷуд омадааст. Баъдтар аз он «кулолӣ» (як навъи санъат)-маснуоти аз гили сӯхташуда пайдо шудааст.

**Колорит (обуранг, тобиш)** – хусусияти умумии рангҳо, таносуби ҳамаи рангҳо ва ҷилоҳои он дар асарҳои бадеӣ, ки ягонагии эҳсоси рангҳоро ба вуҷуд меоранд.

**Композитсия** – тартиб додани асари бадеӣ, яъне дар алоқамандӣ ҷобаҷо гузоштани бузургии шаклҳои асосӣ ва иловагӣ дар шакли интихобкардашуда.

**Манзаранигорӣ** – як навъи санъати рассомист, ки дар он манзараҳои гуногуни табиат ва шаҳру деҳот тасвир мешавад. Рассомеро, ки чунин расмҳои манзаравиро меофарад, манзаранигор меноманд.
**Маркази тарҳ (ё тасвир)** – тасвири симо, пайкар ё ашё, ки нисбат ба унсурҳову ҷузъиёти дигари мусаввара бештар таъкид шудааст ва дар сохти мусаввара мавқеи марказӣ дорад.
**Мозайка** – як навъи санъати монументалӣ ва амалии ороишист, ки онро ба тоҷикӣ хотамкорӣ меноманд ва дар хунари тоҷикон аз қадимулайём маьмул аст. Осори хотамкорӣ бо истифодаи маводди мухталиф аз қабили кошиҳои гуногунранг, сангҳои ранга ва ғайра офарида мешавад. Хотамкорӣ дар осори меъмории Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, Панҷакент ва дигар шаҳрҳои қадимаи мо ба таври фаровон истифода шудааст.
**Натюрморт** – аз калимаҳои франсавии «натур» - асл, табиӣ ва «морт» - шакл.

1. Тасвир аз рӯйи асл бо рангҳо.
2. Мусаввараe, ки меваю ашё, ҷинсҳои берӯҳу беҷонро тасвир менамояд.

**Нақши муқаррас** – нақши такрор, нақше, ки аз ибтидо то интиҳо бо тамоми унсурҳои худ айнан такрор мешавад ва тарҳи мукаммали ороиширо ба вуҷуд меорад. Масалан, ҳошия ё шероза ба ҳамин тариқ ҳосил мегардад. Ин истилоҳро ба русӣ «раппорт» гӯянд.
**Нақша** – дар санъати тасвирӣ аксаран маънии «мавқеъ»-ро дошта, тарзи ҷойгир кардани ашёи мавриди тасвирро дар сатҳи мусаввара ифода мекунад. Он чӣ дар қисмати пеши мусаввара тасвир шудааст, мавқеи аввал, он чи дуртар тасвир гардидааст, мавқеи сонӣ ё мавқеи дувум ном мегирад ва амсоли он.
**Наққошӣ** – як намуди фаъолияти тасвирист. Ин гуна асарҳо ба воситаи рангҳое, ки ба болои чизе мемоланд, сохта мешаванд.
**Намоиши бадеӣ (выставка)** – ташкили намоиши махсуси корҳои эҷодии рассомон, ҳайкалтарошон, наққошон ва дигар ходимони санъати тасвирӣ мебошад.
**Натура (асл)** – дар санъати тасвирӣ ҳама гуна ҳодиса, воқеа ва ашёе, ки рассом бевосита аслро мушоҳида намуда тасвир мекунад, натура (асл) номида мешавад. Ҳамчун қоида фақат этюд, қайдҳои хомакӣ, лавҳа, портрет ва баъзан пейзажро аз асл мекашанд.
**Расми хомакӣ (набросок)** – расмҳои начандон калонҳаҷм, сатҳӣ ва зуд кашидаи рассом.
**Вазифаи асосии расмҳои хомакӣ** – мушоҳидаҳои ҷудогонаро қайд кардан аст; характери таносуб ва ҳаракат, характери муносибат ва мутоқибату алоқамандии рангҳо.
**Орнамент** – аз калимаи лотинии «орнаментум»- «ороиш» гирифта шуда, маънояш нақшу нигор мебошад, ки ба мунтазам ивазшавию пайвастшавии элементҳои геометрӣ ва тасвирӣ асос карда шудааст. Вазифаи асосии нақшу нигор ороиши рӯйи ашё ва нишон додани шакли онҳост. Дар замонҳои қадим нақшу нигор нақши расму оин ва мӯъҷизакориро низ адо менамуд. Якчанд намудҳои нақшу нигор мавҷуд аст: геометрӣ, набототӣ (рустанигӣ) ва ғайра. Ҳар як давр, ҳар як халқу миллат низоми нақшу нигори худро ба вуҷуд овардааст. Аз рӯйи нақшу нигор ҳам давр ва ҳам миллати ба вуҷуд овардаи онро бехато муайян кардан мумкин аст.
**Палитра** – тахтачае, ки рассом дар болои он рангҳои тозаи худро мегузорад, ҳангоми кор онҳоро бо ҳам омехта мекунад, то ки ранги лозимаро ҳосил намояд.
**Таносуб (пропорсия)** – муносибати байниҳамдигарии ҷузъҳои ашё аз рӯйи бузургии он. Дар расмкашӣ риоя намудани таносуб (пропорция ) аҳамияти ҳалкунанда дорад, чунки он асоси тасвири ҳақиқатнигорӣ ва таъсирбахширо ташкил медиҳад.
**Портрет (симо)** – ба ин жанр асарҳои санъати тасвирӣ, ки дар онҳо симои одами алоҳида ё гурӯҳи одамон акс ёфтаанд, дохил мешавад.
**Пейзаж** – калимаи французии «пейзаж», маънои «табиат»-ро дорад. Дар санъати тасвирӣ жанреро чунин меноманд, ки ба азнавбарқароркунии табиат бахшида шудааст.
**Пероя** – ороиш ва зинатҳои заргарии занону духтарон аз қабили гӯшвора, ангуштарин, дастпона, сӯзани қубба, гули сина ва ғайра. Ҳамаи инро перояҳои

занона мегӯянд.
**Расм** – тасвир ва кашидани расм дар сатҳи асосии графика мебошад. Ин тасвир бо ёрии хатҳои контурӣ, раххо, доғҳои равшану хира бо як ё якчанд ранг асосан дар коғаз иҷро карда мешавад; бо қалам, перо, мӯқалам, ангишт ва ғайра кашида мешавад. Хелҳои асосии расмҳои бадеӣ: расмҳои дастгоҳӣ, эскиз, тасвир аз рӯйи асл ва ғ.
**Расмкашӣ аз рӯйи мавзӯъ** – расмкашӣ дар мавзӯи додашуда.
**Расмҳо (картина)** – ин асари санъати тасвирии дастгоҳӣ буда, мақсадро чуқур ва ҳақиқатнигорона таҷассум мекунад. Мафҳуми расмҳо, пеш аз ҳама ба асарҳои характери сюжетӣ дошта мувофиқ меоянд, ки асоси онҳоро тасвири амалиёти одамон ва ҳодисаҳои ҷамъиятӣ ташкил медиҳад.
**Ранг** – воситаи асосии таъсирбахши расм. Ба рассом лозим аст, ки ранг, ҷило ва мувофиқати онҳоро бо зудӣ ҳис кунад ва илмеро, ки рангшиносӣ меноманд, аз худ намояд. Ба ин ё он ранг баҳо дода, баъзан калимаи «гарм» ё «хунук»-ро истифода мебаранд. Ба гурӯҳи рангҳои «гарм» рангҳои сурх, норинҷӣ, зард ва ба гурӯҳи рангҳои «хунук» рангҳои осмонӣ, кабуд, бунафшро дохил мекунанд.
**Рангоб** – маҳлули оҳармонанд аст, ки аз гилмоя ҳосил мекунанд. Он ба сатҳи ашёи сафолӣ молида мешавад. Ин маҳлул ба мақсади пинҳон кардани ранги гили зарф ва тайёр намудани заминаи рангмолӣ истифода мешавад. Он сафеди тираранг аст.
**Сияҳқалам** – тасвирҳое, ки бо қалам ё истифодаи ранги сиёҳу туш нигошта мешаванд (графика).**Санъати ороишӣ – амалӣ (дастӣ)** – санъати сохтани ашёи маишӣ, ки дорои сифатҳои эстетикии бадеӣ мебошад ва на танҳо барои қонеъ гардонидани талаботи бевоситаи зиндагӣ, балки барои ороиши хонаҳо, сохтмонҳои меъморӣ, боғҳо ва ғайра истифода мешаванд.
**Сохтан** – гил ё пластилин маводди хубе барои сохтан мебошанд. Онҳоро бо ҳаракати камтарини панҷаҳо тағйир додан мумкин аст. Бо панҷаҳо кор карданро одат намудан муҳим аст, зеро панҷаҳо асбоби беҳтарин ва ивазнашаванда мебошанд. Белчаро (тахтачаи чӯбин нӯгаш ҳамвори гуногуншакл) танҳо барои кор кардани қисмҳо истифода баред. Корҳои нотамомро бо латтаи тар пӯшонидан лозим аст.
**Тазод** – яке аз воситаҳои ифодаи бадеӣ дар санъати рассомӣ, ки ба василаи он бархӯрди таъсирбахши сояву равшанӣ, тазоди рангҳои тираву назаррабо ҳосил мегардад.
**Тарсим** – амали расмкашӣ. Ин амал пеш аз рангу бори расм анҷом дода мешавад.
**Тарроҳии бадеӣ** – навъи фаъолияти ҳунарӣ, ки аз таҳияи тарҳи маҳсулоти саноатии дорои хосиятҳои эстетикӣ иборат аст ва ба ибораи дигар дизайн мегӯянд.
Шахсеро, ки чунин амалро анҷом медиҳад, тарроҳ меноманд.
**Тартиб додани нақшаи бадеӣ (дизайн– зебосозӣ)** – намуди фаъолияти бадеӣ буда, маснуоти саноатиро, ки хусусияти эстетикӣ дорад, ба нақша мегирад.
**Фон** – қафои фазоии нақшаи расм.
**Фломастер** – асбоби хатнависӣ ва расмкашӣ мебошад, ки рангаш аз дохили он ҷорӣ мешавад.
**Эстетика** – калимаи юнонӣ буда, маъНояш "зебоӣ" мебошад. Илмеро, ки муносибати қимати эстетикии байни одаму олам ва доираи фаъолияти бадеии одамонро ошкор мекунад, меомӯзонад.
**Этюд** – калимаи французӣ буда, маънояш "пешакӣ" мебошад. Расме, ки мақсади асари бадеӣ дар муддати кӯтоҳ ба тарзи хомакӣ кашида мешавад.
**Эскиз** – калимаи французӣ буда, маънои "тарҳ"-ро дорад. Дар санъати тасвирӣ асари бо мақсади омӯзиши он аз тарафи рассом иҷро кардаро меноманд.
**Эҷодиёт** – фаъолияте, ки чизи сифатан нав ва фарққунандаи беназир, оригиналӣ, нодирро ба вуҷуд меоварад. Эҷодиёт ба инсон хос аст.
**Штирх** – хате, ки рассом бо як ҳаракати даст мекашад.
**Конструксия** – аз калимаи лотинии constictio- тартиб додани асари бадеӣ гирифта шуда, дар алоқамандӣ ҷо ба ҷо гузоштани шаклҳои асосиро иҷро мекунад.

**Жанр** – аз калимаи франсавӣ гирифта шуда, ба гурӯҳҳо тақсимшавии ҳамаи намудҳои санъат мебошад, ки таърихан сурат гирифтааст. Масалан, дар санъати тасвирӣ асарҳо дар мавзӯъҳои маишӣ, чеҳранигорӣ, манзаранигорӣ, натюрморт ва ғайра.

## 1.2. ЗАМИНАИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ СТАНДАРТИ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ

Стандарти фанни санъат ва меҳнат барои хонандагони синфи чор дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва сархати 6, банди 7-и Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145 тасдиқ шудааст, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф таҳия гардида, минбаъд барои расонидани ёрии таълимию методӣ барои омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст.

## 1.3. СОҲАИ ИСТИФОДАИ СТАНДАРТИ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ

Доираи татбиқи стандартифанни санъат ва меҳнат хеле васеъ аст. Истифодабарандагони бевоситаи стандартҳо омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ буда, дар марҳалаи банақшагирӣ, таълим ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагон онро ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ истифода мебаранд. Инчунин, мутахассисони зинаи таҳсилоти ибтидоии муассисаҳои дахлдори соҳаи маориф, ки барои расонидани ёрии таълимию методӣ масъуланд, дар кори банақшагирӣ ва татбиқи чорабиниҳо дар самти расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ стандарти мазкурро истифода мебаранд.

Стандарти мазкур дар донишгоҳ ва коллеҷҳои омӯзгорӣ ҳамчун ҳуҷҷати асосии муайянкунандаи мундариҷаи барномаи таълимии курси методикаи таълими фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ истифода мешавад.

Донишкада ва марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони маориф, махсусан шуъба - кафедраҳои таҳсилоти ибтидоӣ омӯзиши стандарти мазкурро дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ташкил мекунанд.

Минбаъд арзёбии салоҳиятҳо (дониш, малака ва маҳорат)-и хонандагони синфи чор дар асоси талаботи стандарти мазкур ба роҳ монда мешавад. Саволу масъалаҳои санҷиши нимсола, солона ва аз синф ба синфгузаронӣ дар асоси салоҳиятҳои дар стандарт ва барномаи таълим муқарраршуда таҳия карда мешаванд.

## 1.4. ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ СТАНДАРТИ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ

Стандарти фанни санъат ва меҳнат дар асоси принсипҳои таълимии зерин таҳия шудааст:

- баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат;
- қонуният, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- ҳатмӣ будани таълими умумии асосӣ;
- дастрасии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар асоси озмун;
- бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, рушди озодонаи шахс;
- муҳаббат ба Ватан, оила ва муҳити зист;
- ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;
- ягонагии фазои маърифатию фарҳангӣ, рушди фарҳанг ва ҳифзи анъанаҳои миллӣ;
- ҷанбаи инсондӯстӣ, демократӣ ва давлатию ҷамъиятии идоракунии соҳаи маориф ва шаффофият дар фаъолияти он;
- раванди муттасили таҳсил;
- ҳавасмандгардонии маърифатнокшавии шахс ва инкишофи истеъдодӣ;

- пайдарҳамии раванди таҳсилот, ки алоқамандии зинаҳои таҳсилот ва ягонагии таълиму тарбияро таъмин месозад;
- ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот.
- **ба қобилияти фардии хонанда диққат додан**. Раванди таълим дар асоси дониш, малака ва маҳорати базавӣ (асосӣ)-и хонанда ба роҳ монда шуда, бояд талаботи маърифатии ӯро қонеъ намояд. Ба эътибор гирифтани қобилияти хонандагон дар иҷрои фаъолиятҳои таълимӣ ва дар заминаи он такмил додани малакаву маҳорати онҳо. Ҳар як хонанда ба дарс бо  дараҷаҳои гуногуни салоҳият меояд. Аз ин лиҳоз, омӯзгор бояд қобилияти муайян кардани сатҳи салоҳиятнокии хонандаро дошта бошад. Омӯзгор барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ  низ масъул аст.

  Таълим ҳамеша самаранок мегардад, агар:
  - хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи базавиашон таълим гиранд;
  - хонандагон мақсаду вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд ва онҳоро иҷро карда тавонанд;
  - раванди  азхудкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;
  - барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;
  - ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъуланд;
  - омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро ба мақсади таҳким ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;
  - ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ дода шавад;
  - раванди таълим ба “чӣ тавр фикр кардан” равона гардад, на ба “оид ба чӣ фикр кардан”;
  - оид ба ҷиҳатҳои суст ва қавии донишу малака ҳама ростқавл бошанд;
  - нокомӣ дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад.
- **ба эътибор гирифтани гуногунзеҳнии хонандагон.** Баъзе хонандагон тавассути амалан иҷро намудан кореро аз худ мекунанд ва баъзеи онҳо тавассути мушоҳида дониш мегиранд. Ба баъзеи хонандагон машғулияти серҳаракат, ба дигарон бошад, баръакс, оромӣ барои таълим гирифтан мусоидат мекунад. Омӯзгорон бояд ба ҳама баробар диққат диҳанд, ёрӣ расонанд ва мувофиқи шавқу завқашон фаъолият таҳия намоянд.
- **ҷанбаи башардӯстӣ доштани раванди таълим.**_Вазифаи омӯзгор танҳо аз додани дониш ва аз бар кунонидани салоҳиятҳо иборат нест. Ӯ барои фароҳам овардани фазои мусоиди таълим, барои ҳамкорию ҳамдигарфаҳмӣ низ масъул аст.
- **инкишофи арзишҳо.** Стандарти мазкур дар баробари салоҳиятҳои таълимӣ инкишофи арзишҳоро ба роҳ мемонад. Ин арзишҳо на танҳо барои аз худ кардани салоҳиятҳои таълимӣ, балки барои тарбияи шаъну шарафи  шаҳрвандӣ низ заруранд.
- **алоқамандии таълим бо ҳаёт.** Стандартҳои нав ташаккули дониш, малакаву маҳоратҳои барои имрӯз ва ояндаи Тоҷикистон заруриро таъмин намуда, таълимро ҳамчун раванди омӯзиш дар тӯли ҳаёт таъкид мекунанд. Низоми нави таълим низ ба мақсади мутобиқ сохтани натиҷаҳои таълим ба талаботи ҳаёт равона мегардад. Яъне дар натиҷаи таълим хонанда дониш, малака ва маҳораташро дар амал барои ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ истифода мебарад.
- **омӯзиш дар тӯли ҳаёт.** Раванди таълим ва инкишоф беохир аст. Шояд барои пурра аз худ кардани баъзе салоҳиятҳо як умр сарф карда шавад ва баъзеашон мумкин аст тамоман аз худ карда нашаванд. Аз ин лиҳоз,“Низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон” раванди омӯзишро дар тӯли ҳаёт тақозо мекунад.

– **арзёбӣ ба мақсади таълим.** Мо бояд мунтазам натиҷаҳои таълимии хонандагонро арзёбӣ намоем, то тавонем усули таълимро тағйир дода, раванди таълимро самараноктар гардонем.

## 1.5. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ СТАНДАРТИ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ СТАНДАРТИ МАЗКУР БА МАҚСАДИ ТАТБИҚИ ТАЛАБОТИ СТАНДАРТИ ДАВЛАТИИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ ВА СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ РУШДИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТО СОЛИ 2020 ТАҲИЯ ШУДААСТ.

Таълими санъат ва меҳнат дар синфҳои ибтидоӣ хусусияти амалӣ дошта, ба талабагон имконияти ташаккули одитарин малакаю маҳорати меҳнатӣ ва рассомиро медиҳад, онҳоро ба корҳои амалӣ, ба ҳаёт омода мекунад.

Мақсади асосии таълими фанни санъат ва меҳнатаз инҳо иборат аст:

- Муайян ва муқаррар кардани маҷмӯи салоҳият (меъёри дониш, малака ва маҳорат)-и хонандагон аз фанни санъат ва меҳнат;
- Ба низом даровардани мазмун, мундариҷа ва раванди банақшагирӣ, таълим ва арзёбии фанни санъат ва меҳнат;
- Муқаррар намудани доираи мавзӯъҳои бобҳои таълими фанни санъат ва меҳнат мувофиқи талабот ва мувофиқат ба инкишофи синнусолии хонандагон.
- Мазмун, мундариҷа ва фаъолиятҳои таълим барои ташаккули салоҳиятнокӣ равона гардида, байни онҳо робитаи қавӣ барқарор намояд;
- Бояд малакаҳои гуногуни фаннӣ ба таври мушаххас ва фарогир пешниҳод гардад. Нишондиҳандаҳои азхудкунии ҳар як салоҳият оварда мешаванд;
- Мазмуну мундариҷа ва миқдори салоҳиятҳо бояд мувофиқи сарбории фан, ки нақшаи таълим муқаррар кардааст, пешниҳод гарданд;
- Мунтазам инкишоф додани малакаю маҳорати меҳнатӣ, рассомӣ, ороишӣ ва эҷодӣ ҳангоми таълиму ҳаёти рӯзмарра;
- Тарбияи меҳнатӣ, эстетикӣ ва касбии мактабиён;
- Шиносоӣ бо асос ва намудҳои санъати графикӣ ва ташаккули малакаю маҳорати тасвири графикӣ;
- Дар хонандагон бедор намудани кӯшишу ғайрат, меҳнатдӯстӣ, ҳисси эҳтиром ба меҳнати худ ва дигарон;
- Омода намудани хонандагон ба иҷрои корҳои мухталиф ба худхизмат;
- Инкишофи қобилияти амалӣ, фикр ва эҷод.

Вазифаи асосии таълиму омӯзиши фанни санъат ва меҳнат ба меҳнат ва зебопарастӣ омода кардани хонандагон мебошад ва ин аз тадбирҳои аввалини таълими политехникӣ дар ин синну сол ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи мақсаднок ва бошуурона омӯхтани ин фан хонандагон ба машғулиятҳои амалии синфҳои минбаъда тайёр мешаванд. Ҳамзамон дар таҳкиму ҳамбастагии меҳнати фикрию ҷисмонӣ нақши хоса гузошта, имконоти васеъ фароҳам меорад, ки хонандагон одитарин малакаю маҳорати меҳнатӣ пайдо намуда, ба корҳои амалӣ ва ба ҳаёт омода гарданд.

Вазифаи ниҳоӣ ва муҳимтарини ин фан ба шогирдон ёд додани фаъолиятҳои одитарини меҳнат, омода намудани онҳо ба меҳнат кардан, расм кашидан, фаҳмиши рангҳо, сохтани шакли ашё аз қисмҳои додашуда, зарурати омӯзиши амалиёти корӣ, эҷод намудан, иҷрои амалҳо ва арзёбӣ мебошад.

– вазифаҳои асосии таълими фанни санъат ва меҳнатинкишофи қобилияти фардии хонандагон;
– дарки зарурати меҳнат ва олами санъати тасвирӣ дар зиндагӣ;
– ташаккули қобилияти эҷодию тахайюли бадеии талабагон;
– шинос намудани хонандагон бо амалиёти марбут ба касбу корҳои меҳнати дастӣ;
– омӯзонидани амалҳо бо унсурҳои фаъолияти меҳнат ва тасвиру ороиш;

– шинос намудани хонандагон бо касбу корҳои марбут ба меҳнати дастӣ ва санъати тасвирӣ;
– дар хонандагон ҳосил намудани меҳру муҳаббат ба меҳнат ва санъати тасвирӣ;
– тарбияи хонандагон дар рӯҳияи эҳтироми меҳнати худ ва меҳнати калонсолон, аҳли заҳмат;
– тарбияи сарфаю сариштакорӣ ва ҳифзи сарватҳои табиӣ дар шогирдон.

## Мавқеи фанни санъат ва меҳнат дар нақшаи таълим

Фанни санъат ва меҳнат барои синфи 4 дар нақшаи таълими такягоҳ ҳамчун фанни ҳатмии таълим дар таркиби соҳаи «Технология (таълими меҳнат)» ҷойгир шуда, ҳаҷми сарбории хонандагон дар давоми соли таҳсил 68 соатро ташкил медиҳад:

| Синф | Миқдори соатҳои ҳафтаина | Миқдори ҳафтаҳо дар давоми соли таҳсил | Миқдори соатҳо дар давоми соли таҳсил |
|---|---|---|---|
| **3** | 2 | 34 | 68 |

Санъат ва меҳнат ҳамчун ҷузъи зебопарастӣ ба талабагон бояд эҷодкорӣ омӯзад, ба дарки нозукиҳои фаъолияти эҷодию созандагӣ водор созад ва меҳри бачагонро нисбат ба намудҳои гуногуни санъат ва меҳнат бедор намояд. Ҳангоми дарси санъат ва меҳнат хонандагон инчунин бояд қобилияти рассомӣ ва ҳунармандии худро ошкор созанд ва такмил диҳанд, хоҳиш пайдо кунанд, ки дар машғулиятҳои эҷодӣ – маҳфилҳои бофандагӣ, рассомӣ, моделсозӣ, дуредгарӣ, дӯзандагӣ, тарроҳӣ, кандакорӣ, суробсозӣ ва ғайра (вобаста аз имкону шароити мактаб) иштирок намоянд.

Меҳнат маҷмӯи амалҳоест, ки тавассути он натиҷаҳо, маҳсуле ба даст оварда мешавад ва барои зисту зиндагонӣ шароит фароҳам меояд. Ҳар як фард бояд малакаю маҳорати меҳнатӣ омӯзад, ба меҳнат омода шавад ва меҳнатро дӯст дорад, зеро ба ин васила ҳам ҷисман ва ҳам рӯҳан ташаккул меёбад.

### II. Салоҳиятҳои фанни санъат ва меҳнат

Фасли мазкури стандарти фанни санъат ва меҳнат хеле муҳим аст. Дар фасли мазкур салоҳиятҳои фанни санъат ва меҳнат мувофиқи самтҳои таълим оварда мешаванд. Салоҳиятҳои ҳамаи фанҳо дорои хусусиятҳои зеринанд:

- аз рӯйи принсипи аз сода ба мураккаб тартиб дода шудаанд. Омӯзгорон метавонанд салоҳиятҳои синфи пешина ва баъдинаро мушоҳида карда, мутаносибан раванди таълимро аз оғоз то анҷом ба нақша гиранд. Ин муносибати спиралии татбиқи барномаи таълим мебошад, яъне салоҳиятҳое, ки дар як синф муаррифӣ шудаанд, дар синфҳои минбаъда такмил дода мешаванд. Дар сатҳи ҳар як синф талабот ба салоҳиятнокӣ мураккабтар мегардад.
- хусусияти арзёбӣ дошта, мушоҳида мешаванд ва азхудкунии салоҳиятҳо тавассути нишондиҳандаҳо муайян мегарданд.
- дар таҳияи салоҳиятҳо усули спиралӣ истифода шудааст, яъне омӯзгор барои хонандагон имконияти салоҳиятнок шуданро фароҳам оварда, дар сатҳи синфҳои минбаъда ба хонанда имконияти ташаккули бештар дода мешавад. Ҳамин тавр, хонанда дараҷаи баландтари салоҳиянокиро азхуд карда, ташаккул медиҳад.

## 2.1. САЛОҲИЯТҲОИ ИҶРОИ АМАЛҲО, ЭҶОД, АРЗЁБӢ

**Салоҳияти иҷрои амалҳо:**
4.1.1. Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.

**Салоҳияти эҷод:**
4.2.1. Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.

**Салоҳияти арзёбӣ:**
4.3.1. Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

## 2.2. БАҲОДИҲИИ САЛОҲИЯТҲОИ ИҶРОИ АМАЛҲО, ЭҶОД, АРЗЁБӢ

Дар фасли мазкур мо тартиб ва воситаҳои арзёбии салоҳиятҳои иҷрои амалҳоро пешниҳод мекунем.

**Салоҳияти иҷрои амалҳо:**
4.1.1. Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*

- ҷадвал, қаламҳои ранга, одӣ, фломастер ва ранг(краска) –и гуаш, мӯқаламро дуруст, бомаврид ва бо боварии комил истифода бурда метавонад;
- 2-3 рангро омехта карда, ранги нав ҳосил мекунад;
- расмҳои ҳайвонот, олами обӣ ва манзараҳои мураккабро бо мӯқалам тасвир карда метавонад;
- ҳиссиёташро ба воситаи тасвирнамоӣ иброз карда метавонад;
- расми тасвиркардаашро бо қаламҳои ранга ва мӯқалам бо тобиши рушноӣ ва сояафканӣ ранг карда метавонад;
- расмҳоро бо қалами сиёҳ бо усули штрих тасвир карда метавонад;
- аз гил пластилин, коғаз, картон ва маснуоти табиӣ ашё, гуногуни мураккабро моделсозӣменамояд;
- бо коғаз ва картон усули оригами ва апликатсияро ба таври васеъ истифода бурда метавонад;
- намудҳои гуногуни ширешро дуруст истифода бурда метавонад;
- қайчиро дуруст истифода бурда метавонад (аз матоъ, ришта, коғаз ва картон қолабҳои мураккабро сарфакорона бурида метавонад);
- коғаз, картон, гил, пластилин, матоъ, ришта, маснуоти табиӣ ва дигар ашёро ҳамчун воситаи ородиҳӣ ба таври васеъ истифода бурда метавонад;
- сӯзанро бо усулҳои гуногун (бо риштаҳои гуногун дӯхтан, гулдӯзӣ кардан, порчаҳои матоъро бо ҳам дӯхтан ва ғ. ) истифода бурда метавонад;
- амалҳояшро пешакӣ бо дарназардошти вақт ба нақша мегирад;
- намунаҳои кори худро такроран айнан ҳосил карда метавонад;
- ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ ҳангоми кор бо асбобҳои зуд ва воситаҳои санъати тасвириву ородиҳӣ риоя мекунад;
- мафҳумҳои фан (фон, эскиз, этюд, штрих, модел ва ғ.)-ро дарк мекунад ва ҳангоми иҷрои супориш ва баёни фикр дуруст истифода мебарад.

**Салоҳияти эҷод:**
4.2.1. Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*

- аз олами атроф барои эҷодиёт ашё ва мавзӯъҳои ба худ писанд интихоб карда метавонад;
- ҳиссиёти худро бо воситаҳои гуногуни санъат иброз менамояд;

дар доираи мавзӯъҳои гуногуни тахайюлӣ ғоя (идея)-ҳои наву мураккаб эъҷод менамояд ва онро шарҳ медиҳад.

**Салоҳияти арзёбӣ:**

4.3.1. Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*

- намунаҳои эҷодиёти тахайюлиро таҳлил, тафсир ва муқоиса намуда, хулоса мебарорад;
- ба натиҷаи кори худ баҳо дода, онро шарҳ дода метавонад;
- намудҳои васеъи меҳнатро фарқ карда, онро қадр карда метавонад;
- моҳият ва таъсири намудҳои сантъати тасвириро дарк карда, муносибати худро нисбат ба ин намунаҳо шарҳ медиҳад.

## 2.3. САЛОҲИЯТҲОИ ТАРБИЯВӢ-АХЛОҚӢ

Таълиму тарбия дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ. Азбаски хонандагон қобилиятҳои гуногун доранд, мо бояд пешрафти хонандаро берун аз салоҳиятҳои фаннӣ низ эътироф намоем. Дар намунаи ҳисоботи дар боло омада сутуне барои нишон додани кӯшишу ғайрати хонанда омадааст. Кӯшишу ғайрат ҳам бо низоми 5 (10, 20, 100) - балла баҳогузорӣ карда мешавад.

Барои қайди муносибати хонанда ба омӯзиш корти ҳисоботи хонанда истифода карда мешавад, ки қисмҳои зеринро дар бар мегирад.

Дар омӯзиши ҳар фан хислатҳои зерин нақши асосиро мебозанд.

| **Худро идора карда тавонистан** | м | о | б |
|---|---|---|---|
| Мустақилият нишон медиҳад | ▯ | | |
| Интизориҳои баланд дорад | | ▯ | |
| Барои таваккал кардан омода аст | ▯ | | |
| Тобовар аст | | ▯ | |
| **Муносибат бо дигарон** | | | |
| Аҳамият медиҳад | | ▯ | |
| Таҳаммулпазир аст | | ▯ | |
| Ҳамкорӣ менамояд | | ▯ | |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | | | |
| Эътимод нишон медиҳад | ▯ | | |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | | ▯ | |
| Фаъол аст | | ▯ | |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мегардад | ▯ | | |
| **Андешаронӣ** | | | |
| Фикррони дараҷаи баланд дорад | | ▯ | |
| Эҷодкорӣ | | ▯ | |

мунтазам
одатан
баъзан

## 2.4. НИШОНДИҲАНДАҲОИ ХИСЛАТҲО

Дар ҷадвали зер нишондиҳандаҳое оварда шудаанд, ки хонандагони болаёқатро тавсиф менамояд. Ин нишондиҳандаҳо то андозаи муайян хусусияти инфиродӣ доранд. Ҳангоми арзёбӣ омӯзгор нишондиҳандаҳои зеринро ба эътибор мегирад.

| **Хислат** | **Нишондиҳанда (ё муайянкунанда)** – Хонанда |
|---|---|
| **Худро идора намудан** | |
| Мустақилият нишон додан | Бе ёрии дигарон кор мекунад ва агар ёрӣ лозим шавад, пеш аз кумак пурсидан барои ҳалли ҳама гуна мушкилӣ аввал худ кӯшиш ба харҷ медиҳад. |
| Интизориҳои баланд дорад. | Ҳангоми иҷрои супорише ҳадаф мегузорад, ки натиҷааш босифат бошад бо интизории он, ки меъёрҳои баҳодиҳиро аз худ менамояд ва аз он ҳам болотар ноил мешавад. Агар вазифа ё супориш аз тарафи омӯзгор арзёбӣ нашавад ҳам, хонанда дар пеши худ меъёрҳои баланд мегузорад, то кори |

| | |
|---|---|
| | ӯ ҳамчун як муваффақият арзёбӣ шавад. |
| Ба таваккал кардан (дар омӯзиш) омода аст. | Зарурати таҷриба намудани ашёро эътироф менамояд, ҳарчанд он қисман ба нокомӣ ё танқид мебарад. Аммо ин хавфҳо хавфҳои асосноке бошанд, ки ба бехатарии шахсӣ мушкилӣ эҷод накунанд. |
| Тобовар аст | Бо вуҷуди мушкилот, ноумед намешавад ва кӯшиш мекунад, ки вазифаҳоро ба анҷом расонад. |
| Бовиҷдон аст | Арзишҳои худро ҳамеша, новобаста аз вазъият ҳифз менамояд. Арзишҳо инҳоянд:<br>– дар амалҳояш ростқавл аст;<br>– меҳрубонӣ зоҳир мекунад;<br>– адолатро риоя мекунад;<br>– ҳакгӯ аст;<br>– дар рафтору амал масъулиятшинос аст;<br>– дар амалҳояш шаффофиро риоя мекунад (ба истиснои ҳолотҳои номутобиқ);<br>– дар сахтиҳо далерӣ нишон медиҳад;<br>– фарҳанги худ ва дигаронро эҳтиром мекунад. |
| **Муносибат бо дигарон** | |
| Аҳамият медиҳад | Вақте бо дигарон кор мекунад, ба ниёзҳои онҳо аҳамият медиҳад (масалан дигаронро гӯш мекунад, сухани онҳоро намебурад). |
| Таҳамулпазир аст | Ақида ва фарҳанги шахсони гуногунро қабул мекунад (ин маънои онро надорад, ки мо аз ин суиистифода кунем). |
| Ҳамкорӣ менамояд | Хамкорӣ мекунад, ба дигарон барои саҳмгузоштан дар иҷрои супоришҳо имкон медиҳад. |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | |
| Эътимод нишон медиҳад | Ҳангоми пурсиш ақидаашро иброз медорад ва барои иҷрои супориш на ҳамеша аз дигарон меҷӯяд. |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | Ҳангоми иҷрои фаъолиятҳо оқибатҳои онро ба зимма мегирад. Агар аз ӯ хоҳиш кунанд, масъулиятро ба дӯш мегирад. |
| Фаъол аст | Ғайрифаъол нест, баръакс кӯшиш мекунад, саҳми худро гузорад. |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мегардад | Пеш аз ҳар гуна фаъолият мақсаде мегузорад, ки ба ҳалли вазифаи додашуда марбут аст. |
| **Андешаронӣ** | |
| Фикрронии дараҷаи баланд | Барои анҷом додани вазифаҳо малакаҳои фикрронии баландро истифода мебарад. |
| Эҷодкорӣ | Фикрҳои тоза пешниҳод мекунад. |

## 2.5. Салоҳиятнокии омӯзгорон

Барои татбиқи стандарт ва барномаи нави фанни санъат ва меҳнат омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд дониш, малака ва маҳорати зеринро дошта бошад:

- назария ва принсипҳои низоми таълими салоҳиятнокиро донад ва ҷанбаҳои татбиқи амалии онро дар раванди таълим шарҳ дода тавонад;
- тарзи ба нақшагирӣ ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагонро донад ва ҳангоми раванди таълим истифода барад;
- усулҳои таълимиеро, ки барои ташаккули салоҳиятнокии хонанда мусоидат мекунад донад ва усули мувофиқро интихоб карда тавонад;

– усул ва воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро барои муайян кардани сатҳи азхудкунии салоҳиятҳо истифода бурда тавонад;
– натиҷаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро ба мақсади қабули қарори мувофиқ истифода бурда тавонад;
– роҳу воситаҳои самараноки ба хонандагон барои салоҳиятнок шудан ёрӣ расониданро донад ва дар раванди таълим истифода барад.

## III. Ташкили раванди таълими салоҳиятнокӣ аз фанни санъат ва меҳнат барои синфи 4-ум

Аксари низомҳои таълими анъанавӣ ба азхудкунии мавзӯъ нигаронида шудаанд, яъне омӯзгорон хонандагонро ба аз худ кардани мавзӯъ ва аз ёд кардани маълумот водор менамоянд. Чунин муносибат ба таълим дар гузашта мутобиқ буд, аммо дар замони ҳозира, ки андозаи дониш босуръат зиёд мегардад, дар раванди таълим диққати асосӣ бояд ба ташаккули малакаҳои омӯзишии хонандагон равона гардад, то онҳо тавонанд дониши зарурӣ ва маълумоти мушаххасро интихоб ва истифода баранд.

Акнун барои омӯзгорон "хонандагон чиро меомӯзанд?", "чӣ тавр меомӯзанд?" ва "ба хонандагон чиҳоро меомӯзонанд?" муҳимтар аст. Барои баъзеҳо омӯзондан ва омӯхтан (аз худ кардан) як маъно дорад, аммо бояд дар хотир дошт, ки агар омӯзгор нодуруст дарс диҳад, ҳатто дар ҳолати дарси зиёд додан ҳам, азхудкунӣ наметавонад самарабахш бошад.

Дар низоми таълим ва арзёбии салоҳиятнокӣ ба дониш, малака ва маҳоратҳои воқеии хонандагон диққати махсус дода мешавад. Салоҳиятҳо фаъолиятҳоеро, ки хонандагон дар натиҷаи омӯхтан аз худ мекунанд, нишон медиҳанд.

Барои муайян кардани он ки оё хонанда салоҳиятҳоро аз худ кардааст ё не, барои ҳар салоҳият нишондиҳандаҳои он оварда мешавад. Нишодиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд. Онҳо ба шумо имкони мушоҳида ва арзёбӣ карданро фароҳам оварда, нишон медиҳанд, ки то кадом андоза хонанда салоҳиятро аз худ кардааст. Тартиб додани рӯйхати пурраи нишондиҳандаҳо барои баъзе салоҳиятҳо имконнопазир аст, шояд шумораи онҳо ба садҳо нишондиҳанда расад ва миқдори онҳо вобаста ба нуктаи оғози инкишофи салоҳиятнокӣ ва вобаста ба сатҳи синф фарқ кунад.

Дар гузашта самтҳои гуногуни раванди таълим (таҳия ва татбиқи нақшаи тақвим) бештар назорат ва мушоҳида карда мешуд. Акнун натиҷаҳои таълимии хонандагон ва раванди омӯзиши онҳо бештар назорат карда мешаванд. Аз байн бурдани навъҳои дигари назорат дар ҳолате амалӣ мегардад, ки агар:

1) муассисаи таълимӣ ва омӯзгорон самаранок ба низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон гузаранд.
2) тартиби ҷамъоварии маълумоти дуруст, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳоро нишон медиҳад, ба роҳ монда шавад.

Ба омӯзгорон озодии бештар дода, ҳамзамон масъулияти онҳо барои беҳтар шудани дастовардҳои таълимии хонандагон зиёд мегардад. Ин чунин маъно дорад, ки арзёбии салоҳиятҳо қисми асосии ислоҳот маҳсуб меёбад.

Акнун барои омӯзгор танҳо донистани мундариҷаи фан кифоя нест. Омӯзгорон бояд дар асоси таҷриба, омӯзиши методикаи таълим, азхудкунии назарияи таълим ва маълумот оид ба ҳар як хонандаи синф барои инкишоф додани салоҳиятҳои онҳо ва таъмини пешравӣ ҷараёни таълимро ба роҳ монанд.

### 3.1. Ба хусусиятҳои фардии хонанда диққат додан

Стандарту барномаҳои нави таълим ташаккули натиҷаҳои таълимии ҳамаи хонандагонро новобаста аз қобилият ва вазъи иҷтимоӣ дастгирӣ менамоянд. Стандарт ва барномаи мазкур ақидаеро, ки тибқи он ба ҳамаи хонандагон талаботи ягона гузошта шавад, дастгирӣ намекунад. Он ақидаеро дастгирӣ менамояд, ки дар он ҳар як хонанда

дорои маҷмӯи таҷрибаи мушаххас, инчунин дараҷаҳои гуногуни салоҳият аст. Омӯзгорон барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳозӣ касбӣ ва ахлоқӣ масъуланд.

Самаранокии таълим тавассути ташаккули натиҷаҳои таълимии тамоми аҳли синф муайян карда мешавад, на дастовардҳои таълимии якчанд хонанда. Барои амалӣ сохтани мақсади мазкур омӯзгорон бояд тарзи муайян намудани сатҳи дониши мавҷудаи хонанда ва сатҳи ниҳоии азхудкунии салоҳиятҳои ҳар як хонандаро истифода бурда тавонанд.

### 3.2. Принсипҳои таълими самаранок

Таълим ҳамеша самаранок мегардад, агар:

- хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи базавиашон инкишоф ёбанд;
- хонандагон мақсади вазифаҳои таълимии гузоштаашударо дарк кунанд;
- мақсади таълим барои хонандагон фаҳмо бошад;
- вазифаҳои таълим мувофиқи қобилияти хонандагон таҳия шаванд;
- раванди азхудкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;
- барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;
- омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро ба мақсади таҳким ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;
- ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъулият дошта бошанд;
- омӯзгорон усулҳои гуногунро ба мақсади такрор ва дар хотир нигоҳ доштани донишу малака истифода баранд;
- ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ кардан диҳанд;
- раванди таълим ба “чӣ тавр фикр кардан” равона гардад, на ба“оид ба чӣ фикр кардан”;
- ҳама оид ба ҳаҷми донишу малакаашон ростқавл бошанд;
- нокомӣ дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад;
- омӯзгор раванди омӯзишро дарк кунад ва донад, ки таълим чӣ тавр бояд ба роҳ монда шавад ва онро доимо назорат кунад.

### 3.3. Алоқамандии байнифаннӣ

Ҳудудҳое, ки байни фанҳои синфҳои ибтидоӣ эҷод шудаанд, қисман сунъиянд, аммо барои ташкили ҷараёни таълим заруранд. Дар асл шахс дар ҳолате ки агар якчанд фанро дар як замон омӯзад, таълими хубтар мегирад. Бо назардошти ин фоидае, ки аз истифодаи алоқамандии фанҳо ба даст меояд (асосан алоқамандии байнифаннӣ ном бурда мешавад), Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон онро ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд.

Намунаи алоқамандии байнифаннӣ дар синфҳои ибтидоӣ чунин аст; омӯзгор дар синф бо хонандагон бозии “Танграм”-ро мегузаронад. Аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки ба расми дар тахтаи синф буда назар кунанд. Бо хонандагон оид ба расм суҳбат ташкил мекунад ва ҷараёни эҷодкорӣ оғоз мегардад.

Бозии «Танграм». Бо рафиқатон аз рӯйи квадрати мазкур расмҳоро тартиб диҳед:

а) Коғаз ё картонро бо шакли квадрат бибуред.

б) Аз рӯйи расми 1 онро тақсим карда, шаклҳои геометриро ҳосил намоед.

в) Аз шаклҳои бурида расми ягон ашёро созед.





( расми 1)



Хонандагон дар самтҳои зерин салоҳият пайдо мекунанд:

1) Шиносӣ бо бозии «Танграм» (забони тоҷикӣ);
2) Ҳисоб кардани миқдори расмҳо (математика);
3) Кор бо шаклҳои геометрӣ (Забони тоҷикӣ–гуфтан);
4) Муқоиса кардани расмҳо (математика).

Дар асл ҳангоми таълими ҳамагуна мавзӯъ мо ҳамеша якчанд салоҳияти фанҳои мухталифро ташаккул медиҳем. Омӯзгори соҳибтаҷриба инро дарк карда, кӯшиш мекунад, ки мавзӯъҳоеро фаро гирад, ки салоҳиятҳои якчанд фанро дар як вақт машқ ва ташаккул диҳад. Аммо чунин навъи таълим мавзӯъ ва усули мухталифи ба нақшагириро тақозо мекунад.

## IV. Методикаи таълими фанни санъат ва меҳнат дар синфи 4

Фанни санъат ва меҳнатдар синфҳои ибтидоӣ таълим дода шуда, таълими якҷояи фанҳои пештараи санъати тасвирӣ ва таълими меҳнатро дар бар мегирад.

Дар равиши дарси мазкур хонандагон ҳам расм мекашанд ва ҳам дар заминаи ҳамон ашё таълими меҳнатро иҷро менамоянд. Яъне ҳар як дарс тахминан ба ду қисм тақсим мешавад: қисми аввал – расмкашӣ ва қисмати 2 меҳнат ё баръакс. Вале мазмуни дарс ва тарзи ташкили он ба мавзӯъ вобаста аст. Агар ҳаҷми кор зиёдтар бошад, муаллим метавонад як дарси пурраро ба санъати тасвирӣ ва ё ба таълими меҳнат бахшад.

Яке аз вазифаҳои асосии омӯзиши фанни санъат ва меҳнат ин инкишоф додани образҳои бадеии хонандагон, ба меҳнат ва зебоофарию зебопарастӣ ва ба эҷодкорӣ ҳидоят намудани онҳо мебошад. Фароҳам овардани шароити мувофиқ, муҳайё намудани таҷҳизот ва маводди кор, дуруст, мақсаднок ва мунтазаму бошуурона ба роҳ мондани омӯзиши фанни санъат ва меҳнат хонандагонро ба машғулиятҳои амалии синфҳои минбаъда тайёр менамояд, ки аз тадбирҳои аввалини таълими технология дар доираи мактаби маълумоти умумӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин, дар хонандагон одитарин малакаю маҳорати меҳнатӣ ва рассомӣ ташаккул ёфта, ба корҳои амалӣ, ба ҳаёт омода мешаванд. Вобаста ба малакаҳои меҳнативу рассомӣ фанни мазкур ба чор самти зерин тақсим карда шудааст:

– Корҳои тасвирӣ;
– Кор бо коғаз ва картон;

- Кор бо маводди табиӣ ва пластилин;
- Кор бо ришта ва матоъ.

## Методикаи таълими корҳои тасвирӣ

Тавассути расмкашӣ дар хонандагон хаёли эҷодӣ ва тафаккури аёнӣ-образӣ инкишоф дода мешавад. Корҳои тасвириро шартан ба панҷ гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

**Тасвир аз рӯйи мушоҳида.** Ҳангоми тасвир аз рӯйи мушоҳида бештар қобилиятҳои дуруст интихоб карда тавонистани ранг, бо мутаносиби дуруст ва монанд тасвир кардани ашё аҳамият дода шавад. Ҳангоми таълим додан аз рӯйи мушоҳида кӯшиш бояд кард, ки ҳар як қадами тасвирро дар тахтаи синф нишон дода, тарзи дуруст тасвир кардани он шарҳ дода шавад. Дар ин намуди дарс хонандагон бояд ҳарчи зиёдтар ба кори омӯзгор монанд тасвир карданро омӯзанд. Барои ҳамин ҳар як қадами омӯзгор бояд аз сода ба мураккаб буда, равшан ва фаҳмо бошанд, инчунин, қобилиятҳои синну солии хонандагон ба назар гирифта шаванд.

**Тасвир аз рӯйи мазмуни матн.** Ҳангоми тасвир аз рӯйи мазмуни матн хонандагон он чизеро, ки аз хондани матн фаҳмидаанд, тасвир менамоянд. Дар ин намуди фаъолият омӯзгор ба хонандагон роҳнамоӣ намекунад. Яъне, ин намуди фаъолият бештар ба эҷодкории хонанда равона мешавад. Танҳо расм бояд ба мазмуни матн мувофиқат кунад ва хонанда расми тасвиркардаашро шарҳ дода тавонад. Матнҳоро аз китобҳои дарсӣ, бадеӣ, ё афсонаҳо интихоб кардан мумкин аст.

**Нақл эҷод кардан аз рӯйи расм**. Ин намуди фаъолият ҳам аз эҷодкории хонанда вобаста мебошад. Омӯзгор метавонад, аз рӯйи як расм нақл эҷод карда, ба хонандагон ҳамчун намуна фаҳмонад. Сипас метавонад хонандагонро ба гурӯҳҳо тақсим намуда, супориш диҳад, ки аз рӯйи расмҳои гуногун нақл эҷод намоянд. Дар ин намуди фаъолият хонандагон дарк кардани мазмуни расмҳоро ёд мегиранд.

**Тасвири озод аз образҳо (тасаввурот).** Дар ин намуди фаъолият хонандагон пурра аз хаёли худ расм тасвир менамоянд. Омӯзгор метавонад танҳо мавзӯъро пешниҳод намояд. Масалан, мавзӯи «Тоҷикистон дар ояндаҳои дур». Хонандагон хаёлан Тоҷикистонро дар оянда тасаввур карда, расми онро тасвир менамоянд. Дар ин намуди фаъолият омӯзгор бояд бештар ба тасаввурот ва қобилияти эҷодии хонанда диққат диҳад, на ба малакаҳои рассомии ӯ. Яъне расм зебо ҳам набошад, бояд вай ягон ғояи нав дошта бошад. Инчунин, хонанда расми эҷодкардаашро шарҳ дода тавонад, ҳангоми арзёбӣ аз тарафи омӯзгор ба назар гирифта шавад.

**Тасвир ҳамчун ороиш.** Дар ин намуди фаъолият тамоми намуди тасвирҳо ва рангкуниҳо бо мақсади оро додан истифода бурда мешаванд. Масалан, нақшу нигорҳо, рангин кардани ягон чизи худсохт ва ғ. Омӯзгор моҳияти оро доданро фаҳмонда, чӣ тарз оро додани баъзе ашё, масалан, чойнику пиёларо нишон медиҳад. Хонандагон мустақилона аз хаёлоти худ нақшу нигорҳоро эҷод менамоянд.

**Натиҷаҳои омӯзиш:**
- Муайян ва тафсир намудани салоҳиятҳои тасвир кардан;
- Интихоб ва истифода бурдани методҳои мувофиқ барои ташаккули малака ва маҳорати тасвир кардан;
- Ба нақша гирифтани дарсҳои фанни санъат ва меҳнат дар асоси стандартҳо, роҳнамои омӯзгор ва замима ба китобҳои дарсӣ.

**Методикаи таълими кор бо коғаз ва картон**

Аз лаҳзаҳои аввали таълими фанни санъат ва меҳнат моро лозим меояд, ки оид ба намудҳои гуногуни коғаз мавқеъ, сифат ва аҳамияти он маълумот диҳем. Донистани хусусиятҳои коғаз ба шахс имконият медиҳад, ки онҳо меҳнати дастии худро бо сифати баланд иҷро намоянд. Ба намудҳои коғазу картон нигоҳ карда истода, ба хонандагон

сифатҳои асосии картонро фаҳмондан зарур аст. Картон ҳам мисли коғаз ғафс, тунук, ҳамвор, сахт, дурушт, дағал, қатшаванда, қатнашаванда, тезшикананда, чилодор ва ранга шуда метавонад. Донистани сифатҳои коғазу картон таассуроти шахсро бой мегардонад.

Дар коғаз, пул, китоб, дафтар, албом,чипта, расм, харита ва ғайра чоп мешавад. Коғази зардеворӣ барои ороиши хонаҳо истифода бурда мешавад. Дар коғази аксчопкунӣ суратгир акс чоп мекунад. Коғази чиндор барои сохтани гулҳои гуногун истифода бурда мешавад. Умуман коғаз дар ҳамаи соҳаҳо васеъ истифода бурда мешавад ва дар дунё маводди дигаре мисли коғаз нест, ки дар ҳамаи соҳаҳо муҳим бошад.

Сарфакорона истифода бурдани коғазу картон ва риояи қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми кор бо коғаз ва картонро ба кӯдакон фаҳмондан зарур мебошад. Ҳангоми фаъолияти бо картон бештар усулҳои зерин истифода бурда мешаванд:

**Сохтан бо роҳи буридан, ширеш кардан.** Ин намуди фаъолият бо истифода аз қайчӣ ва ширеш ба роҳ монда мешавад. Масалан, сохтани қуттичаҳо, макетҳо, хоначаҳо, мошинҳо ва ғ. Яъне дар сохтани ин намуди ашё, албатта қайчӣ ва ширеш истифода бурда мешаванд. Омӯзгор сохтани онро бояд қадам ба қадам нишон дода, тарзи дуруст иҷро намудани қадамҳоро аз тарафи хонандагон назорат кунад ва ба хонандагоне, ки дар иҷрои фаъолият душворӣ мекашанд, кумак кунад, ё ба назди хонандаи нисбатан фаъолтар шинонда, ба ӯ вобаста кунад.

**Сохтан бо роҳи қаткунӣ (усули оригами).** Дар ин намуди фаъолият қайчӣ ва ширеш тамоман истифода бурда намешаванд. Яъне, фаъолият танҳо бо усули қат кардани коғаз иҷро карда мешавад. Ин намуди фаъолиятро ҳам омӯзгор бояд қадам ба қадам ба хонандагон нишон диҳад. Инчунин омӯзгор тарзи аз рӯйи схемаҳо сохтанро ба хонандагон омӯзонад. Мазмуни хатчаҳо ва тирчаҳоро фаҳмонад.

**Гулмонӣ (апликатсия) аз коғаз.** Ин намуди фаъолият бо роҳи буридан ва ширеш кардан истифода бурда мешавад. Фарқияти ин усул аз усули якум дар он аст, ки дар ин намуди фаъолият ашё сохта намешавад, балки тавассути он манзараҳои зебо ё гулҳо омода карда мешаванд. Яъне, аз як намуди коғаз гул, барг, ё ягон ашёи дигар бурида шуда, ба коғази дигар ширеш карда мешавад.

Масалан, омӯзгор якчанд намуди омода намудани гулҳоро қадам ба қадам ба хонандагон нишон дода, сипас ба онҳо супориш медиҳад, ки худашон ягон гулро эҷод намоянд. Супориш бояд ба қобилияти эҷодии хонандагон равона карда шавад.

**Сохтан бо усулҳои омехта.** Дар ин намуди фаъолият ҳама намуди амалиёт бо коғаз якбора истифода бурда мешаванд. Ин фаъолият бештар барои омода намуди табрикномаҳо, бозичаҳо ва ашёи ороишӣ аз коғазу картон истифода бурда мешавад. Дар ин ҷо ҳам усули буридану ширеш кардан ва ҳам усули қаткуниро якбора истифода бурдан мумкин аст. Омӯзгор намунаҳоро қадам ба қадам ба хонандагон нишон медиҳад.

**Усули оҳардиҳӣ.** Ин усул васл кардани коғаз бо оҳар (хамира), ё ширеш мебошад. Бо ин усул зарфҳо, шакли меваю сабзавот, суроби ҳайвонот ва парандаҳоро низ сохтан мумкин аст. Ҳангоми омӯхтани ин усул қадам ба қадам тарзи васл намудани коғазро ба хонандагон нишон диҳед. Ин намуди фаъолиятро хонандагон мустақилона ва дар гурӯҳҳои хурд иҷро карда метавонанд.

**Натиҷаҳои омӯзиш:**

- интихоб ва истифода бурдани усулҳои гуногуни кор бо коғаз бо мақсади ташаккули салоҳиятҳои хонандагон;
- ба нақша гирифтани дарсҳои фанни санъат ва меҳнат дар асоси стандартҳо, роҳнамои омӯзгор ва замима ба китобҳои дарсӣ.

**Методикаи таълими кор бо пластилин ва маводди табиӣ**

Ба маснуоти табиӣ барги гул, чӯбчаҳои дарахтон, ҷалғӯза, пӯчоқи чормағз, писта, зироатҳо, сангчаҳо ва ғайра дохил мешаванд. Ин намуди фаъолият барои инкишофи тафаккури эҷодӣ ва моторикаи хурд (ҳаракати панҷаҳо)-и кӯдак мусоидат менамояд.

**Аз пластилин ва маводди табиӣ сохтани бозичаҳо ва ашё.** Ин намуди фаъолиятро бо роҳҳои гуногун истифода бурдан мумкин аст. Мо метавонем танҳо аз маводди табиӣ ашё созем, ё роҳи дигараш, истифода бурдани пластилин ва маводди табиӣ дар якҷоягӣ.
Ин намуди фаъолият низ дар шакли қадам ба қадам омӯхтан сурат мегирад. Шумо метавонед, хонандагонро ба гурӯҳҳо тақсим намуда, ба ҳар гурӯҳ супоришҳои гуногун диҳед. Масалан, як гурӯҳ метавонад сабзавот, гурӯҳи дигар меваҳоро созанд .

**Аппликатсия бо пластилин, ғалладонаҳо ва сангчаҳо.** Ин усулро бештар дар болои картон истифода бурдан мумкин аст. Шумо метавонед, бо тамоми намуди зироатҳо, пластилин сангчаҳо ва ҳатто макарон манзараҳо ва расмҳои зеборо омода намоед. Дар ин намуди фаъолият омӯзгор баъзе намунаҳоро ба хонандагон нишон медиҳад. Сипас, онҳо худашон бо ин усул манзара ва расмҳои навро эҷод менамоянд. Ин усулро бо мақсади оро додани ягон ашё ҳам истифода бурдан мумкин аст. Масалан, бо ғалладонаҳо, ё сангчаҳо кӯза, табақ ва чойникро бо усули ширешкунӣ оро додан мумкин аст.

**Натиҷаҳои омӯзиш:**

- интихоб ва истифода бурдани усулҳои гуногуни кор бо пластилин ва маводди табиӣ бо мақсади ташаккули салоҳиятҳои хонандагон;
- ба нақша гирифтани дарсҳои фанни санъат ва меҳнат дар асоси стандартҳо, роҳнамои омӯзгор ва замима ба китобҳои дарсӣ.

**Методикаи таълими кор бо ришта ва матоъ**

**Маълумот дар бораи матоъҳо**

Усулҳои тайёр намудани матоъ ба одамон ҳанӯз аз замонҳои хеле қадим маъмул аст. Кофтуковҳои бостоншиносон шаҳодат медиҳанд, ки аҷдодони мо дар асрҳои **XV** пеш аз мелод ба бофандагӣ, яъне тайёр кардани матоъ машғул буданд.

Техникаи корҳои ресандагию бофандагӣ солиёни зиёд дастӣ амалӣ гардида, танҳо дар асрҳои миёна бо истифода аз технологияи нав рӯ ба тараққӣ ниҳод. Аз дуку чарха то дастгоҳҳо, аз дастгоҳҳо то техникаи одӣ, аз он то дастгоҳҳои механикию автоматии пуриқтидор такмил дода шуд.

Маснуоти асосии корҳои бофандагӣ: пахта, мӯина, пилла, зағирпоя, канаб, бангдона, чут (гиёҳест, ки дар Ҳиндустон мерӯяд ва аз он матоъҳои дағал ва ресмону банд тайёр мекунанд) ва ғайра. Аз моддаҳои кимиёвӣ низ матоъ тайёр мешавад.

Матоъ вобаста ба маснуоти кор ба навъҳои аслӣ ва сунъӣ ҷудо мешавад. Ба гурӯҳи матоъҳои аслӣ матоъҳое дохил мешавад, ки аз нахҳои табиӣ ( яъне, аз пахта, пилла, мӯина, зағирпоя, канаб, бангдона) бофта шудаанд. Суф, чит, сатин, шоҳӣ, атлас барин матоъҳо аз нахҳои табиӣ бофта мешаванд.

**Матоъ мувофиқи тартиби зайл тайёр мешавад:**

а) маснуъоти бофандагиро кишт, парвариш ва тоза мекунанд;
б) калоба мекунанд;
в) аз калоба ресмон мересанд;
г) аз ресмон матоъ мебофанд.

**Фарқият ва монандии коғазу матоъ.**

Муаллим ба хонандагон оид ба якчанд фарқияту монандии коғазу матоъ маълумот медиҳад:

- коғазу матоъ маводди тунуканд, ғафсии онҳо дар муқоиса бо бар ва дарозӣ беохир аст.

– коғазу матоъ маводеанд, ки аз наххо иборатанд, танҳо дар коғаз ин наххо омехтаанд, дар матоъ наххо ба монанди тору пуд омадаанд.

– ҳангоми иҷрои корҳо бо коғаз ва ҳам бо матоъ қайчӣ истифода бурда мешавад.

– коғазу матоъ маводеанд, ки ба воситаи дӯхтан, ширеш кардан пайваст мешаванд. Агар лозим шавад, дар болои коғаз ва матоъ расмҳои гуногун чоп мекунанд, ороиш медиҳанд ва рангубор мекунанд.

**Ҳангоми кор бо матоъ ба хонандагон қоидаҳои бехатарии истифодаи сӯзан, ришта ва қайчиро фаҳмондан зарур мебошад.**

**Пора кардан.** Буридани матоъ ҳам ба буридани коғаз монанд аст. Ҳангоми омӯхтани буридани матоъ тарзи дуруст қапидани қайчӣ, чен кардан бо ҷадвалро ба хонандагон омӯзонед.

**Гулдӯзӣ.** Ҳангоми омӯхтани ин усул аввал бо қалам дар рӯйи матоъ тасвир намудани нақшу нигорҳоро нишон диҳед, баъд тарзи дуруст дӯхтани онро нишон диҳед.

**Истифода бурдани латтапораҳо ва либосҳои нодаркорӣ.** Дар синфҳои ибтидоӣ омӯхтани тарзи эҷодкорона истифода бурдани латтапораҳо ва либосҳои нодаркорӣ натиҷаҳои хуб медиҳанд. Аз як тараф ин хароҷоти зиёдатиро талаб намекунад, аз дигар тараф хонандагон бо шавқи зиёд кор мекунанд. Масалан, аз ҷӯроби нодаркорӣ ҳам бозича дӯхтан мумкин аст.

**Натиҷаҳои омӯзиш:**

– интихоб ва истифода бурдани усулҳои гуногуни кор бо матоъ, коғаз ва дигар мавод бо мақсади ташаккули салоҳиятҳои хонандагон;
– ба нақша гирифтани дарсҳои фанни санъат ва меҳнат дар асоси стандартҳо, роҳнамои омӯзгор ва замима ба китобҳои дарсӣ.

## V. Арзёбӣ

Арзёбӣ раванди бонизомест дар таълим, ки барои муайян, таҳлил ва гирдоварии маълумот ва барои ноил гаштан ба мақсадҳои таълимии дар барномаи фаннӣ зикршуда пешбинӣ шудааст.

Чунин хусусиятҳо арзёбӣ ва ҳисоботдиҳиро самаранок мегардонанд:

– бояд ба мақсади ташаккул ва ҷамъбаст истифода шавад;
– бояд доимӣ бошад (яъне мо набояд то охири мавзӯъ ё соли хониш интизор шавем, дар ин ҳолат барои тағйир ва такмил додани раванди таълим вақт намемонад);
– бояд ба мақсадҳои таълимии дарс, ки дар асоси натиҷаҳои таълими стандарт ва барномаи таълим таҳия шудаанд, алоқаи мушаххас дошта бошад;
– мувофиқ бошад (яъне супориши санҷишӣ бояд дониш ва малакаи мушаххасро арзёбӣ кунад. Масалан, мо барои санҷидани малакаи хондани хонанда аз ӯ хоҳиш намоем, ки матнро бо овози баланд хонад. Ин санҷиши мувофиқ нест, зеро он доир ба малакаи хондан ва муайян кардани ғояи асосии матн маълумоти кофӣ дода наметавонад. Ин нукта хеле муҳим аст, зеро мақсади хондан муайян намудани ғояи асосии матн аст) ;
– воқеӣ бошад (ин маънои онро дорад, ки мо тест ё санҷишро бо якчанд хонандаи дорои қобилияти якхела гузаронем, натиҷаи якхела ба даст меорем);
– дубора санҷида шавад (яъне, натиҷаи онро каси дигар низ санҷида тавонад. Масалан, агар санҷиши шифоҳӣ гузаронем ва ба хонанда баҳо гузорем. Агар ҳамон хонандаро шахси дигар санҷад, он гоҳ шояд хонанда баҳои дигар гирад);
– дар асоси меъёрҳо ба роҳ монда шавад, ин метавонад дурустии арзёбиро таъмин созад;
– методҳои гуногуни арзёбӣ истифода шаванд (мо набояд танҳо ба санҷиши шифоҳӣ қонеъ шавем);

– қобилияти аксари хонандагонро ба эътибор гирад (тестҳо тарзе таҳия шаванд, ки барои хонандаи сустхон ва аълохон маълумоти кофӣ пешниҳод намоянд);
– принсипҳои баробариро риоя кунад (воситаҳои арзёбӣ бояд хоҳиши гурӯҳи алоҳидаро инъикос накунад).

Барои таъмини пай дар пай ва истифодаи самараноки вақт омӯзгор бояд арзёбии умумиро ба роҳ монад. Ин чунин маъно дорад:

– роҳбарони иттиҳодияҳои методии фаннӣ якҷоя бо омӯзгорон бонки воситаҳои арзёбиро таҳия карда, аз он дар мавриди зарурӣ истифода бурда метавонанд;
– дурустӣ ва мувофиқати воситаҳоро омӯзгорон метавонанд якҷоя санҷанд ва натиҷаҳои санҷишҳоро муқоиса намоянд;
– натиҷаи санҷиши ҷамъбастиро роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ ва муовини директор ҷамъ оварда, таҳлил мекунанд ва инкишофи тамоми мактабро нисбат ба натиҷаҳои таълими барномаи мазкур муқоиса менамоянд.

Аслан роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ бояд маълумотро доир ба ноил гаштани хонандагон ба натиҷаҳои таълим таҳлил карда, дар асоси таҳлилҳои мазкур муайян намоянд, ки кадом натиҷаҳои таълим бадастоварда нашудаанд ва ба кадом муаллим ёрии методӣ ва маводди иловагии таълим зарур аст.

Комёбиҳои дониш, малакаю маҳоратҳои талабагон оид ба фанни санъат ва меҳнат тавассути тестҳо ва таҳлили фаъолияти мустақилонаи онҳо, сифати кори иҷрокарда арзёбӣ карда мешаванд.

1. Тест (саволнома). Талабот ба гузарондани санҷиш:

– саволҳои пурсишнома дар доираи маводди барномаи таълим бошанд;
– супоришҳо танҳо маводди омӯхтаи фанро фаро гиранд;
– тарзи ифодаи саволҳо ба талабаҳо фаҳмо ва дастрас бошанд;
– пурсишнома мунтазам гузаронида шавад, то ки талабагон ба талаботи он одат кунанд.

2. Фаъолияти кори мустақилонаи талабагон бояд ба талаботи зерин ҷавоб диҳанд:

– маҳорати истифодаи воситаҳои тасвир;
– ба назар гирифтани ороиш, рӯшноӣ, тобишу шинами рангҳо;
– муҳайё намудани таҷҳизот ва маводди кор;
– риояи қоидаи бехатарӣ;
– сарфаю сариштакорона истифода бурдани маводди зарурӣ;
– муайян намудани ченаки маснуоти сохташаванда ва ашёи тасвиршаванда;
– коршоямии маснуоти сохташаванда;
– дуруст баҳо додан ба натиҷаи меҳнати худ ва дигарон.

Барои муайян намудани дараҷаи ба даст овардаи салоҳияти хонанда аз фанни санъат ва меҳнатдар давоми сол (дар аввали сол, рейтингҳои 2,3,4; нимсолаи 1; нимсолаи 2; ҷамъбасти сол) санҷишҳо гузаронида мешаванд. Санҷишҳоро дар шаклҳои гуногун гузаронидан мумкин аст: шифоҳӣ, тестҳо, хаттӣ ва амалӣ (эҷод, ё иҷро намудани ягон амал) ва ғ. Воситаҳои арзёбӣ бояд мақсадҳои таълимии банақшагирифташударо инъикос кунанд.

Дар арзёбӣ намудани салоҳияти хонанда “Портфолио”- и ӯ нақши хеле калонро дорад. Дар портфолиои хонанда натиҷаҳои кори дастии ӯ нигоҳ дошта мешавад, ки ҳангоми арзёбии ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ лозим мешаванд.

**Арзёбии ҷамъбастӣ**

Вобаста ба хусусиятҳои хоси фанни санъат ва меҳнат, ки се тарзи асосии кор (иҷрои амал, эҷод, арзёбӣ)-ро дар бар мегирад, намудҳои назорат ҳам аз рӯйи ҳамин се самт ба роҳ монда мешавад.

**<u>Иҷрои амал:</u>** вобаста ба синф (синну сол) донистан ва истифода бурда тавонистани воситаҳои санъати тасвирӣ ва меҳнат (қалам, мӯқалам, ранг, об, қайчӣ, сӯзан, матоъ ва ғ...)

**<u>Эҷод:</u>** вобаста ба синф (синну сол) эҷод карда тавонистани ғояҳои нав ва шарҳ дода тавонистани он.

**<u>Арзёбӣ:</u>** вобаста ба синф (синну сол) шарҳ дода тавонистани муносибати худ нисбат ба намудҳои санъат, арзёбӣ карда тавонистани намунаҳои санъат, кори худ ва дигарон.

**Намунаҳои арзёбӣ**




Вобаста ба синф (синну сол) донистан ва истифода бурда тавонистани воситаҳои санъати тасвирӣ ва меҳнат (қалам, мӯқалам, ранги обӣ, қайчӣ, сӯзан ва ғ...).

| |
|---|
| Ин самт бештар ба дуруст истифода бурда тавонистани воситаҳои санъат ва меҳнат инчунин, донистан дар бораи вазифаи онҳо равона шудааст. |

Барои арзёбӣ намудани ин самт чунин усулҳоро истифода бурдан мумкин аст:

**<u>Усули “Супориш”</u>**. Хонанда супоришҳои гуногунро мустақилона иҷро менамояд.

Масалан:

1. Расми кӯзаро бо қалами одӣ тасвир намоед.
2. Аз коғаз бо усули қаткунӣ (оригами) қуттича созед.
3. Бо ранги обӣ ва мӯқалам баргҳои дарахтонро ранг кунед ва ғ...

**<u>Усули “Тест”:</u>** Хонанда ба саволҳо ҷавоби хаттӣ медиҳад.

Масалан:

1. Дар санъати тасвирӣ кадом гурӯҳи рангҳо асосӣ ҳисобида мешаванд?
   а) сурх, сафед, сиёҳ;
   б) кабуд, сурх, зард;
   в) сабз, зард, хокистарранг.

2. Воситаҳоеро, ки бо он рассом кор мекунад, интихоб намоед:
   а) арра, табар, бел.
   б) қалам, ранги, обӣ, мӯқалам.

3. Агар рангҳои зеринро бо ҳам омехта кунем, кадом рангҳо ҳосил мешаванд? (Ҷавобашро нависед):

Сурх + кабуд =___________________
Кабуд + зард =___________________
Сурх + зард =___________________

**Усули “Шифоҳӣ”.** Хонанда ба саволҳои муаллим шифоҳӣ ҷавоб медиҳад.
Масалан, муаллим ашёро нишон дода, аз хонанда ном ва вазифаи онро мепурсад.




Вобаста ба синф (синну сол) эҷод карда тавонистани ғояҳои нав ва шарҳ дода тавонистани он.

Ин самт бештар ба эҷод карда тавонистани ғояҳои нав инчунин, шарҳ дода тавонистани он равона шудааст, на ба дуруст истифода бурда тавонистани воситаҳои санъат ва меҳнат. Дар ин ҷо муҳим эҷод ва кашф карда тавонистани ғояҳои нав мебошад.

Барои арзёбӣ намудани ин самт чунин усулҳоро истифода бурдан мумкин аст:
**Усули “Расм ё амал аз рӯйи мавзӯъ...”** Хонанда аз рӯйи мавзӯъ ягон чиз эҷод менамояд (тасвир мекунад, месозад, медӯзад...).
Масалан:

1. Дар мавзӯи сулҳ аз тахайюлоти худ расм бикашед;
2. Дар мавзӯи сулҳ аз тахайюлоти худ ягон чиз созед, омода намоед.

**Усули “Нақл аз рӯйи мазмуни расм”.** Хонанда аз рӯйи мазмуни расм аз тасаввуроти худ ягон ҳикоя ё афсона эҷод менамояд.
Масалан:

1. Аз рӯйи мазмуни ин расм ҳикоя эҷод намоед.
2. Ба ин расм нигоҳ карда, афсона эҷод намоед.

**Арзёбӣ**

Вобаста ба синф (синну сол) шарҳ дода тавонистани муносибати худ нисбат ба намунаҳои санъат, арзёбӣ карда тавонистани намунаҳои санъат, кори худ ва дигарон.

Ин самт бештар ба қобилияти арзёбӣ карда тавонистан, инчунин шарҳ дода тавонистани муносибати худ нисбат ба он равона карда шудааст.

Барои арзёбӣ намудани ин самт чунин усулҳоро истифода бурдан мумкин аст:
**Усули “Арзёбӣ намудани кори худ”.** Хонанда ба натиҷаи кори худ баҳо медиҳад, норасоӣ ва бартариҳои кори худро муайян намуда, шарҳ медиҳад.

Масалан, хонанда ягон расм тасвир менамояд ё шакли ягон ашёро месозад. Муаллим супориш медиҳад, ки хонанда ба кори худ баҳо диҳад ва онро шарҳ диҳад, сабабашро фаҳмонад, норасоӣ ва бартариҳои кори худро муайян намояд.

**Усули “Арзёбӣ намудани кори дигарон”.** Хонанда ба натиҷаи кори дигарон, намунаҳои санъати тасвирӣ, меҳнат баҳо медиҳад, муносибати худро нисбат ба онҳо шарҳ медиҳад.

Масалан, хонанда кори ҳамсинфаш ё ягон намунаи санъати тасвириро мушоҳида карда, онро таҳлил менамояд ва норасоиву бартариҳояшро меёбад. Муносибати худро нисбат ба он шарҳ медиҳад, яъне мегӯяд, ки ба вай писанд омад, ё не ва сабабаш дар чист.

**Талабот ба гузарондани санҷиш:**

- санҷиш бо мақсади ташаккул додани маҳорату малакаи хонанда гузаронида шавад, на барои маҳдуд намудани ӯ;
- саволҳои тест дар доираи муайян намудани рушди салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳо бошанд;
- супоришҳо танҳо маводди омӯхтаи фанро дар бар гиранд;
- тарзи ифодаи саволҳо ба талабаҳо фаҳмо ва дастрас бошанд.

Ин фан бештар бо мақсади ташаккул додани ҳисси зебоипарстӣ ва бедор кардани шавқи эҷодкорӣ равона карда шудааст ва дар арзёбӣ намудан ҳам, ин мақсадҳо бояд чун замина барои таҳия намудани саволу супоришҳо қабул карда шаванд.

## Накшаи тақвимӣ
## Фанни санъат ва меҳнат барои синфи 4-ум
## (ҳафтае 2 соат. Ҳамагӣ 68 соат)

| **Номгӯи мавзуъҳо** | микдо-ри соат | Сентябр | | | | Октябр | | | | Ноябр | | | | Декабр | | | | | | Феврал | | | | Март | | | | Апрел | | | | Май | | | | Июн |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Нимсолаи якум Рейтинги 1** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 18 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Нимсолаи 1 Рейтинги 2** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 16 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 18 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Нимсолаи 2 Рейтинги 4 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 16 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Ҷамъи умумӣ** | 68 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Ҳафтаҳо** | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | 32 | 33 | 34 |

# РОҲНАМО БАРОИ ОМӮЗГОР АЗ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ БАРОИ СИНФИ 4-ум

## Дарси 1

### Мавзӯъ: Мавод ва асбобҳои корӣ

**Барнома.** Дар ин дарс хонандагон бо таҷҳизоти зарурии фан, коғаз, картон, матоъ, ресмон, баргу шохча, меваи дарахтон, пӯчоқи тухм, пари парандагон, рангҳои гуашу равғанӣ, сангчаҳои гуногунҳаҷм ва қоидаҳои тозагиву бехатарӣ ва инчунин бо истифодаи дурусти ҷевон шинос мешаванд. Агар дар атрофи миз ду ва ё зиёда хонанда нишаста бошанд, маводди асбобҳои кориро донанд. Эҳтиёт ва қадр кардани кори худро ёд мегиранд.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонанд.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонанд.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонанд.

**Мақсади дарс:**

- таҷҳизоти зарурӣ (коғаз, картон, матоъ, ресмон, баргу шохча, меваи дарахтон, пӯчоқи тухм, пари парандагон, рангҳои гуашу равғанӣ, сангчаҳои гуногунҳаҷм ва ғ.)-ро шинохта, номи онҳоро гуфта тавонанд;
- зарурати истифодаи «Ҷевон»-ро фаҳмонда тавонанд;
- қоидаҳои ҷобаҷогузории маводу асбобҳои кориро донанд;
-маводу асбобҳои кориро дуруст истифода бурда тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** коғаз, картон, матоъ, ресмон, баргу шохча, меваи дарахтон, пӯчоқи тухм, пари парандагон, рангҳои гуашу равғанӣ, сангчаҳои гуногунҳаҷм.

**Равиши дарс.**

**1. Суҳбат дар бораи мавод ва асбобҳои корӣ.** Бо хонандагон дар бораи мавод ва асбобҳои корӣ, дар бораи сайру гашт ва ҷамъоварии баргу шохча ва меваи баъзе дарахту буттаҳо, пари парандагон, сангчаҳои гуногунҳаҷм ва ғ. суҳбат намоед. Бо онҳо саволу ҷавоб кунед:

“Бачаҳо, шумо медонед, ки ин фанни мо чӣ ном дорад? Шумо аз тамошои манзараи зебо ҳаловат мебаред? Ҳангоми сайру гашт баргу шохча ва меваи баъзе дарахту буттаҳо, пари парандагон, сангчаҳои гуногунҳаҷм ва монанди инҳоро ҷамъоварӣ менамоед?”

Мавод ва асбобҳои кории зарурӣ - (қайчӣ, корди махсус, дарафш, сӯзан, қалам, мӯқалам, хаткашак, хатпоккунак, тахтаи махсуси кориро нишон дода, номашро пурсед. Агар онҳо мавод ва асбобҳои кории лозимиро нашиносанд, ё номашро гуфта натавонанд, худатон онро нишон дода, фаҳмонед.

**2. Портфолио.** Ба хонандагон фаҳмонед, ки маҳсули кори дастиашонро дар як ҷо нигоҳ доранд. Бо мафҳуми “Портфолио”ва зарурати он шинос намоед.

“Бачаҳо, мо ҳар дарс бо фаъолиятҳои гуногун машғул мешавем: Тасвир мекунем, месозем, мебурем ва ғ.

Мо бояд ҳамаи корҳои худамонро нигоҳ дорем. Шумо метавонед, дар як ҷузвдони алоҳида ҳамаи корҳои дастии худатонро нигоҳ доред, ки он “Портфолио” ном дорад. Агар мо чизҳоямонро дар портфолио нигоҳ дорем, онҳо гум намешаванд, ифлос намешаванд ва ҳар лаҳзае, ки даркор шаванд, мо онҳоро ёфта метавонем”.

**3. Бо қоидаҳои умумии тозагӣ ва бехатарии фан шинос намоед:**

1) пеш аз оғози дарси санъат ва меҳнат ҳамаи маводҳои хониш (ба ғайр аз таҷҳизоти зарурӣ) ва дигар чизҳои зиёдатиро аз миз гиред;

2) пеш аз фаъолият остинҳоятонро бар занед, ба тозагӣ риоя кунед (агар дастонатон ифлос шаванд, ба либосҳоятон намолед, мизу курсиро ҳам, тоза нигоҳ доред, ба замин ягон чиз напартоед), таҷҳизоти кориатонро беҳуда сарф накунед, дафтари расм ва дигар мавоҳоятонро надаронед ва тоза нигоҳ доред;

3) ҳангоми машғулият маводди кориро дар тарафи дасти чап, асбобҳоро дар тарафи дасти рост гузоред;
4) маводу асбобҳои кориро дуруст истифода баред;
5) ҳангоми кор бо асбобҳои бурранда ва нӯгашон тез эҳтиёткор бошед, маводҳоро ба даҳонатон нагиред, асбобҳоро ба чашми худ ва дигарон наздик накунед;
6) баъди анҷоми фаъолият мизи кориатонро тоза кунед (таҷҳизотро ҷобаҷо гузоред, бо латтаи нам мизатонро пок кунед, агар ба замин чизе афтида бошад, онро гирифта, ба сатили партовҳо партоед) таҷҳизотро ҷобаҷо гузоред;

7) баъди анҷоми кор дастонатонро бо собун шуста, бо сачоқ хушк кунед;
8) меҳнати худ ва дигаронро қадр кунед (корҳои тайёркардаатонро напартоед, онҳоро нигоҳ доред).



**Вазифаи хонагӣ**: Ҷойи кори худро дар хонаатон таҳлил намоед ва камбудиҳояшро ислоҳ намоед.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолиятҳо | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Маводҳои кории зарурӣ: коғаз, картон, матоъ, ресмон, баргу шохча, меваи дарахтон, пӯчоқи тухм, пари парандагон, рангҳои гуашу равғанӣ, сангчаҳои гуногунҳаҷмро ҷамъ карда метавонад? | | | |
| Асбобҳои корӣ: қайчӣ, корди махсус, дарафш, сӯзан, қалам, мӯқалам, хаткашак, хатпоккунак, тахтаи махсуси кориро шинохта, номи онҳоро гуфта метавонад? | | | |
| Зарурати истифодаи «Портфолио»-ро фаҳмонда метавонад? | | | |
| Қоидаҳои тозагӣ ва бехатарии фанро фаҳмонда метавонад? | | | |

## Дарси 2
## Мавзӯъ: Саёҳат ба табиат-1соат

**Барнома.** Дар саёҳат тахайюлоти хонандагон ғанӣ гардонида мешавад. Эҳтиром нисбат ба муҳити атроф ташаккул меёбад. Тарбияи экологӣ дар хонандагон инкишоф меёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-ғанӣ гардониданитахайюлоти хонандагон;
-дида тавонистани рангҳои муҳити гирду атроф;
-эҳтиром нисбат ба табиат;

**Равиши дарс.**

**1. Сухбат дар бораи саёҳат ба табиат.** Бо хонандагон дар бораи намудҳои саёҳат суҳбат намоед. Шиносоӣ бо саёҳат дар табиатро фаҳмонида ва моҳияти он фаҳмонида шавад.Бо онҳо саволу ҷавоб кунед:

“Бачаҳо, шумо медонед, ки саёҳатҳо гуногун мешаванд? Шумо аз тамошои манзараи зебо ҳаловат мебаред? Ҳангоми сайру гашт баргу шохча ва меваи баъзе дарахту буттаҳо, пари парандагон, сангчаҳои гуногунҳаҷм ва монанди инҳоро ҷамъоварӣ менамоед?”

**2. Қадамҳо:**

1) Пеш аз ба сафар баромадан макону накшаи саёҳат ва мақсади худро муайян кунед;
2) Ҳангоми ба саёҳат баромадан ба рафиқони худ эҳтиёткор бошед, то нохушие рӯй надиҳад;
3) Ба накли муаллим, мутасаддиёни саёҳат бодиккат гӯш диҳед;
4) Ба тартиби кори мутахассисон, истифодаи асбобҳои корӣ (мошинҳо, комбайнҳо, техникаи дигар) эътибор диҳед;
5) Агар имконият бошад, барои корҳои амалӣ маводди зарурӣ ҷамъ намоед.

**3.Кори мустақилона**: макону мақсади саёҳат, чизҳои дидаю шунидаатонро дар ҷадвали зерин дарҷ намоед:

| Макони саёҳат | Мақсади саёҳат | Таассурот |
|---|---|---|
| | | |

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Маводҳои зарурӣ: ҷалғӯза, чӯбчаҳо, гил ё пластилин, пари парандаро интихоб ва ҷамъ карда метавонад? | | | |
| Дар бораи намудҳои саёҳат маълумот дода метавонад? | | | |
| Аз олами атроф барои эҷодиёти худ маҳсулотро дуруст интихоб карда метавонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Оид ба саёҳат ва таассуроти худ иншои кӯтоҳ нависед.

## Дарсҳои 3-4
## Мавзӯъ: Сохтани шакли парандаҳо ва кашидани расми онҳо

**Барнома.** Суҳбат оид ба парандаҳо. Методикаи сохтани парандаҳо аз маводҳои гуногун. Кори мустақилона.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда тавонад;
- дар бораи сохтани шакли гуногуни парандаҳо маълумот дода тавонад;
- бо пластилин парандаҳои шаклан сода эҷод карда тавонад;
- кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда тавонад.

**Таҷҳизотҳо:** картон, коғази ранга, ҷалғӯза, чӯбчаҳо, гил ё пластилин, пари паранда.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба сохтани шакли парандаҳо ва кашидани расми онҳо.** Бо хонандагон дар бораи сохтан ва кашидани шакли парандаҳо суҳбат ва саволу ҷавоб намоед.

“Бачаҳо, шумо кадом парандаҳоро медонед? Аз кадом маводҳо шакли парандаро сохтан мумкин аст? Оё раванди кашидани расми парандаҳоро медонед?”...

Бо хонандагон ҷавобҳои онҳоро муҳокима кунед ва дар охир худатон дар бораи сохтан ва кашидани шакли парандаҳо маълумот диҳед.

**2.Методикаи сохтан ва кашидани шакли парандаҳо.** Қадам ба қадам сохтан ва кашидани шакли парандаҳоро аз маводҳои гуногун нишон диҳед.

**Қадамҳо:**

1) маводҳои зарурӣ: ҷалғӯза, чӯбчаҳо, гил ё пластилин, пари парандаро интихоб менамоем;
2) маводҳои заруриро ҷамъоварӣ намуда, шакли парандаро месозем;
3) шакли парандаро бо қалами одӣ кашида, бо рангҳои зарурӣ ранг мекунем;
4) ба шакли парандаи интихоб кардаамон монанд мекунем;
5) баъди ҷамъоварии маводи зарурӣ шакли парандаро месозем.



**3.Кори мустақилона**: мувофиқи хоҳиши хонанда сохтан ва кашидани ягон намуди паранда (мурғ, хурӯз, чӯча...)

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Маводҳои зарурӣ: ҷалғӯза, чӯбчаҳо, гил ё пластилин, пари парандаро интихоб ва ҷамъ карда метавонад? | | | |
| Дар бораи сохтан ва кашидани парандагон маълумот дода метавонад? | | | |
| Бо пластилин ва дигар маводҳо парандаҳои шаклан сода эҷод карда метавонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ.** Ба расм нигоҳ карда, намунаи дигари парандаро аз рӯйи хоҳиши худ тасвир намоед ва аз маводҳои лозимӣ созед.

## Дарси 5

### Мавзӯъ: Корҳои хоҷагӣ

**Барнома:** Суҳбат дар бораи корҳои хоҷагӣ. Шиносоӣ бо корҳои ҳосилғундорӣ ва вақти расидани сабзавот. Дар ин дарс қобилияти ҷамъоварии сабзавотҳои расидаро омӯхта мешавад. Мувофиқи синну сол меъёри бардоштани куттиҳоро бояд донад. Ҳарорати муътадили оғилхонаро донад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

- қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми ҷамъоварии сабзавотро медонад;
- дар маҳалли худ мавсими ҷамъоварии зироатҳоро медонад;
- кашонидани қуттиҳои сабзавотро медонад;
- ҳарорати муътадили оғилхонаро медонад;
- аз ҳар сар гови ҷӯшоӣ ба ҳисоби миёна чанд литр шир ҷӯшиданро медонад.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи қоидаҳои бехатарӣ, корҳои хоҷагӣ, ҷамъоварии сабзавот (помидор, бодиринг, шалғамча, шалғам...), тарзи дурусти чида ба қуттӣ гузоштан, меъёри вазни қуттиҳо, нигоҳубини чорво, шароитҳои оғилхонаҳои маҳал, ҳарорати муътадили оғилхона (говхонаҳо $6^0$-$8^0$ , шуъбаи зоиш $10^{0}$- $12^0$, гӯсолахона $7^0$ - $12^0$, тобистон $20^0$ -$22^0$ ), меъёри ему хошок ва об, сохти оғилхонаҳои ҳозиразамон ва муқаррарӣ, меъёри ширдиҳии гов, навъҳои хӯрок ва вақти истифодаи онҳо суҳбат оростан.

**Бозии "Анаграмма"**

Дар мавзӯи мазкур бозии "Анаграмма"-ро истифода бурдан мумкин аст. (анаграмма-таҳфифи (ивази ҷои ҳарфҳои калима, ки дар натиҷа калимаи нав ба вуҷуд меояд.

Намуна: "Вот сабаз" (сабзавот), "Ринг дибо" (бодиринг), "Дор мипо" (помидор), Ёз ип (пиёз), Вог (гов), "Ӯголасанох" (гӯсолахона).

**2.Кори амалӣ.** **Бо говдӯшон суҳбат намуда, тартиб додани ҷадвали дар 1 рӯз чанд литр шир дӯшидан аз ҳар як сари модагов.**

| Ному насаби говдӯш | Микдори гови дӯшоӣ | мох | Аз ҳар як сар модагов |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |

**Баҳисобгирии меъёр ва вақти истифодаи навъҳои хӯрок**

| Хелҳои хӯрок | Микдор | Вақти хӯронидан |
|---|---|---|
| 1.Хасбеда | | |
| 2.Коҳ | | |
| 3.Коҳи намакин | | |
| 4.Алафи сабз | | |
| 5.Дон | | |
| 6.Орд ва сабӯс | | |
| 7.Кунҷора | | |

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи қоидаҳои бехатарӣ, корҳои хоҷагӣ, ҷамъоварии сабзавот маълумот дода метавонад? | | | |
| Ҳарорати муътадили оғилхонаро муайян карда метавонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** меъёр ва вақти истифодаи навъҳои хӯроки ҳайвонҳои хонагии худро таҳлил намуда, ба ҳисоб гиред.

## Дарсҳои 6-7

**Мавзӯъ: Сохтани мизу курсӣ бо ороиши нақшу нигори миллӣ**

**Барнома:** Суҳбат дар бораи сохтани мизу курсӣ бо ороиши нақшу нигори миллӣ. Шиносоӣ бо тарзи дурусти сохтан ва ороиш додани мизу курсӣ. Дар ин дарс қобилияти эҷодӣ инкишоф меёбад, тарбияи зебоипарастӣ ташаккул меёбад. Ҳангоми иҷрои кор ба қоидаҳои бехатарии кор риоя менамояд.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

- намунаҳои эҷодиёти тахайюлиро таҳлил, тафсир ва муқоиса намуда, хулоса мебарорад;
- бо маводи гуногун сохтани мизу курсии шаклан сода эҷод карда тавонад;
- намудҳои гуногуни ороиш додани нақшу нигори миллиро донад;
- кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** коғаз, картон, мӯқалам, қалами одӣ, ҷадвали металлӣ, рангҳо, қайчӣ

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи намудҳои гуногуни сохтан ва ороиш додан бо нақшу нигори миллӣ суҳбат намоед. Ба хонандагон оид ба қоидаҳои техникаи бехатарӣ суҳбат намуда, моҳияти онҳоро фаҳмонед.

**2.Кори амалӣ. Сохтан ва ороиш додани мизу курсӣ бо нақшу нигори миллӣ.**

1.Мизу курсии дар расм бударо аз назар гузаронед;

2.Барои сохтани миз коғази нисбатан ғафсеро интихоб намуда, аз он мувофиқи андоза квадрат ҳосил намоед;

3.Квадрати ҳосилшударо мувофиқи расми 3 қат кунед;

4.Аз нақшаҳои минбаъда истифода бурда, миз созед (расмҳои 4,5,6);

5.Рӯйи мизро аз рӯйи хоҳиши худатон бо нақшу нигори миллӣ оро диҳед (расми 7);

6.Курсиро низ аз рӯйи нақшаи барои миз истифода бурдаатон сохтан мумкин аст (расмҳои 8,9,10,11,12);

7.Порчаи коғази интихобкардаатонро ба шакли квадрат дароварда (расми 9), пас онро ба қисмҳо қат намоед. Барои осон шудани иҷрои супориш ба қисмҳо рақам гузоред.



Расми 1



Расми 2



Расми 3




Расми 4



Расми 5



Расми 6



**Расми 7**




**Расми 8** **Расми 9** **Расми 10** **Расми 11** **Расми 12**

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи қоидаҳои бехатарӣ, сохтан ва бо нақшу нигори миллӣ ороиш додани мизу курсӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Бо маводди гуногун сохтани мизу курсии шаклан сода эҷод карда метавонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Мизу курсии дар хона бударо таҳлил намуда, аз рӯйи тахайюлоти худ бо нақшу нигори миллӣ ороиш диҳед.

## Дарси 8

### Мавзӯъ: Корҳои ороишӣ. Ангораи сӯзанӣ

**Барнома:** Суҳбат оид ба корҳои ороишӣ. Шиносоӣ бо тарзҳои гуногуни корҳои ороишӣ. Додани маълумоти пурра оид ба ҳунарҳои халқӣ ва моҳияти эҳёи ҳунарҳои миллӣ. Дар ин дарс қобилияти эҷодӣ инкишоф меёбад, тарбияи зебоипарастӣ ташаккул меёбад. Ҳангоми ичрои кор ба қоидаҳои бехатарии кор риоя менамояд.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-тарбия намудани ҳисси зебоипарастӣ дар хонандагон;

- бо маводи зарурӣ (коғаз, қалами одӣ, ҷадвали металлӣ, рангҳои гуногун, мӯқалам) кор карда тавонад;

-бо ҳунарҳои устодони маҳал шинос шуда, маълумот мегирад;
-оид ба корҳои ороишӣ маълумот пайдо менамояд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** коғаз, қалами одӣ, ҷадвали металлӣ, рангҳои гуногун, мӯқалам

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи намудҳои гуногуни корҳои ороишӣ суҳбат намоед. Ба хонандагон оид ба қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми раванди иҷрои кор суҳбат намуда, моҳияти онҳоро фаҳмонед.

**2.Бозии “Ҷобаҷо гузор!”**

Бозии «Калимаҳоро ҷобаҷо гузор!» барои ташаккул додани хотира ва фикррониии хонандагон аҳамият дорад. Тафаккури мантиқии хонандагон инкишоф меёбад.

**Сӯзанӣ яке аз намудҳои махсуси гулдӯзии тоҷикӣ буда, онро барои ороиши манзилгоҳ истифода мебаранд.**

Нақшу бо гулу барг нигорҳои сӯзанӣ парандагон гуногуншакл карда мешавад: ва тасвир.

**Нақшу нигорҳои сӯзанӣ гуногуншакл: бо гулу барг ва парандагон тасвир карда мешавад.**

**3.Кори амалӣ. Корҳои ороишӣ. Ангораи сӯзанӣ**

1.Хоҳед, ки чунин сӯзаниҳоро эҷодкорона оро диҳед, бо ҳунарҳои устодони маҳаллатон шинос шавед;
2.Барои зебо омода сохтани нақшу нигори сӯзанӣ кӯшиш намоед.
3.Пас аз тасвир бо қалам ҷузъҳои сӯзаниро дурусттар санҷида, пайвастшавии хатҳои нақшро пурқувват намоед.
4.Бо рангҳои дилхоҳатон корро ба анҷом расонед.



**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи қоидаҳои бехатарӣ, зебоӣ ва нафосати сӯзанӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Намуди дигари сӯзаниро аз тахайюлоти худ шаклан сода эҷод карда метавонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Намуди дигари нақшаи сӯзаниро тасвир намуда, мувофиқи қобилияти худ оро диҳед.

## Дарсҳои 9-10

**Мавзӯъ: Сохтани асбоби таълимии “Абаки забон”**

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-ба расм назар карда хулоса барорад;
-аз рӯйи нақша “Абаки забон” созад;
- раванди пайдарпай сохтани “Абаки забон” -ро омӯзад;

**Таҷҳизоти зарурӣ:** коғаз, қаламн одӣ, ҷадвали металлӣ, қайчӣ, картон

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи пайдарпайии сохтани “Абаки забон” суҳбат намоед. Ба хонандагон оид ба қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми раванди иҷрои кор суҳбат намуда, моҳияти онҳоро фаҳмонед.

**2.Кори амалӣ. Сохтани асбоби таълимии “Абаки забон”**

1.Расмро аз назар гузаронед (Расми 1)
2.Вараҷи албомро ба ду ҳиссаи баробар тақсим карда, қуттичаҳо созед (Расми 2,3,4)
3.Аз рӯзнома ва вараҷи одӣ дастаҳо созед. (Расми 5)
4.Тасмачаи коғазине бурида, дар он калимаю ҳиҷоҳо ё ҷумлаҳо нависед.
5.Қисмҳои тайёркардаатонро бо ҳам пайваст намуда, абак созед ва онро ба хонандагони синфи чор тӯҳфа кунед.



**Расми 1**



**Расми 2**



**Расми 3**



**Расми 4**



**Расми 5**

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи сохтани асбоби таълимии “Абаки забон” маълумот дода метавонад? | | | |
| Раванди иҷрои кори сохтани асбоби таълимии “Абаки забон”-ро фаҳмонида метавонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Барои инкишофи ёфтани маҳорату малакаи сохтани “Абаки забон” дар хона мустақилона намуди дигари “Абаки забон”-ро созед.

## Дарсҳои 11-12

### Мавзӯъ: Натюрморт. Китоб ва барг

**Барнома:** Суҳбат оид ба дар коғаз дуруст ҷойгир намудани натюрморт. Шиносӣ ва таҳлили расми китоб ва барг. Додани маълумоти пурра оид ба раванди дуруст тасвир ва ранг намудани китоб ва барг. Дар ин дарс қобилияти эҷодӣ, сифатҳои бодиққатӣ инкишоф меёбад, тарбияи зебоипарастӣ ташаккул меёбад. Ҳангоми иҷрои кор ба қоидаҳои бехатарии кор риоя менамояд.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-натюрмортро дар коғаз дуруст ҷойгир карда метавонад;
-фарқияти тарафҳоро ба эътибор гирифта метавонад;
-ҳангоми бо ранг кор кардан ба мутаносибии аслии рангҳо эътибор медиҳад;

**Таҷҳизоти зарурӣ:** коғаз, қаламі одӣ, ҷадвал, рангҳои гуногун

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи пайдарпайии тасвир ва ранг намудани натюрморти китоб ва барг суҳбат намоед. Ба хонандагон оид ба қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми раванди иҷрои кор суҳбат намуда, моҳияти онҳоро фаҳмонед.

**2.Бозии “Чароғак”**

Чароғак - ин бозӣ таҷҳизоти махсусро талаб намекунад. Фақат се ранг нишона барои ҳар як хонанда тайёр кардан лозим аст (зард, сурх ва сабз). Моҳияти бозӣ аз он иборат аст, ки муаллим бо овози баланд даҳ тасдиқро , ки ба як мавзӯъ алоқаманд аст, эълон мекунад ва қисми аз онҳо хатогӣ доранд. Баъди ҳар як тасдиққунӣ хонандагон нишонаҳои худро мебардоранд.

Ин бозӣ ва бозиҳои ба ин монанд дар хонандагон масъулиятнокӣ ва худназораткуниро инкишоф медиҳад. Масалан, истифодаи ин бозӣ имконияти онро, ки то чӣ андоза мавodди гузашта омӯхта шудааст, муайян мекунад.

Сурх, сабз ё зард, ки чунин маъно дорад: «розӣ» - сурх, «розӣ нестанд»- сабз ва “пурра карда метавонам”- зард.

**Намуна:**
1. Хонандаи синфи 4-ум расми тасвиркардаашро бо қаламҳои ранга ва мӯқалам бо тобиши рӯшноӣ ва сояафканӣ ранг карда метавонад (сурх)
2. "Китоб ва барг" натюрморти душвор мебошад? (сабз)
3. Ҳангоми бо ранг кор кардан ба мутаносибии аслии рангҳо эътибор бояд дода шавад, ки шаффофии рангҳо дар расм намудор шавад. (ранги зард)

**3.Кори амалӣ. Натюрморт. Китоб ва барг**
1. дар вақти тасвир кӯшиш кунед, то ки натюрморт дар коғаз дуруст ҷойгир карда шавад.
2.фарқияти тарафҳоро низ ба эътибор гиред;
3.ҳангоми бо ранг кор кардан ба мутаносибии аслии рангҳо эътибор диҳед, ки шаффофии рангҳо ва тобишу хосияти тозагии онҳо дар расм намудор шавад;
4.тарзи иҷрои амалро аз расмҳои 1,2,3 омӯзед.



**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи дуруст ҷойгир намудани натюрморт дар коғаз маълумот дода метавонад? | | | |
| Раванди иҷрои тасвир намудани натюрмортро фаҳмонида метавонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Кашидани натюрморти китоб ва баргро дар хона машқ намоед.

## Дарси 13

### Мавзӯъ: Тӯрбофӣ

**Барнома:** Суҳбат оид ба истифодаи тӯрбофӣ аз замонҳои қадим. Шиносоӣ ва таҳлили расми тӯрҳо. Додани маълумоти пурра оид ба истифодаи тӯр дар хоҷагии халқ. Дар ин дарс қобилияти эҷодӣ, сифатҳои бодиққатӣ инкишоф меёбад. Ҳангоми иҷрои кор ба қоидаҳои бехатарии кор риоя менамоянд.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-босамар истифода бурдани тӯрро дар хоҷагии халқ медонад;

-Фарқияти шаклҳои тӯрбофиро аз назар гузаронида, таъйиноти онро таҳлил карда метавонад;

-Расми олотҳои тӯрбофиро аз китоб дида, таҳлил карда метавонад;

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи бофтани тӯр, шаклҳои тӯр ва олотҳои зарурӣ барои бофтани тӯр суҳбат намоед.

**2.Кори амалӣ. Тӯрбофӣ**

1.Якчанд шакли тӯрбофиро аз назар гузаронед;

2.Мушоҳида кунед, ки тӯрҳои дар расмҳои 1,2,3,4 будаоро чӣ тавр мебофанд?

3.Олотҳои кории зарурӣ барои бофтани тӯрро мушоҳида намоед;

4.Олотҳои кории дар расми 5 будаоро дар мавридҳои муайян ба кор баред.



Расми 1



Расми 2





**Расми 3** **Расми 4**

**Арзёбӣ. Хонанда**

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| | | | |
| Дар бораи дуруст бофтани тӯр маълумот дода метавонад? | | | |
| Оид ба шаклҳои тӯрбофӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Фарқияти шаклҳои тӯрбофиро аз назар гузаронида, таъйиноти онро таҳлил карда метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Расми олотҳои тӯрбофиро аз китоб дида, таҳлил намуда метавонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** аз чангакҳои махсус истифода бурда, дар хона мустақилона бофтани тӯрро машқ намоед.

## Дарси 14

## Мавзӯъ: Ҷамъоварии ҳосил

**Барнома:** Суҳбат оид ба вақти ҷамъоварии ҳосил гузаронед. Додани маълумоти пурра оид ба кори обчакорон, асбобу олотҳои кори ба синну соли хонандагон мувофиқро фаҳмонед. Дар ин дарс муҳаббат ба боғу токпарварӣ инкишоф меёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-вақти ҷамъоварии ҳосилро медонад;
-кори обчакориро медонад;
-асбобу олотҳои кори ба синну соли хонандагон мувофиқ буданро медонад;

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи вақти ҷамъоварии ҳосил, кори обчакорӣ, асбобу олотҳои корӣ, меъёри ғунҷоиши сабзават суҳбат намоед.

**2.Дарёфти чистон**

1.Мехи заррин, таги замин (сабзӣ)
2.Шал дорад ғам (шалғам)

**3.Кори амалӣ. Ҷамъоварии ҳосил**

1.Дар маҳалли шумо кадом навъи хоҷагидорӣ вуҷуд дорад?
2.Маҳаллаҳои обчакорӣ имконият доранд аз чунин ҷадвал истифода баранд:

| Намуди кор | Вақти кор | Шахси масъул |
|---|---|---|
| 1.Ҷамъоварии бодиринг | 10.09 | Хоҷагӣ, бр№1 |
| 2.Ҷамъоварии пиёз | 15.09 | Бригадаи №4 |
| 3.Ҷамъоварии карам | 20.09 | Бригадаи №6 |
| 4.Ҷамъоварии помидор | 25.09 | Бригадаи №11 |

3.Рӯзи муқарраркардаатонро ба ҳисоб гирифта, дар кори обчакорон ёрӣ расонед.
4.Аз хотир набароред, ки асбобу олотҳои корӣ (қуттию сабадчаҳо) ба синну соли хонандагон мувофиқ бошанд, яъне ғунҷоиши онҳо аз 8-10 кг зиёд набошад.
5.Дар корҳои чорводорӣ, боғдорӣ низ чунин ҷадвалҳоро тартиб диҳед:

| Намуди кор | Вақти кор | Шахси масъул |
|---|---|---|
| 1.Додани ему хошок | Саҳар, нисфирӯзӣ | Подабон, ёрдамчиён |
| | | |
| | | |

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| | | | |
| Дар бораи вақти ҷамъоварии ҳосил маълумот дода метавонад? | | | |
| Оид ба намудҳои ҷамъоварӣ ва вақти иҷро маълумот дода метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Меъёри ғунҷоиши сабзавот ба қуттию сабадчаҳоро медонад? | | | |
| БА синну соли хонандагон ҳангоми кор мувофиқ будани асбобу олотҳои кориро медонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Ба қоидаҳои техникаи бехатарӣ риоя намуда, ҳосили замини наздиҳавлигии худро дар мавсими зарурӣ ҷамъоварӣ намоед.

## Дарси 15

### Мавзӯъ: Бо рассом шинос мешавем

**Барнома:** Суҳбат оид ба ҳаёт ва фаъолияти рассом Қаро Зокиров гузаронед. Додани маълумоти пурра оид ба асарҳои машҳури рассом, мавзӯъҳои лирикӣ ва таърихии халқҳои ҷаҳонро, ки барои озодӣ мубориза мебурданд, фаҳмонед. Дар ин дарс муҳаббат ба санъати рассомӣ инкишоф меёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-шиносоӣ бо тарҷумаи ҳоли рассом Қ.Зокиров;

-шиносоӣ бо асарҳои рассом ва ҳайкалтароши бомаҳорати солҳои 60-уми асри XX;

-омӯзиши таҳлили композитсияи асарҳои рассом;

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи ҳаёт ва фаъолияти рассом Қаро Зокиров, асарҳои машҳури ӯ, мавзӯъҳои лирикӣ ва таърихии халқҳои ҷаҳон, ки барои озодӣ мубориза мебурданд, суҳбат намоед.

**2.Кори амалӣ: саволу ҷавоб. Бо рассом шинос мешавем**

1. Қаро Зокиров соли чанд, дар куҷо таваллуд шудааст?

2.Таҳсилро дар куҷо оғоз намудааст?

3.Дар кадом завод харрот шуда кор кардааст?

4.Рассом чӣ орзу дошт?

5.Кадом сол ба омӯзишгоҳи олии рассомию истеҳсолӣ дохил мешавад?

6.Пайкараҳои офаридаи рассом ва ҳайкалтарош бисёртар ба кадом мавзӯъ бахшида шудааст?

7.Дар пайкараи “Суруд” рассом чиро тараннум кардааст?





**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Оид ба ҳаёт ва фаъолияти рассом Қаро Зокиров маълумоти пурра гирифта метавонад? | | | |
| Оид ба асарҳои машҳури рассом маълумот гирифта метавонад? | | | |
| Дар бораи мавзӯъҳои лирикӣ ва таърихии халқҳои ҷаҳон, ки барои озодӣ мубориза мебурданд, маълумот дода метавонад? | | | |
| Ба композитсияи асарҳо, ки рассом онро бо як эҳсосоти баланди шоирона ва хаёлоти рангину ҳунари саршор эҷод намудааст, шинос мешавад? | | | |
| Ҳиссиёти хонандаро сайқал медиҳад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Мустақилона бо ҳаёт ва фаъолияти рассомони дигар шинос шавед.

## Дарсҳои 16-17

**Мавзӯъ: Аз рӯйи нақша сохтани модели экскаватор**

**Барнома:** Суҳбат оид ба кор ва қисмҳои экскаватор гузаронед. Додани маълумоти пурра оид ба қисмҳои экскаватор: тана, тирчӯб, кафлез, сатҳ, чарх, милро фаҳмонед. Дар ин дарс тафаккури эҷодӣ инкишоф ёфта, қобилияти ихтироъкорӣ ташаккул меёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.

- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**
- бо модели экскаватор шинос шавад;
-маҳорати аз рӯйи нақша сохтани модели экскаватор инкишоф ёбад;
- қисмҳои экскаваторро омӯзад;
-қобилиятҳои ихтироъкорӣ ташаккул ёфта, тафаккури эҷодӣ инкишоф ёбад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** картон, коғаз, рангҳои гуногун, мӯқалам, қалами одӣ

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи кори экскаватор, қисмҳои он суҳбат намуда, моҳияти мавзӯъ муайян карда шавад. Қобилиятҳои ихтироъкорро ташаккул дода, тафаккури эҷодӣ инкишоф ёбад.

**2.Бозии “Номи касбро ёбед”**

Ин бозӣ барои инкишофи хотира ва тасаввуроти фазоии хонандагон аҳамияти калон дорад. Аз тарафи муаллим ба хонандагон саволҳои дар поён овардашуда дода мешавад. Хонандагон бояд номи касбро муайян намоянд.

1. Бо мошине, ки замин мекобад, кор мекунад.
2. Мошин аз тирчӯб (стрела), кафлез (ковш), чор чарх, хоначаи махсус барои одаме, ки машинаро идора мекунад, сатҳ, мил, тана иборат аст.
3. Он шахс ба чунин сифатҳо соҳиб мебошад: бодиққатӣ, пуртоқатӣ, нотарсӣ ва ғайра.

**Ҷавоб:** экскаваторчӣ

**2.Кори амалӣ.**

1.Расмро аз назар гузаронед. (Расми 1)
2.Аз рӯйи нақшаи зерин қисмҳои (1,2,3,4,5,6) экскаваторро созед. (Расми 2)
3.Дар охир қисмҳои сохтаатонро ҷобаҷо карда, экскаватор созед.



**Расми 1**




**Расми 2**

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Қисмҳои экскаваторро шинохта метавонад? | | | |
| Кори экскаваторро муайян карда метавонад? | | | |
| Аз рӯйи нақшаи додашуда қисмҳои экскаваторро сохта метавонад? | | | |
| Намунаҳои кори худро такроран айнан ҳосил карда метавонад? | | | |
| Ба натиҷаи кори худ баҳо дода, онро шарҳ дода метавонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Мувофиқи хоҳиши худ аз рӯйи нақша модели экскаваторро созед.

## Дарси 18

### Мавзӯъ: Дарбеҳкунии либос

**Барнома:** Суҳбат оид ба дарбеҳкунӣ, намудҳои дарбеҳкунӣ гузаронед. Маълумоти пурра оид ба дарбеҳкунӣ, намудҳои дарбеҳкунӣ ва усули гузаронидани тору пуд диҳад. Дар ин дарс тафаккури эҷодӣ инкишоф меёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

- оид ба дарбеҳкунӣ маълумот гирад;

-бо намудҳои дарбеҳкунӣ шинос шуда, дарбеҳкуниро пурра омӯзад;

-усули гузаронидани тору пудро омӯзад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** матоъ, сӯзан, ресмонҳои гуногун, қайчӣ

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи дарбеҳкунӣ, намудҳои дарбеҳкунӣ, усули гузаронидани тору пуд суҳбат намуда, моҳияти он муайян карда шавад.

**2.Кори амалӣ.**

1.Намудҳои дарбеҳкуниро омӯзед;

2.Усулҳои нави дарбеҳкуниро аз худ намоед;

3.Расмро аз назар гузаронед;

4.Агар либос дар шакли мураббаъ дарида бошад, онро бо усули гузаронидани тору пуд дарбеҳ кунед. (Расми 1,2);

5.Мустақилона дарбеҳкунии матоъҳои синтетикиро машқ кунед.



**Расми 1**



**Расми 2**

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Оид ба дарбеҳкунӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Намудҳои дарбеҳкунро медонад? | | | |
| Усули гузаронидани тору пудро ба пуррагӣ медонад? | | | |
| Оид ба дарбеҳкунӣ маълумот дода метавонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** дар хона аз рӯи хоҳиш либосҳоятонро дарбеҳ намоед.

## Дарсҳои 19-20

**Мавзӯъ: Саёҳат-тасвири манзараи атроф**

**Барнома:** Суҳбат оид ба дида тавонистани рангҳои муҳити гирду атроф, дуруст тартиб додани нақшаи саёҳат мувофиқи шароити маҳалли худ, тарзи дурусти кашидани манзараҳо. Дар ин дарс ҳиссиёти хонандагон бо воситаҳои гуногуни санъат инкишоф дода шуда, тахайюлот бой гардад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-ғанӣ гардонидани тахайюлоти хонандагон;
-дида тавонистани рангҳои муҳити гирду атроф;
-пайдо намудани эҳтиром нисбат ба табиат;
-тарзи дурусти тасвир намудани табиатро омӯзад;
-иброз намудани ҳиссиёти худ бо воситаҳои гуногуни санъат.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** коғаз, картон, ҷадвал, хатпоккунак, қалами одӣ, рангҳои гуногун

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи дида тавонистани рангҳои табиат суҳбат намуда, тахайюлот бой гардад. Маълумоти пурра оид ба вобастагии рангҳо дода шавад. Тартиб додани нақшаи саёҳатро мувофиқи шароити маҳалли худро омӯзад.

**2.Кори амалӣ. Саёҳат-тасвири манзараи атроф**

1.Нақшаи саёҳатро мувофиқи шароити маҳалли худ тартиб диҳед.
2.Макони интихобкардаатонро мушоҳида кунед, ки одамон кадом корҳоро анҷом дода истодаанд.
3.Корҳои дар хона ё мактаб дидаатонро бо корҳои саҳроӣ муқоиса намуда, лаҳзаҳои навро дар хотир гиред, ё мухтасар хаттӣ эзоҳ диҳед, сипас ба тасвири манзара бипардозед;
4.Манзарае, ки шумо дар он ҷо зиндагӣ мекунед, бояд дар расмҳоятон ба таври ҳақиқӣ тасвир шавад;
5.Диққати асосиро ба ҷиҳати эстетикии табиати рангини гирду атроф, зебоии наботот, парвозу садои парандагон ва дарахтони тирамоҳи заррин равона кунед;

6.Ба тобишҳои рангҳое, ки дар манзараҳои фасли тирамоҳи заррин хеле зиёданд, бодиққат нигаред;
7.Сипас ин манзараи рангин ва олами афсонавиро тасвир намоед;
8.Ҳангоми тасвир аз расми китоб низ метавонед истифода баред.



**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Зебогии табиатро дарк карда метавонад? | | | |
| Аз олами атроф барои эҷодиёти худ манзараи хуб интихоб карда метавонад? | | | |
| Накшаи саёҳатро мувофиқи шароити маҳалли худ тартиб дода метавонад? | | | |
| Раванди тасвир намудани табиатро фаҳмонида метавонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Мувофиқи қобилияти худ манзараи атрофатонро тасвир намоед.

## Дарсҳои 21-22

### Мавзӯъ: Сохтани бешазор

**Барнома:** Суҳбат оид ба таҳлил намудани расмҳои додашуда, фарқ карда тавонистани гуногунии рангҳо, маълумот оид ба композитсия ҳангоми сохтани беша, муайян карда тавонистани ҷойгиршавии қаторҳои дарахтон, тарзи дуруст ранг кардани “дарахтон” гузаронида шавад. Дар ин дарс фаъолнокии дарк намудани рангҳо инкишоф ёфта, тахайюлот бой гардад.

**Салоҳиятҳо:**
- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**
-гуногунии рангҳоро фарқ карда тавонад;
-рангҳои моеъро бо усули тасвир сохта тавонад;
-пешакӣ бо истифода аз порчаҳои варақ дар рӯйи онҳо расми дилхоҳашро кашида тавонад;
-аз рӯйи расм нигоҳ карда, тартиби тасвирҳоро ҷобаҷо карда тавонад;
-тафаккури эҷодии хонандагон инкишоф меёбад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** картон, коғаз, рангҳои гуногун, мӯқалам, қалами одӣ, ҷадвал, хатпоккунак, қайчӣ.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи композитсия ҳангоми сохтани беша, таҳлил намудани расмҳои додашуда, фарқ карда тавонистани гуногунии рангҳо суҳбат гузаронида шавад. Маълумоти пурра оид ба муайян карда тавонистани ҷойгиршавии қаторҳои дарахтон, тарзи дуруст ранг кардани "дарахтон" дода шавад.

**2.Озмуни "Ҷобаҷо гузор!"**

| | |
|---|---|
| 1.Дарахтони сӯзанбарг | а) сафедор |
| 2.Дарахтони паҳнбарг | б) себ |
| 3.Дарахтони мевадиҳанда | в) арча |
| 4.Дарахтони сояафкан | г) бед |
| 5.Дарахтони ороишӣ | д) санавбар |

**Кори амалӣ.**
1.Расмҳоро аз назар гузаронед;
2.Шакли якумро ин тавр созед: порчаи картон ё фанерэро интихоб карда, дар рӯйи он ҷойгиршавии қаторҳои дарахтонро муайян кунед. (Расми 2)
3.Шакли дуюмро метавонед бо ёрии рангҳои моеъ бо усули тасвир созед;
4.Пешакӣ бо истифода аз порчаҳои варақ дар рӯйи онҳо расми бешаро кашед;
5.Баъди хушк шудани тасвирҳо аз рӯйи тартиби зерин онҳоро ҷобаҷо гузоред (Расми 3)



***Расми 1***


*Расми 2*


*Расми 3*

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ҷадвал, қалами одӣ, ранг, мӯқаламро дуруст, бомаврид ва бо боварии комил истифода бурда метавонад? | | | |
| Ҳиссиёташро ба воситаи тасвирнамоӣ иброз карда метавонад? | | | |
| Бо коғаз ва картон усули оригами ва аппликатсияро ба таври васеъ истифода бурда метавонад? | | | |
| Гуногунии рангҳоро фарқ карда метавонад? | | | |
| Рангҳои моеъро бо усули тасвир сохта метавонад? | | | |
| Пешакӣ бо истифода аз порчаҳои варақ дар рӯйи онҳо расми дилхоҳашро кашида метавонад? | | | |
| Аз рӯйи расм нигоҳ карда, тартиби тасвирҳоро ҷобаҷо карда метавонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Дар хона мувофиқи хоҳишатон бо истифода аз коғаз бешазор созед.

## Дарси 23

### Мавзӯъ: Сохтани асбоби ороишӣ. Чатри гирди чароғи баркӣ

**Барнома:** Суҳбат оид ба асбоби ороишии чатри гирди чароғи баркӣ, ороишҳои конусшакл, силиндршакл, курашакл гузаронида шавад. Дар ин дарс тафаккури эҷодии хонандагон инкишоф меёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

- асбоби ороишии чатри гирди чароғи барқиро сохта метавонад;
- ороишҳои конусшакл, силиндршакл, курашаклро сохта метавонад;
- тафаккури эҷодии хонандагон инкишоф меёбад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** картон, коғаз, рангҳои гуногун, мӯқалам, қалами одӣ, ҷадвал, хатпоккунак, коғази ранга, қайчӣ.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи сохтани намудҳои гуногуни асбобҳои ороишӣ суҳбат гузаронида шавад.

**2.Кори амалӣ.**

1.Расмҳоро аз назар гузаронед;

2.Асбобҳоро бо ёрии доирачаҳо сохтан мумкин аст. Чор доирачаи якхела тайёр кунед. (Расми 2);

3.Доирачаи якумро ба 8 ҳисса тақсим намуда, аз онҳо ҳиссаи 8-умро ҷудо кунед (расми 3) ва қисми якуми асбоб (расми 1)-ро созед. (Расми 4);

4.Аз доирачаи дуюм ду ҳисса ҷудо карда, қисми дуюми асбобро созед. (расми 4);

5.Аз доирачаи сеюм, чор ҳиссаашро бурида, қисми сеюмро созед (расми 5);

6.Ҳар як қисмро бо коғазҳои ранга оро диҳед ва асбобро созед.



**Расми 1**



**Расми 2**



**Расми 3**



**Расми 4**

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Қайчӣ, чадвал, қалами одӣ, ранг, мӯқаламро дуруст, бомаврид ва бо боварии комил истифода бурда метавонад? | | | |
| Бо коғаз ва картон чатри гирди чароғи барқиро сохта метавонад? | | | |
| Намунаҳои кори худро такроран айнан ҳосил карда метавонад? | | | |
| Асбоби ороишии чатри гирди чароғи барқиро сохта метавонад? | | | |
| Ороишҳои конусшакл, силиндршакл, курашаклро сохта метавонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Мувофиқи хоҳиш ва қобилияти худ асбоби ороишӣ созед.

## Дарси 24

### Мавзӯъ: Шохчаи гул

**Барнома:** Суҳбат оид ба сохтани шохчаи гул, дуруст тайёр намудани тасмачаҳои коғазин ва дар онҳо буридани раххо, интихоби шохчаи мувофиқ ва дар он печонидани тасмачаи тайёркардашуда гузаронида шавад. Дар ин дарс тафаккури эҷодии хонандагон инкишоф дода, тарбияи зебоипарастӣ ташаккул ёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-расмҳоро дида, таҳлил карда метавонад;

-тасмачаҳои коғазин ва дар онҳо буридани раххоро тайёр карда метавонад;

-шохчаи мувофиқро интихоб намуда, дар он тасмачаи тайёркардашударо печонида метавонад.

-тафаккури эҷодии хонандагон инкишоф меёбад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** картон, коғаз, рангҳои гуногун, мӯқалам, қалами одӣ, чадвал, хатпоккунак, коғази ранга, қайчӣ.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи сохтани шохчаи гул, дуруст тайёр намудани тасмачаҳои коғазин ва дар онҳо буридани раххо, интихоби шохчаи мувофиқ ва дар он печонидани тасмачаи тайёркардашуда суҳбат гузаронида шавад.

**2.Кори амалӣ.**

1.Расмҳоро аз назар гузаронед;

2.Шохчаи гулро аз коғазҳои рангаи тунук сохтан мумкин аст. (Расми 1)

3.Тасмачаҳои коғазӣ созед ва дар онҳо раххо буред.



**Расми 1**



**Расми 2**



**Расми 3**

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Қайчӣ, чадвал, қалами одӣ, ранг, мӯқаламро дуруст, бомаврид ва бо боварии комил истифода бурда метавонад? | | | |
| Бо коғаз шохчаи гулро сохта метавонад; | | | |
| Аз олами атроф барои эҷодиёт ашё ва мавзӯъҳои ба худ писанд интихоб карда метавонад? | | | |
| Намунаҳои кори худро такроран айнан ҳосил карда метавонад? | | | |
| Расмҳоро дида, таҳлил карда метавонад? | | | |
| Тасмачаҳои коғазӣ ва дар онҳо | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| буридани раххоро тайёр карда метавонад? | | | |
| Шохчаи мувофикро интихоб намуда, дар он тасмачаи тайёркардашударо печонида метавонад? | | | |

## Дарси 25

### Мавзӯъ: Меҳнати хоҷагӣ

**Барнома:** Суҳбат оид ба моҳияти меҳнати хоҷагӣ, интихоби дурусти соҳаи хоҷагӣ, дар ҳолати шакли кор иваз шудан, тез тайёр шудан, тарзи дурусти банақшагирӣ ҳангоми пеш омадани супориши нав гузаронида шавад. Дар ин дарс тафаккури эҷодии хонандагон инкишоф додашуда, тарбияи зебоипарастӣ ташаккул ёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онҳоро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-моҳияти меҳнати хоҷагиро фаҳмонида тавонад;
- дар ҳолати иваз шудани шакли кор зуд тайёр шуда метавонад;
- баъди ҳосилғундорӣ додани нурӣ ва нарм намудани заминро метавонад;
- вақти ҳосилғундориро муайян карда метавонад.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи меҳнати хоҷагӣ, интихоби дурусти соҳаи хоҷагӣ, тарзи дурусти банақшагирӣ ҳангоми пеш омадани супориши нав, дар ҳолати иваз шудани шакли кор зуд тайёр шудан суҳбат гузаронида шавад.

**2.**Мавзӯи мазкурро бо усули “Кластер” мустаҳкам намудан мумкин аст.

Дар марказ як мафҳум, савол ё проблемаи мавзӯи нав навишта мешавад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки маълумоти доштаашонро дар бораи он нависанд. Ин имкон медиҳад, ки хонандагон ҳамаи андешаҳои баёншударо дар як ҷо гирд оварда, дар баробари шунидани онҳо боз аёнӣ бо онҳо шинос гарданд.

“Роҳҳои осон намудани чидани меваро муайян намоед. Роҳҳои ҷамъоварии сабзавотро номбар кунед. Кишту кори тирамоҳиро фаҳмонед.”

**3.Кори амалӣ.**

1.Вобаста ба шароити маҳаллатон соҳаи хоҷагии мувофикро интихоб намоед.
2.Дар хотир дошта бошед, ки тарзи иҷрои супориш зуд тағйир меёбад.
3.Як шакли кор ба шакли дигар мегузарад (баъди ҳосилғундорӣ, додани нурӣ ва нарм намудани замин ё тоза кардани ниҳолҳои ангур в.ғ.).
4.Вобаста ба шароити маҳал аз ҷадвали зерин истифода бурда, ҷадвали дигар тартиб диҳед.

| Номгӯи кор | Вақти иҷро | Шахси масъул |
|---|---|---|
| 1.Чидани мева | Ҳафтаи якум | Калонсолон |
| 2.Ҷамъоварии сабзавот | Ҳафтаи якум | Калонсолон |
| 3.Кишту кори тирамоҳӣ | Баъди ғунучини ҳосил | Калонсолон |

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Вобаста ба шароити маҳал соҳаи хоҷагии мувофикро интихоб карда | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| метавонад; | | | |
| Баробари пеш омадани супориши нав тарзи дурусти банакқшагириро метавонад? | | | |
| Ҳангоми зуд тағйир ёфтани тарзи иҷрои супориш аз уҳдаи кор мебарояд? | | | |
| Дар ҳолати иваз шудани шакли кор зуд тайёр шуда метавонад? | | | |
| Баъди ҳосилғундорӣ додани нурӣ ва нарм намудани заминро метавонад? | | | |
| Вақти ҳосилғундориро муайян карда метавонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Вақти кишту кори тирамоҳиро муайян намуда, дар замини наздиҳавлигиатон ба кишту кори тирамоҳӣ машғул шавед.

## Дарсҳои 26-27

### Мавзӯъ: Аз рӯйи конструксия сохтани модели планёр

**Барнома:** Суҳбат дар бораи ба расм нигоҳ карда, таҳлил кардан, қисмҳои планёрро ҷудо кардан, фарқияти байни самолёт ва планёр, сохти планёр, пайдарпайии сохтани планёр гузаронида шавад. Дар ин дарс эҷодиёти техникии хонандагон инкишоф дода шавад ва тарбияи зебоипарастӣ ташаккул ёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-ба расм нигоҳ карда, таҳлил карда метавонад;
-қисмҳои планёрро ҷудо карда метавонад;
-фарқияти байни самолёт ва планёрро медонад;
-оид ба сохти планёр маълумоти пурра мегирад;
-пайдарпайии сохти планёрро медонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** картон, қайчӣ, рангҳои гуногун, қалами одӣ.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи фарқияти байни самолёт ва планёр, сохти планёр, пайдарпайии сохтани планёр суҳбат гузаронида шавад.

**2. Бозии "Кроссворд"**

Бозии «Кроссворд»-ро дар мавзӯи мазкур гузаронидан мумкин аст. Вобаста ба синну соли хонандагон барои ҳалли мавзӯъ намудҳои гуногуни кроссвордро пешниҳод кардан мумкин аст. Истифодаи кроссворд дар дарс, масалан ҳангоми равиши дарс барои инкишоф ва ташаккули хотира, қобилияти фикркунии мантиқӣ, зиракӣ, таҳлил, муқоисакунӣ мусоидат мекунад.

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | П | а | р | в | о | з | |
| С | т | а | б | и | Л | и | з | а | т | о | р |
| | | | | К | А | б | и | н | а | | |
| | | | Қ | а | Н | о | т | | | | |
| | | | Э | л | Е | р | о | н | | | |
| | | | | | Р | у | л | | | | |

**Эзоҳ:** дар кроссворд қисмҳои планёрро ёбед.
**3.Кори амалӣ. Аз рӯйи конструксия сохтани модели планёр.**
1.Расмро аз назар гузаронед;
2.Шакли одии планёрро метавонед созед;
3.Планёрро аз картон созед;
4.Фюзелаж ва кабинаро (1,2) метавонед дар шакли конус сохта бо, ҳам пайваст кунед.
5.Қанотҳо (3,4), стабилизатор, рули гардиш (7) –ро низ ҷудо-ҷудо сохта, пайваст намудан мувофиқ аст.



**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Коғаз, қалами одӣ, қайчӣ, ҷадвали металлиро васеъ истифода бурда метавонад? | | | |
| Шакли геометрӣ: конусро шинохта сохта метавонад? | | | |
| Намунаҳои эҷодиёти тахайюлиро таҳлил, тафсир ва муқоиса намуда, хулоса мебарорад? | | | |
| Ба расм нигоҳ карда, таҳлил карда метавонад? | | | |
| Қисмҳои планёрро ҷудо карда метавонад? | | | |
| Фарқияти байни самолёт ва планёрро медонад? | | | |
| Оид ба сохти планёр маълумоти пурра дода метавонад? | | | |
| Пайдарпайии сохти планёрро медонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Мувофиқи хоҳиш ва шавқи худ намуди дигари планёрро созед.

## Дарси 28

**Мавзӯъ: Санъати ҳайкалтарошӣ**

**Барнома:** Оид ба намудҳои санъати ҳайкалтарошӣ, моҳият ва таъсири намудҳои санъати тасвириро дарк намудан, ҳайкалҳоро муқоиса карда, масолеҳҳо (фулуз, хорасанг, мармар, гили кулолӣ) барои сохтани санъати ҳайкалтарошӣ интихоб кардан, оид ба сохти онҳо мароқ зоҳир намудан суҳбат гузаронида шавад. Дар ин дарс ҳисси зебоипарастӣ ташаккул ёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

- бо санъати ҳайкалтарошӣ пурра шинос мешавад;
- маълумот оид ба масолеҳ (фулуз, хорасанг, мармар, гили кулолӣ) барои сохтани санъати ҳайкалтарошӣ дошта бошад;
- бо мақсад ва моҳияти санъати ҳайкалтарошӣ шиносоӣ пайдо мекунад;
- ба бостоншиносӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд;
- бо намудҳои санъати ҳайкалтарошӣ: ҳайкалу пайкара, нимпайкараҳо шинос шавад;
- ҳайкалҳоро муқоиса карда, оид ба сохти онҳо мароқ зоҳир карда тавонад.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи масолеҳ (фулуз, хорасанг, мармар, гили кулолӣ) барои сохтани санъати ҳайкалтарошӣ, моҳият ва таъсири намудҳои санъати тасвириро дарк намудан, ҳайкалҳоро муқоиса карда, оид ба сохти онҳо мароқ зоҳир намудан суҳбат гузаронида шавад.

**2.**Дар мавзӯи мазкур усули “Ангезиши зеҳн”-ро истифода бурда, ба хонандагон чунин саволҳо пешниҳод карда шавад:

“Ба фикри шумо ҳайкалҳо аз чӣ сохта мешаванд? Санъати ҳайкалтарошӣ чӣ гуна малакаю маҳоратро талаб менамояд? Ҳайкалтарошӣ аз кадом давра сарчашма мегирад?

**3.Кори амалӣ. Санъати ҳайкалтарошӣ**

1.Аз тасаввуроти хонандагон вобаста ба хоҳиши онҳо иншои кӯтоҳ оид ба ҳайкалҳои дар маҳал буда навишта шавад.






**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Моҳият ва таъсири намудҳои санъати тасвириро дарк карда, муносибат ба худро нисбат ба ин намунаҳо шарҳ медиҳад? | | | |
| Бо санъати ҳайкалтарошӣ пурра шинос аст? | | | |
| Оид ба мақсад ва моҳияти санъати ҳайкалтарошӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Оид ба масолеҳ (фулуз, хорасанг, мармар, гили кулолӣ) барои сохтани санъати ҳайкалтарошӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Оид ба бостоншиносӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда метавонад? | | | |
| Ҳайкалҳоро муқоиса карда, оид ба сохти онҳо мароқ зоҳир карда метавонад? | | | |
| Моҳият ва таъсири намудҳои санъати тасвириро дарк карда, муносибати худро нисбат ба ин намунаҳо шарҳ медиҳад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Ҳайкалҳои дар шаҳр ё ноҳиятон мавҷударо таҳлил намуда, моҳияти онҳо муайян намоед.

## Дарси 29

### Мавзӯъ: Сохтани бозичаҳои мулоим

**Барнома:** Суҳбат оид ба дуруст, бомаврид истифода бурдани асбобҳои дӯзандагӣ, интихоби дурусти ашё ва мавзӯъҳои ба худ писанд аз олами атроф барои эҷодиёт,

сарфакорона истифодаи матоъ гузаронида шавад. Дар ин дарс ҳисси зебоипарастӣ инкишоф ёфта, тарбияи сарфакорӣ ташаккул меёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-матоъро сарфакорона истифода бурда метавонад;

- аз матоъпораҳо бозичаҳои мулоимро сохта метавонад;
- ҳисси зебоипарастӣ инкишоф ёфта, тарбияи сарфакорӣ ташаккул меёбад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** матоъ, сӯзан, қайчӣ, пахта ё матоъпораҳо, тугма, ресмонҳои ранга, қалами одӣ.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи бомаврид истифода бурдани асбобҳои дӯзандагӣ, интихоби дурусти эҷодиёт ашё ва мавзӯъҳои ба худ писанд аз олами атроф барои сарфакорона истифодаи матоъ суҳбат гузаронида шавад.

**2.Кори амалӣ. Сохтани бозичаҳои мулоим**

1.Расмро аз назар гузаронед.

2.Ду порча матоъ гирифта, мувофиқи расми 1 шакли сангпуштро бибуред.

3.Ба ковокии порчаҳо пахта ҷой кунед.

4.Канораҳояшро дӯзед. (Расми 2)

5.Ба сифати чашм аз тугма истифода баред.




**Расми 1** **Расми 2**

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ҷадвал, қайчӣ, қалами одӣ, сӯзанро дуруст, бомаврид ва бо боварии комил истифода бурда метавонад? | | | |
| Сӯзанро бо усулҳои гуногун (бо риштаҳои гуногун дӯхтан, гулдӯзӣ кардан, порчаҳои матоъро бо ҳам дӯхтан ва ғ.) истифода бурда метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ҳиссиёти худро бо воситаҳои гуногуни санъат ифроз менамояд? | | | |
| Аз олами атроф барои эҷодиёт ашё ва мавзӯъҳои ба худ писанд интихоб карда метавонад? | | | |
| Намудҳои васеи меҳнатро фарқ ва қадр карда метавонад? | | | |
| Матоъро сарфакорона истифода бурда метавонад? | | | |
| Аз матоъпораҳо бозичаҳои мулоим сохта метавонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Ба қоидаҳои техникаи бехатарӣ риоя намуда, мувофиқи хоҳиши худ намуди дигари бозичаи мулоим созед.

## Дарсҳои 30-31

**Мавзӯъ: Чароғаки солинавӣ ва ороиши он**

**Барнома:** Суҳбат оид ба дуруст, бомаврид истифода бурдани асбобҳо барои сохтани чароғаки солинавӣ ва ороиш додани он, фарқи намудҳои коғазҳои ранга ва намудҳои рангҳои гуногун гузаронида шавад. Дар ин дарс ҳисси зебоипарастӣ, доираи ҷаҳонбинӣ инкишоф ёфта, тахайюлоту тасаввурот васеъ мегардад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онҳоро шарҳ дода метавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** коғази ранга, ҷадвал, қайчӣ, қалами одӣ, мӯқалам, рангҳои гуногун, ширеш.

**Мақсади дарс:**

-инкишоф ёфтани ҳисси зебоипарастӣ;
- дар шароити хона ширеш сохта тавонад;
- намудҳои коғазҳои рангаро фарқ карда тавонад;
- намудҳои рангҳои гуногун: обӣ, гуаш, равғаниро фарқ карда тавонад.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи соли нави мелодӣ, намудҳои нақшҳои ороишии чароғаки солинавӣ, мароқовару рангин кашидани нақшҳои ороишӣ аз воқеияти атроф, дуруст, бомаврид истифода бурдани асбобҳо барои сохтани чароғаки солинавӣ ва ороиш додани он суҳбат гузаронида шавад.

**2.Бо усули "Саволу ҷавоб" дарси имрӯза мустаҳкам карда шавад.**

"Барои ороиш додани чароғаки солинавӣ чӣ корҳоро анҷом додан мумкин аст? Дар ороиши сюжетҳо шаклҳои ҳайвону парандаҳоро аз чӣ сохтан мумкин аст? Дар ороиши сюжетҳо кадом рангҳоро истифода мебаранд?"

**3.Кори амалӣ. Чароғаки солинавӣ ва ороиши он**

1.Расмро аз назар гузаронед.
2.Шаклҳои ҳайвону парандаҳоро аз коғази ранга созед.
3.Қисмҳои алоҳидаро бо ранги гуаш ороиш диҳед.

 

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Коғази ранга, ҷадвал, қайчӣ, қалами одӣ, мӯқалам, рангҳои гуногун, ширешро дуруст, бомаврид ва бо боварии комил истифода бурда метавонад? | | | |
| Ҳиссиёти худро ба воситаҳои гуногуни санъат иброз менамояд? | | | |
| Намудҳои васеи меҳнатро фарқ ва қадр карда метавонад? | | | |
| Дар шароити хона ширеш сохта метавонад? | | | |
| Намудҳои коғазҳои рангаро фарқ карда метавонад? | | | |
| Намудҳои рангҳои гуногун: обӣ, гуаш, равғаниро фарқ карда метавонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Чароғаки солинавӣ созед ва мувофиқи хоҳиши худ онро оро диҳед.

## Дарси 32

### Мавзӯъ: Рӯзи омӯзгорон (муаллимон)

**Барнома:** Суҳбат оид ба дуруст, бомаврид истифода бурдани асбобҳо барои сохтани табрикнома, тасаввури намудҳои рамз, тарзи дурусти часпонидани рамзи гулхан (оташ), навдабаргҳо ва нишонҳои алоҳидаро буридан ва ба қисми асосӣ, тарзҳои дурусти сохтани гулҳои гуногун гузаронида шавад. Дар ин дарс ҳисси зебоипарастӣ, доираи ҷаҳонбинӣ инкишоф ёфта, тахайюлоту тасаввурот васеъ мегардад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-инкишоф додани маҳорат ва малака оид ба сохтани табрикнома;
-пайдарпайии сохтани табрикномаро донад;

-намудҳои рамзро тасаввур ва сохта тавонад;
-тарзи дурусти ба қисми асоси часпонидани рамзи гулхан (оташ), навдабаргҳо ва буридани нишонҳои алоҳидаро тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** ҷадвал, қайчӣ, қалами одӣ, мӯқалам, рангҳои гуногун, ширеш, вароқи албом.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи дуруст, бомаврид истифода бурдани асбобҳо барои сохтани табрикнома, тарзҳои дурусти сохтани гулҳои гуногун, тарзи дурусти часпонидани рамзи гулхан (оташ), навдабаргҳо ва буридани нишонҳои алоҳида суҳбат гузаронида шавад.

**2.Кори амалӣ. Чароғаки солинавӣ ва ороиши он**

1.Расмро аз назар гузаронед.
2.Аз вароқи албом ва коғазҳои ранга мувофиқи расм қартагул созед.
3.Аввал қисми асосии қартагулро тайёр намоед.
4.Сипас рамзи навдабаргҳо ва нишонҳоро алоҳида бурида, ба қисми асосӣ часпонед.



**Расми 1**

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Коғази ранга, ҷадвал, қайчӣ, қалами одӣ, мӯқалам, рангҳои гуногун, ширешро дуруст, бомаврид ва бо боварии комил истифода бурда метавонад? | | | |
| Ҳиссиёти худро бо воситаҳои гуногуни санъат ифроз менамояд? | | | |
| Намудҳои гуногуни табрикномаро сохта метавонад? | | | |
| Пайдапайии сохтани табрикномаро медонад? | | | |
| Намудҳои рамзро тасаввур карда ва сохта тавонад; | | | |
| Тарзи дурусти ба қисмҳои асосӣ часпонидани рамзи гулхан (оташ), навдабаргҳо ва буридани нишонҳои алоҳидаро метавонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Дар хона барои равнақ додани эҷодиёти худ бахшида ба Рӯзи омӯзгорон ба омӯзгори дӯстдоштаатон туҳфа тайёр намоед.

## Дарси 33

### Мавзӯъ: Сохтани фонусчаҳо

**Барнома:** Суҳбат оид ба дуруст, бомаврид истифода бурдани асбобҳо барои сохтани фонусчаҳо, тасаввури намудҳои фонусча, тарзи дурусти ҳосил кардани ранги нав гузаронида шавад. Дар ин дарс ҳисси зебоипарастӣ, инкишоф ёфта, тахайюлот васеъ мегардад.

**Салоҳиятҳо:**

- Микдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-инкишоф додани маҳорат ва малака оид ба сохтани фонусчаҳо;
-пайдапайии сохтани фонусчаҳоро донад;
-намудҳои фонусчаҳоро тасаввур карда, сохта тавонад;
-тарзи дурусти тайёр кардани фонусчаҳоро донад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** коғази ранга, ҷадвал, қайчӣ, қалами одӣ, мӯқалам, рангҳои гуногун, ширеш, вараки албом.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи дуруст сохтани фонусча, раванди пайдарпайии фонусча, намудҳои он, оид ба инкишофи мушоҳидакории хонандагон гузаронида шавад.

**2.Аз усули проблемавӣ истифода бурда, мустаҳкамкунии мавзӯъ гузаронида шавад.**

Ҳангоми истифодаи усули мазкур одатан аз тарафи муаллим ба синф масъала гузошта мешавад. Дар мавзӯи мазкур чунин пмасъаларо гузоштан мумкин аст: **Тарзи овехтани фонусчаро кӣ фаҳмонида медиҳад?**

**3.Кори амалӣ. Сохтани фонусчаҳо**

1.Расмро аз назар гузаронед.
2.Картонро интихоб намоед.
3.Андозаҳои заруририро ба картон гузошта, онро ба чор ҳиссаи баробар, барои сохтани фонусчаи шакли чоркунҷадошта тақсим намоед.
4.Нақшу нигорро мувофиқи хоҳиши худ интихоб карда, ба ҳар як қисм тасвир намоед.
5.Аз рӯйи хати тақсимотӣ картонро қат намуда, бо ширеш пайваст намоед.
6.Аз чор тарафи болои фонусча ресмон барои овехтан гузаронед.
7.Аз қадамҳои фонусчаи чоркунҷа истифода бурда, фонусчаи намудҳои секунҷа ва даврашаклро созед.



**Расми 1**



**Расми 2**



**Расми 3**

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Коғази ранга, чадвал, қайчӣ, қалами одӣ, мӯқалам, рангҳои гуногун, ширеш, вароқи албомро дуруст, бомаврид ва бо боварии комил истифода бурда метавонад? | | | |
| 2-3 рангро омехта карда, ранги нав ҳосил карда метавонад? | | | |
| Пайдарпайии сохтани фонусчаҳоро медонад? | | | |
| Амалҳояшро пешакӣ бо дарназардошти вақт ба нақша мегирад? | | | |
| Намудҳои фонусчаҳоро тасаввур карда, сохта метавонад? | | | |
| Аз олами атроф барои эҷодиёт ашё ва мавзӯъҳои ба худ писанд интихоб карда метавонад? | | | |
| Тарзи дурусти тайёр кардани фонусчаҳоро медонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Мувофиқи хоҳиши худ дар хона намуди дигари фонусчаро созед.

## Дарсҳои 34-35

**Мавзӯъ: Модели крани борбардор**

**Барнома:** Суҳбат оид ба дуруст, бомаврид истифода бурдани модели крани борбардор, тасаввури намудҳои модели крани борбардор гузаронида шавад. Дар ин дарс маҳорату малакаи сохтани моделҳои борбардор инкишоф меёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-инкишоф додани маҳорат ва малака оид ба сохтани модели крани борбардор;
-пайдапайии сохтани модели крани борбардорро донад;
-намудҳои гуногуни модели крани борбардорро тасаввур карда, сохта тавонад;
-тарзи дурусти тайёр кардани моделҳои крани борбардорро донад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** картон, коғази ранга, чадвал, қайчӣ, қалами одӣ, мӯқалам, рангҳои гуногун, ширеш, вароқи албом.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи дуруст, бомаврид истифода бурдани модели крани борбардор, тасаввури намудҳои модели крани борбардор, оид ба инкишофи маҳорату малака гузаронида шавад.

**2.Кори амалӣ. Сохтани фонусчаҳо**

1.Расмро аз назар гузаронед.

2.Картонро интихоб намоед.

3.Андозаҳои зарурииро ба рӯйи картон гузоред.

4.Мувофиқи расмҳо модели крани борбардорро созед.





**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Картон, коғази ранга, ҷадвал, қайчӣ, қалами одӣ, мӯқалам, рангҳои гуногун, ширеш, варақи албомро дуруст, бомаврид ва бо боварии комил истифода бурда метавонад? | | | |
| Ҳиссиётašро ба воситаи тасвирнамоӣ ифроз карда метавонад? | | | |
| Ба натиҷаи кори худ баҳо дода, онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Пайдапайии сохтани модели крани борбардорро медонад? | | | |
| Намудҳои гуногуни модели крани борбардорро тасаввур сохта метавонад? | | | |
| Тарзи дурусти тайёр кардани моделҳои крани борбардорро медонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Барои инкишоф додани қобилияти техникии худ намуди дигари модели крани борбардорро созед.

## Дарси 36

### Мавзӯъ: Коркарди замин

**Барнома:** Суҳбат оид ба мувофиқи дастури мутахассис ё муаллим аз асбобу олотҳои корӣ истифода бурда, вобаста ба шароити мактаб ва маҳал нақшаи иштирок дар коркарди замини таҷрибавӣ, намудҳои ҳоҷагидорӣ гузаронида шавад. Дар ин дарс маҳорату малакаи кор дар замин инкишоф меёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-мақсади дамдиҳии заминро медонад;
-мақсадҳои кишти заминро медонад;
-бо мақсади афзун намудани ҳосилнокӣ вақти поруандозиро медонад;
-тарбияи ба калонсолон ёрӣ доданро мефаҳмад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** истифодаи асбобу олотҳои корӣ мувофиқи дастури мутахассис ё муаллим

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи коркарди замин, мақсади кор, оид ба боғдорӣ, ғаллакорӣ, чорводорӣ гузаронида шавад.

**2.**Аз усули "Чархи ақидаҳо" истифода бурда, дарси имрӯзаро мустаҳкамтар намоед.

Дар маркази «чарх» мафҳум, савол ё мушкилоти мавзӯи нав навишта мешавад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки ду ё чорнафарӣ кор карда, маълумоти доштаашонро оид ба ин мавзӯъ нависанд.

Мақсади дамдиҳии замин аз чӣ иборат аст? Мақсади поруандозиро муайян намоед.

**3.Кори амалӣ. Коркарди замин**

1.Вобаста ба шароити мактаб ва маҳаллатон нақшаи иштирок дар коркарди замини таҷрибавиро тартиб диҳед.

2.Метавонед корҳои ба нақша гирифтаатонро аз рӯйи ҷадвали зерин анҷом диҳед:

| Ном ва мақсади кор | Макони кор | Вақти кор | Шахси масъул |
|---|---|---|---|
| 1.Кишти замин бо мақсади дамдиҳии он | Замини таҷрибавии мактаб | Октябр | Муаллим |
| 2.Поруандозӣ бо мақсади афзун намудани ҳосилнокӣ | Замини назди мактаб | Октябр | Муаллим |
| 3.Ёрӣ ба калонсолон | Замини шахсӣ (ҳавлӣ) | Октябр | Калонсолон |

3.Боғдорон, ғаллакорон, чорводорон ва ғайра имкон доранд, ки вобаста ба шароити мактаби худ корҳояшонро ба нақша гиранд.

4.Аз асбобу олотҳои корӣ мувофиқи дастури матахассис ё муаллим истифода баред.

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Амалҳояшро пешакӣ бо дарназардошти вақт ба нақша гирифта метавонад? | | | |
| Аз олами атроф барои эҷодиёт ашё ва мавзӯъҳои ба худ писанд интихоб карда метавонад? | | | |
| Ба натиҷаи кори худ баҳо дода, онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Намудҳои васеи меҳнатро фарқ ва қадр карда метавонад? | | | |
| Мақсади дамдиҳии заминро медонад? | | | |
| Мақсадҳои кишти заминро медонад? | | | |
| Бо мақсади афзун намудани ҳосилнокӣ вақти поруандозиро медонад? | | | |
| Тарбияи ба калонсолон ёрӣ доданро мефаҳмад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Мавзӯи имрӯзаро таҳлил намуда, дар хона ба калонсолон барои коркарди замин ёрӣ расонед.

## Дарси 37

**Мавзӯъ: Натюрморт. Кашидани расм аз асл. Асбобҳои дуредгарӣ**

**Барнома:** Суҳбат оид ба намудҳои асбобҳои дуредгарӣ, таъинот ва қисмҳои он, фарқи байни қисмҳои чӯбӣ ва металлии асбобҳо гузаронида шавад. Дар ин дарс маҳорату малакаи кор оид ба мафҳуми натюрморт, тарзи композитсияи он, фарқияти таносуби онҳо инкишоф меёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.

- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-аз асл кашидани расмро меомӯзад;
-инкишофи маҳорат ва малакаи аз асл кашидан;
-меъёрҳои композитсияро дуруст риоя мекунад;
-фарқияти таносуби предметҳоро мефаҳмад;
-рангҳои аслиро аз рангҳои сунъӣ фарқ мекунад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** асбобҳои дуредгарӣ барои кашидани расм аз асл, коғаз, қалами одӣ, мӯқалам, қалами ранга, ҷадвал, ранги обӣ.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи таъйинот ва қисмҳои он, фарқи байни қисмҳои чӯбӣ ва металлии асбобҳо, мафҳуми натюрморт, тарзи композитсияи он, фарқияти таносуби онҳо гузаронида шавад.

**2.Кори амалӣ. Натюрморт. Кашидани расм аз асл. Асбобҳои дуредгарӣ**

1.Асбобҳои дуредгариеро, ки барои тасвир истифода мебаред, тавре гузоред, то тарзи композитсияро ҳамаҷониба пурра гардонад.
2.Дар вақти кашидани расм аввал фарқияти таносуби ашёро тасвир кунед.
3.Сипас бо рангҳои аслӣ корро ба анҷом расонед.





**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Коғаз, қалами одӣ, мӯқалам, ҷадвал, ранги обиро дуруст, бомаврид ва бо боварии комил истифода бурда метавонад? | | | |
| 2-3 рангро омехта карда, ранги нав ҳосил карда метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Расми тасвиркардаашро бо қаламҳои ранга ва мӯқалам бо рӯшноӣ ва сояафканӣ ранг карда метавонад? | | | |
| Моҳият ва таъсири намудҳои санъати тасвириро дарк карда, муносибати худро нисбат ба ин расмҳо шарҳ дода метавонад? | | | |
| Аз асл кашидани расмро омӯхта метавонад? | | | |
| Меъёрҳои композитсияро дуруст риоя мекунад? | | | |
| Фарқияти таносуби ашёро мефаҳмад? | | | |
| Рангҳои аслиро аз рангҳои сунъӣ фарқ карда метавонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Барои сайқал додани маҳорати кашидани расм аз асл чинивории дар хонабударо тасвир намоед.

## Дарси 38

**Мавзӯъ: Аз гил ё пластилин сохтани зарфҳо**

**Барнома:** Суҳбат оид ба намудҳои гил ва рангҳои пластилин, мустақилона ва эҷодкорона сохтани зарф, воситаҳои ородиҳӣ гузаронида шавад. Дар ин дарс тафаккури эҷодии хонандагон инкишоф меёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Салоҳиятҳо:**

**Мақсади дарс:**

-аз гил ё пластилин зарфҳо сохта метавонад;
- тафаккури эҷодӣ инкишоф меёбад;
- мустақилона ва эҷодкорона мувофиқи хоҳиш сохтани зарфҳоро меомӯзад;
-намудҳои гуногуни ороиш додани зарфро меомӯзад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** пластилин, гил, ҷадвал, ғалладона.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи намудҳои зарф, тарзи ороиш додани зарфҳо, воситаҳои ороишдиҳӣ, пайдарпайии ороиш додани зарфҳои аз пластилин ва аз гил сохташуда суҳбат гузаронида шавад.

**2.Аз усули “Диаграммаи Венн” истифода бурда, дарси имрӯзаро мустаҳкам намоед.**

Диаграммаи Венн – усулест барои ёфтани фарқ ва умумияти мафҳум, ҳодиса, ашё ва муқоисаи онҳо. Омӯзгор метавонад онро дар муқоисаи симоҳои мусбат ё манфии матн, фарқи ашё гуногун аз рӯйи мазмуни он истифода барад. Талабагон монандӣ, фарқ ва муқоисаро дар дафтари худ, ё лавҳи синф менависанд.

**Қадамҳои истифода бурдани ин усул:**

1. Ба хонандагон масъаларо пешниҳод кунед.
2. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар атрофи ин масъала фикр карда (ашё, ҳодисаҳо ва ғ.), фарқият ва умумиятро муайян намоянд.

3. Хонандагон дар вараќи сафед ду давраи ба ҳам пайвастро тасвир мекунанд.
4. Онҳо дар қисматҳои чапу рости давра фарқиятҳо ва дар мобайни он умумияти масъалаи пешниҳодшударо қайд мекунанд.
5. Ҳар як намояндаи гурӯҳ кори худро муаррифӣ мекунад.

**Намуна**:

**Масъала**: Фарқият ва умумияти оҳану чӯбро нишон диҳед.




**Масъала**: Фарқият ва умумияти гил ва пластилинро нишон диҳед.



**3.Кори амалӣ. Аз гил ё пластилин сохтани зарфҳо**

1.Расмҳои дар китоби дарсӣ додашударо аз назар гузаронед.
2.Ба сохтани зарфҳо омода шавед.
3.Ашёи заруриро омода кунед.
4. Шумо метавонед аз рӯйи хоҳиши худ (аз пластилин ё гил) мувофиқи расмҳо эҷодкорона зарф созед.
5. Зарфро ороиш диҳед.
6.Агар зарфи сохташуда аз пластилин бошад, дарҳол онро ороиш диҳед.
7.Агар зарф аз гил бошад, онро баъд аз сохтан ороиш диҳед.



**Расми 1** **Расми 2** **Расми 3**

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Аз гил, пластилин, коғаз, картон ва маснуоти табиӣ ашёи гуногуни мураккабро моделсозӣ менамояд? | | | |
| Коғаз, картон, гил, пластилин, маснуоти табиӣ ва дигар ашёро ҳамчун воситаи ородиҳӣ ба таври васеъ истифода бурда метавонад? | | | |
| Амалҳояшро пешакӣ бо дарназардошти вақт ба нақша мегирад? | | | |
| Намунаҳои кори худро такроран айнан ҳосил карда метавонад? | | | |
| Аз олами атроф барои эҷодиёт ашё ва мавзӯъҳои ба худ писанд интихоб карда метавонад? | | | |
| Ба натиҷаи кори худ баҳо дода, онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Аз гил ё пластилин зарфҳо сохта метавонад? | | | |
| Мустақилона ва эҷодкорона мувофиқи хоҳиш сохтани зарф меомӯзад? | | | |
| Намудҳои гуногуни ороиш додани зарфро меомӯзад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Аз гил ё пластилин мувофиқи хоҳиш ва қобилияти худ зарфҳо созед.

## Дарси 39

**Мавзӯъ: Суробсозӣ аз масолеҳи табиӣ**

**Барнома:** Суҳбат оид ба намудҳои суробсозӣ аз масолеҳи табиӣ, мустақилона ва эҷодкорона сохтани суроб гузаронида шавад. Дар ин дарс тафаккури эҷодии хонандагон инкишоф меёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-аз масолеҳи табиӣ суробҳо сохта метавонад;

- тафаккури эҷодӣ  инкишоф меёбад;

- мустақилона ва эҷодкорона мувофиқи хоҳиш аз масолеҳҳои табиӣ суроб сохтанро меомӯзанд;

-намудҳои гуногуни суробсозиро меомӯзад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** пластилин ё гил, ҷадвал, ғалладона, пӯчоқи тухм, пар, коғази ранга, тухми рустаниҳо, коғази ранга ё баргҳо, ҷалғӯза.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи  суроб ва намудҳои суробсозӣ, масолеҳҳои зарурӣ барои сохтани суроб суҳбат гузаронида шавад.

**2.Кори амалӣ. Суробсозӣ аз масолеҳи табиӣ**

1.Аз расмҳои зерин истифода бурда, мустақилона шаклҳо созед (расмҳои 1,2,3)

2.Чунин парандаро (расми 1) аз пӯчоқи тухм, пар, гил ё пластилин, коғази ранга сохтан мумкин аст.

3.Шабпарак (расми 2) –ро аз тухми рустаниҳо, коғази ранга ё баргҳо сохтан беҳтар мебошад.

4.Чунин (расми 3) моҳичаҳоро аз ҷалғӯза ва коғази ранга сохтан имконпазир аст.



Расми 1



Расми 2



***Расми 3***

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Аз гил ё пластилин ва маснуоти табиӣ ашёи гуногуни мураккабро моделсозӣ менамояд? | | | |
| Пластилин, гил, маснуоти табиӣ ва дигар ашёро ҳамчун воситаи ородиҳӣ ба таври васеъ истифода бурда метавонад? | | | |
| Дар доираи мавзӯъҳои гуногуни тахайюлӣ ғоя (идея) -ҳои наву мураккаб эҷод менамояд ва онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Аз масолеҳи табиӣ суробҳо сохта метавонад? | | | |
| Намудҳои гуногуни суробсозиро омӯхта метавонад? | | | |
| Мустақилона ва эҷодкорона мувофиқи хоҳиш аз масолеҳҳои табиӣ суроб сохтанро омӯхта метавонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Мувофиқи хоҳиши худ дар шароити хона аз масолеҳи табиӣ суробҳо созед.

## Дарсҳои 40-41

### Мавзӯъ: Шаклсозӣ аз коғазу картон

**Барнома:** Суҳбат оид ба намудҳои шаклсозӣ аз коғазу картон, мустақилона ва эҷодкорона шаклсозӣ кардан гузаронида шавад. Дар ин дарс тафаккури эҷодии хонандагон инкишоф меёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-аз коғазу картон шаклсозӣ карда метавонад;

-тарзи дуруст ва сарфакорона истифода бурдани коғазу картонро медонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** коғази ранга, картон ё чӯб, қайчӣ,
**Равиши дарс:**
**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи намудҳои шаклсозӣ аз коғазу картон, мустақилона ва эҷодкорона шаклсозӣ кардан суҳбат гузаронида шавад.
**2.Дар мавзӯи имрӯза барои мустаҳкамкунӣ аз диаграммаи "Чӣ тавр?" истифода бурдан мумкин аст.**
**Муаммо:** аз расмҳои китоби дарсӣ истифода бурда, чӣ тавр сохтани шакли хурӯсакро аз масолеҳи табиӣ муайян намоед.
**3.Кори амалӣ. Шаклсозӣ аз коғазу картон**
1.Расмҳоро аз назар гузаронед.
2.Барои сохтани шакли хурӯсак (расми 1) метавонед аз қуттиҳои гӯгирд истифода баред ё худ чунин қуттичаҳо созед.
3.Нӯл, тоҷ, дум, чашмҳоро аз коғази ранга, пойҳои онро аз картон ё чӯб тайёр кунед.
4.Агар аз рӯйи афсонаи "Хурӯсак ва харгӯш" шакл сохтанӣ бошед, пас шакли харгӯшро метавонед ин тавр созед (расми 2) .



Расми 1



Расми 2

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Аз гил ё пластилин ва маснуоти табиӣ ашёи гуногуни мураккабро моделсозӣ менамояд? | | | |
| Бо коғаз ва картон усули оригами ва аппликатсияро ба таври васеъ истифода бурда метавонад? | | | |
| Қайчиро дуруст истифода бурда метавонад? (Аз коғаз ва картон қолабҳои мураккабро сарфакорона бурида метавонад) | | | |
| Намунаҳои кори худро такроран, айнан ҳосил карда метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Аз коғазу картон шаклсозӣ карда метавонад? | | | |
| Тарзи дуруст ва сарфакорона истифода бурдани коғазу картонро медонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Мувофиқи хоҳиш ва қобилияти худ дар шароити хона аз коғазу картон шаклсозӣ намоед.

## Дарсҳои 42-43

### Мавзӯъ: Тасвир мувофиқи мазмун. Афсонаҳои халқи тоҷик*

**Барнома:** Суҳбат оид ба афсонаҳои халқи тоҷик, тарзи дуруст ва сарфакорона истифода бурдани коғазу картон, рангҳои обӣ гузаронида шавад. Дар ин дарс тафаккури эҷодии хонандагон инкишоф меёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-бо афсонаҳои халқи тоҷик шиносоӣ пайдо намояд;
-тарзи дуруст ва сарфакорона истифода бурдани коғазу картонро медонад;
-мувофиқи мазмун тасвир намудани афсонаҳои халқи тоҷик.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** коғаз, қалами одӣ, ҷадвал, ранги обӣ, мӯқалам, хатпоккунак.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи мувофиқи мазмун тасвир намудани афсонаҳои халқи тоҷик, тарзи дуруст ва сарфакорона истифода бурдани коғазу картон, рангҳои обӣ суҳбат гузаронида шавад.

**2.**Аз усули ҳикоя истифода бурда, афсонаи “Бузаки ҷингилапо” аз тарафи муаллим хонда шавад.

**3.Кори амалӣ. Тасвир мувофиқи мазмун . Афсонаҳои халқи тоҷик**

1.Расмро аз назар гузаронед.
2.Қаҳрамонони асосии ин афсонаҳоро мувофиқи тасаввуротатон дар рӯйи коғаз тасвир намоед.
3.Расмҳоро мувофиқи андозаи коғаз эҷод кунед.

* Чанде пеш Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи Муассисаи нашриявии «Маориф» ва ҶДММ «Офсет» «Афсонаҳои халқи тоҷик»-ро дар шаш китобчаи алоҳида бо теъдоди ҳар яке 44400 – нусха ба чоп расонда, ба тамоми муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар дастрас гардонид.



**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Коғаз, қалами одӣ, чадвал, ранги обӣ, мӯқалам, хатпоккунакро дуруст, бомаврид ва бо боварии комил истифода бурда метавонад? | | | |
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ ҳангоми кор бо асбобҳои зуд ва воситаҳои санъати тасвириву ородиҳӣ риоя мекунад? | | | |
| Аз олами атроф барои эҷодиёт ашё ва мавзӯъҳои ба худ писанд интихоб карда метавонад? | | | |
| Моҳият ва тасири намудҳои санъати | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| тасвириро дарк карда, муносибати худро нисбат ба ин намунаҳо шарҳ медиҳад? | | | |
| Бо афсонаҳои халқи тоҷик шиносоӣ пайдо менамояд? | | | |
| Тарзи дуруст ва сарфакорона истифода бурдани коғазу картонро медонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Дар хона мустақилона аз китоби афсонаҳои халқи тоҷик истифода бурда, афсонаи дигарро хонда, қаҳрамонони асосии афсонаро аз тахайюлоти худ тасвир намоед.

## Дарсҳои 44-45

**Мавзӯъ: Сохтани шакли поезд**

**Барнома:** Суҳбат оид ба сохтани шакли поезд, тарзи дуруст ва сарфакорона истифода бурдани коғазу картон гузаронида шавад. Дар ин дарс тафаккури эҷодии хонандагон ва эҷодиёти техникӣ инкишоф меёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-бо шаклҳои поезд шиносоӣ пайдо намояд;
-тарзи дуруст ва сарфакорона истифода бурдани коғазу картонро медонад;
-мувофиқи хоҳиш худ поезд сохта тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** картон, коғаз, қалами одӣ, ҷадвал, ранги обӣ, мӯқалам, хатпоккунак

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи сохтани шакли поезд, тарзи дуруст ва сарфакорона истифода бурдани коғазу картон суҳбат гузаронида шавад.

**2.**Дар мавзӯи мазкур барои мустаҳкам намудани дониши хонандагон оид ба мавзуъ аз бозии "Нотиқи беҳтарин" истифода бурдан мумкин аст.

**Қадамҳои истифода бурдани бозӣ.**

1.Муаллим мавзӯъ ва мақсади машғулиятро эълон мекунад.

2.Хонандагон (аз рӯйи хоҳиш) бояд ба тахтаи синф баромада, дар назди ҳамсинфони худ дар нақши «нотиқ» сухан мугӯяд, яъне дар як дақиқа дар бораи зарурияти ҳаётии омӯхтани мавзӯи додашуда боварӣ ҳосил намоянд.

3.Хонандагон вазифадоранд, суханони нотиқро бодиққат гӯш карда, мақсади нотиқро муайян намоянд.

**3.Кори амалӣ. Сохтани шакли поезд**

1.Расмро аз назар гузаронед.

2.Поездҳо аз вагонҳо иборатанд. Шакли вагонҳоро ин тавр сохтан мумкин аст. (Расми 2 ва 3).

3.Аз чунин вагонҳо поездҳои боркаш ва мусофиркаш сохтан мумкин аст.

4.Ҳангоми васли вагонҳои поезди мусофирбар онҳоро сарпойин бояд гузошт.



**Расми 1**





**Расми 2** **Расми 3**

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Картон, коғаз, қалами одӣ, чадвал, ранги обӣ, мӯқалам, хатпоккунакро дуруст, бомаврид ва бо боварии комил истифода бурда метавонад? | | | |
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ ҳангоми кор бо асбобҳои зуд ва воситаҳои санъати тасвириву ородиҳӣ риоя мекунад? | | | |
| Моҳият ва таъсири намудҳои санъати тасвириро дарк карда, муносибати худро нисбат ба ин намунаҳо шарҳ медиҳад? | | | |
| Бо шаклҳои поезд шиносоӣ пайдо намояд? | | | |
| Тарзи дуруст ва сарфакорона истифода бурдани коғазу картонро медонад? | | | |
| Мувофиқи хоҳиш худ поезд сохта метавонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Дар хона мувофиқи қобилият ва хоҳиши худ намуди дигари поезро созед.

## Дарси 46

### Мавзӯъ: Парвариши растаниҳои хонагӣ

**Барнома:** Суҳбат оид ба қоидаҳои парвариши гулҳои хонагӣ, мавсими шинонидани гулҳои хонагӣ, намудҳои гулҳои хонагӣ гузаронида шавад. Дар ин дарс меҳру муҳаббат нисбат ба табиат инкишоф меёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-оид ба қоидаҳои парвариши гулҳои хонагӣ маълумоти пурра мегирад;
-мавсими шинонидани гулҳои хонагӣ, вақти додани ғизоро медонад;
-намудҳои гулҳои хонагиро мешиносад.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи қоидаҳои парвариши гулҳои хонагӣ, вақти додани ғизо, мавсими шинонидани гулҳои хонагӣ, намудҳои гулҳои хонагӣ суҳбат гузаронида шавад.

**2.Аз усули саволу ҷавоб истифода бурда, дарси имрӯзаро мустаҳкам намоед.**
Кадом гулҳоро дар мактаб ё синф парвариш мекунед? Дар хонаатон чӣ? Барои шумо парвариши кадом навъи гул маъқултар аст? Чаро зери зарфи гулдонро сурох мекунанд? Зимистон бояд гулҳоро дар куҷо нигоҳ дорем? Оё шумо медонед, ки ба сифати офтоб аз рушноии чароғи барқӣ истифода бурдан мумкин аст?

**3.Кори амалӣ. Парвариши растаниҳои хонагӣ.**
1.Бо маслиҳати муаллим ҷадвал тартиб дода, мунтазам иҷрои супоришро ба ҳисоб гиред.

| Номгӯи гулҳо | Вақти кишт | Вақти додани ғизо, пору ва об | Шахси масъул |
|---|---|---|---|
| 1.Меҳчагул | 25/I-2001 | 10/IX, 1/X, 10/X | Гулпарвар |
| | | | |
| | | | |

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Аз олами атроф барои эҷодиёт ашё ва мавзӯъҳои ба худ писанд интихоб карда метавонад? | | | |
| Намунаҳои эҷодиёти тахайюлиро таҳлил, тафсир ва муқоиса намуда, хулоса бароварда метавонад? | | | |
| Ба натиҷаи кори худ баҳо дода, онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Намудҳои васеи меҳнатро фарқ ва қадр карда метавонад? | | | |
| Оид ба қоидаҳои парвариши гулҳои хонагӣ маълумоти пурра мегирад? | | | |
| Мавсими шинонидани гулҳои хонагӣ, вақти додани ғизоро медонад? | | | |
| Намудҳои гулҳои хонагиро мешиносад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Оид ба раванди парвариши растаниҳои хонагии худ маълумот диҳед.

## Дарси 47

**Мавзӯъ: Ороиши нақшу нигор. Нақшу нигори гулдӯзӣ**

**Барнома:** Суҳбат оид ба нақшу нигори гулдӯзӣ, намудҳои нақшу нигори миллӣ, моҳияти онҳо гузаронида шавад. Дар ин дарс маҳорату малакаи эҷодии хонандагон инкишоф меёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-оид ба нақшу нигори гулдӯзӣ маълумоти пурра мегирад;
-намудҳои нақшу нигорро медонад;
-тарзи дурусти истифодаи нақшу нигори миллиро медонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** қалами одӣ, мӯқалам, ранги обӣ, ҷадвал.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи намудҳои нақшу нигори миллӣ, нақшу нигори гулдӯзӣ, истифодаи нақшу нигори миллӣ суҳбат гузаронида шавад.

**2.Кори амалӣ. Ороиши нақшу нигор. Нақшу нигори гулдӯзӣ**

1.Расмро аз назар гузаронед.

2.Мувофиқи хоҳиши худ аз нақшу нигори гулдӯзӣ истифода бурда, курта ё тоқиро оро диҳед.





**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Қалами одӣ, мӯқалам, ранги обӣ, ҷадвалро дуруст, бомаврид ва бо боварии комил истифода бурда метавонад? | | | |
| 2-3 рангро омехта карда, ранги нав ҳосил менамояд? | | | |
| Аз олами атроф барои эҷодиёт ашё ва мавзӯъҳои ба худ писанд интихоб карда метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Дар доираи мавзӯъҳои гуногуни тахайюлӣ ғоя (идея) –ҳои наву мураккаб эҷод менамоянд ва онро шарҳ медиҳад? | | | |
| Ба натиҷаи кори худ баҳо дода, онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Оид ба нақшу нигори гулдӯзӣ маълумоти пурра дода метавонад? | | | |
| Намудҳои нақшу нигорро медонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Дар хона ба расмҳои дар китоби дарсӣ овардашуда нигоҳ карда, мувофиқи хоҳиши худ аз нақшу нигори гулдӯзӣ истифода бурда, курта ё тоқиро оро диҳед.

## Дарсҳои 48-49

**Мавзӯъ: Аз рӯйи нақша сохтани шакли хона**

**Барнома:** Суҳбат оид ба тарзи дурусти сохтани хона аз картон, намудҳои гуногуни сохтани хона аз картон гузаронида шавад. Дар ин дарс маҳорату малакаи эҷодӣ инкишоф ёфта, қобилияти эҷодкории техникии хонандагон ташаккул меёбад.

**Салоҳиятҳо:**
- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**
-оид ба тарзи дурусти сохтани хона аз картон маълумоти пурра мегирад;
-намудҳои гуногуни сохтани хона аз картонро медонад;
-тарзи дурусти сохтани хона аз картонро медонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** қалами одӣ, мӯқалам, ранги обӣ, ҷадвал, картон, коғази ранга, қайчӣ.
**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи тарзи дурусти сохтани хона аз картон, намудҳои гуногуни сохтани хона аз картон суҳбат гузаронида шавад.

**2.Бозии “Хотираро инкишоф деҳ!”-ро гузаронидан мумкин аст.**
Бозӣ барои мустаҳкам ва дуруст фаҳмидани моҳияти нақша, инчунин барои инкишофи тасаввуроти фазогии объекти меҳнати сохташаванда ёрӣ мерасонад. Ин бозӣ барои дида тавонистани ашёи гуногун аз тарафҳои гуногун ва баръакс, аз рӯйи тарҳ кадом ашё дар нақша тасвир карда шудааст ва дар хотир нигоҳ доштани намуди берунии онҳо аҳамияти калон дорад.

**Қадамҳои истифода бурдани бозӣ**
1.Дар овеза ё прожектор расми 1,2,3 нишон дода мешавад.
2.Хонандагон бояд аз рӯйи расм намуди хонаро муайян намоянд.

**3.Кори амалӣ. Аз рӯйи нақша сохтани шакли хона**
1.Расмро аз назар гузаронед. (расмҳои 1,2,3)
2.Аз расму нақшаҳо истифода бурда, хона созед. (Расми 4,5)
3.Бо мақсади сохтани хона аз ғӯлачӯби коғазӣ ба ин тариқ метавонед ғӯлачаҳо созед. (расми 6)



Расми 1



Расми 2



Расми 3



Расми 4



**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Қалами одӣ, мӯқалам, ранги обӣ, ҷадвал, картон, коғази ранга, қайчиро дуруст, бомаврид ва бо боварии комил истифода бурда метавонад? | | | |
| Аз олами атроф барои эҷодиёт ашё ва мавзӯъҳои ба худ писанд интихоб карда метавонад? | | | |
| Намунаҳои эҷодиёти тахайюлиро таҳлил, тафсир ва муқоиса намуда, хулоса бароварда метавонад? | | | |
| Ба натиҷаи кори худ баҳо дода, онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Моҳият ва таъсири намудҳои санъати тасвириро дарк карда, муносибати худро нисбат ба ин намунаҳо шарҳ дода метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Оид ба тарзи дурусти сохтани хона аз картон маълумоти пурра дода метавонад? | | | |
| Намудҳои гуногуни сохтани хона аз картонро медонад? | | | |
| Тарзи дурусти сохтани хона аз картонро медонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Барои ташаккул додани маҳорат ва малакаи аз рӯйи нақша сохтани шакли хона мустақилона намуди дигари хонаҳоро созед.

## Дарси 50

**Мавзӯъ: Дарки зебоии ҳақиқат. Шиносоӣ бо асарҳои рассомон дар мавзӯи инсон ва табиат**

**Барнома:** Суҳбат оид ба дарки зебоӣ ва нафосати рангҳои табиат, шиносоӣ бо мусаввараҳои рассомони эҷодкор, моҳияти истифодаи рангҳои равшану гуногун дар тасвир гузаронида шавад. Дар ин дарс маҳорату малакаи эҷодӣ инкишоф ёфта, эҳтиром нисбат ба табиат ташаккул меёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-зебоӣ ва нафосати рангҳои табиатро дарк карда метавонад;
-бо мусаввараҳои рассомони эҷодкор шиносоӣ пайдо менамояд;
-моҳияти истифодаи рангҳои равшану гуногун дар тасвирро медонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** асарҳои рассомон дар мавзӯи инсон ва табиат.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи ҳаёт ва фаъолияти кории рассомон: Зиёратшоҳ Довудов, Муриват Бекназаров, Абдураҳмонов И.А. суҳбат гузаронида шавад.

**2.Кори амалӣ. Шиносоӣ бо асарҳои рассомон дар мавзӯи инсон ва табиат**

1.Мусавварахоро аз назар гузаронед.

2.Мусаввараи дилхохро интихоб карда, таҳлил намоед ва ба дафтаратон оид ба мусавварaи интихобшуда маълумот нависед.



**Муриват Бекназаров**



**“Тирамоҳ дар кӯҳсор” Абдураҳмонов И.А.**

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Аз олами атроф барои эҷодиёт ашё ва мавзӯъҳои ба худ писанд интихоб карда метавонад? | | | |
| Намунаҳои эҷодиёти тахайюлиро таҳлил, тафсир ва муқоиса намуда, хулоса бароварда метавонад? | | | |
| Ба натиҷаи кори худ баҳо дода, онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Моҳият ва таъсири намудҳои санъати тасвириро дарк карда, муносибати худро нисбат ба ин намунаҳо шарҳ дода метавонад? | | | |
| Зебоӣ ва нафосати рангҳои табиатро дарк карда метавонад? | | | |
| Оид ба мусаввараҳои рассомони эҷодкор маълумот дода метавонад? | | | |
| Моҳияти истифодаи рангҳои равшану гуногун дар тасвирро баён карда метавонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Мувофиқи мавзӯи имрӯза барои пайдо намудани шиносоӣ бо асарҳои рассомон дар мавзӯи инсон ва табиат ба осорхонаҳои шаҳр ё ноҳиятон ташриф намуда, оид ба таасуроти худ иншои кӯтоҳ нависед.

## Дарси 51

### Мавзӯъ: Сохтани ҷисмҳо аз найчаҳо

**Барнома:** Суҳбат оид ба аз боқимондаҳои маснуот сохтани ашёи ороишӣ, тарзҳои коркарди коғаз, пайдарпайии сохтани суробҳои дилхоҳ гузаронида шавад. Дар ин дарс маҳорату малакаи эҷодӣ инкишоф меёбад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** коғази ранга, қайчӣ, мехча, сим.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.

- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**
-аз боқимондаҳои маснуот сохтани ашёи ороишиpo меомӯзад;
-тарзи коркарди коғазро медонад;
-пайдарпайии сохтани суробҳои дилхоҳро меомӯзад.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи пайдарпайии кор, сохтани намудҳои дигари ҷисмҳо аз найчаҳо суҳбат гузаронида шавад.

**2.**Аз бозии “Мусобиқа” истифода бурдан мумкин аст:
Мақсади бозии “Мусобиқа” зуд тайёр намудани найча барои сохтани ҷисмҳо мебошад. Дар бозии мазкур муаллим метавонад, гурӯҳро ба ду зергурӯҳ тақсим намуда, кори амалиро давом диҳад.

**3.Кори амалӣ. Сохтани ҷисмҳо аз найчаҳо**
1. Расмҳоро аз назар гузаронед.
2.Раванди сохтани найчаҳоро аз назар гузаронед. (Расми 4)
3.Порчаи коғазеро ба атрофи мехча печонида, найчаи даркориро ҳосил кардан мумкин аст.
4.Баъд имконият доред, онҳоро ба симе гузаронед ва суробҳои дилхоҳатонро созед.





Расми 2



**Расми 1** **Расми 3**



**Расми 4**

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Коғази ранга, қайчӣ, мехча, симро дуруст, бомаврид ва бо боварии комил истифода бурда метавонад? | | | |
| Амалҳояшро пешакӣ бо дарназардошти вақт ба нақша мегирад? | | | |
| Аз олами атроф барои эҷодиёт ашё ва мавзӯъҳои ба худ писанд интихоб карда метавонад? | | | |
| Намудҳои васеи меҳнатро фарқ карда, онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Ба натиҷаи кори худ баҳо дода, онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Моҳият ва таъсири намудҳои санъати тасвириро дарк карда, муносибати худро нисбат ба ин намунаҳо шарҳ дода метавонад? | | | |
| Аз боқимондаҳои маснуот сохтани ашёи ороиширо меомӯзад? | | | |
| Тарзҳои коркарди коғазро медонад? | | | |
| Пайдарпайии сохтани суробҳои дилхоҳро меомӯзад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Барои ташаккул додани маҳорат ва малакаи эҷодиёти техникӣ аз найчаҳо ҷисмҳо созед.

## Дарсҳои 52-53

### Мавзӯъ: Суробсозӣ аз рӯйи мавзӯъ

**Барнома:** Суҳбат оид ба шаклҳои гуногуни суробсозӣ, таҳлил намудани расм, аз тухмӣ, баргу пояи рустаниҳо, гилу пластилин тарзи дурусти сохтани суробҳо гузаронида шавад. Дар ин дарс маҳорату малакаи эҷодӣ инкишоф ёфта, эҳтиром нисбат ба табиат ташаккул меёбад.

**Мақсади дарс:**

-шаклҳои гуногуни суробсозиро медонад;
-таҳлил намудани расмро меомӯзад;
-аз рӯйи расм истифода бурда, намуди дигари суробсозиро меомӯзад;
-дар сохтани суробҳо аз тухмӣ, баргу пояи рустаниҳо, гилу пластилин истифода бурданро меомӯзад;
-бо ёрии ҷисмҳои дар расми 2 нишондода шуда манзараи дилхоҳ сохтанро меомӯзад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** қайчӣ, коғази ранга, картон, қалами одӣ, тухмӣ, баргу пояи рустаниҳо, гилу пластилин.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи шаклҳои гуногуни суробсозӣ, таҳлил намудани расм, аз тухмӣ, баргу пояи рустаниҳо, гилу пластилин тарзи дурусти сохтани суробҳо суҳбат гузаронида шавад.

**2.Кори амалӣ. Суробсозӣ аз рӯйи мавзӯъ**

1.Аз расми 1 истифода бурда, қолаби “Фермаи мурғпарварӣ”-ро созед.

2.Дар сохтани суробҳо ҷисмҳои табиӣ: тухмӣ, баргу пояи рустаниҳо, гилу пластилинро истифода баред.
3.Бо ёрии чунин ҷисмҳо (расми 2) имконият доред манзараи дилхоҳатонро созед.



**Расми 1**



**Расми 2**

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Қайчӣ, коғази ранга, картон, қалами одӣ, тухмӣ, баргу пояи рустаниҳо, гилу пластилинро дуруст, бомаврид ва бо боварии комил истифода бурда метавонад? | | | |
| Намунаҳои эҷодиёти тахайюлиро таҳлил, тафсир ва муқоиса намуда, хулоса мебарорад? | | | |
| Ба натиҷаи кори худ баҳо дода, онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Моҳият ва таъсири намудҳои санъати | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| тасвириро дарк карда, муносибати худро нисбат ба ин намунаҳо шарҳ дода метавонад? | | | |
| Амалҳояшро пешакӣ, бо дарназардошти вақт ба нақша мегирад? | | | |
| Шаклҳои гуногуни суробсозиро медонад? | | | |
| Таҳлил намудани расмро меомӯзад? | | | |
| Аз рӯйи расм истифода бурда, намуди дигари суробсозиро меомӯзад? | | | |
| Дар сохтани суробҳо аз тухмӣ, баргу пояи рустаниҳо, гилу пластилин истифода бурданро меомӯзад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Мувофиқи хоҳиш ва қобилияти худ дар хона суробҳо созед.

## Дарсҳои 54-55

### Мавзӯъ: Хаёлот ва тасвир. Тасвири шикорчӣ

**Барнома:** Суҳбат оид ба хаёлот, тарзу дурусти тасвир намудан, таҳлил намудани расм, аз рӯйи расм истифода бурда, намуди дигари расмро тасвир намудан гузаронида шавад. Дар ин дарс маҳорату малакаи эҷодӣ инкишоф ёфта, хаёлот ташаккул меёбад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** қайчӣ, коғази ранга, картон, қалами одӣ, мӯқалам, ранги обӣ, ҷадвал.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-аз хаёлот тасвир намудани расмҳо;

-таҳлил намудани расмро меомӯзад;

-аз рӯйи расм истифода бурда, намуди дигар расмро тасвир намуда метавонад.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи хаёлот, тарзу дурусти тасвир намудан, таҳлил намудани расм, аз рӯйи расм истифода бурда, намуди дигари расмро тасвир намудан суҳбат гузаронида шавад.

**2.**Аз усули ҳикоя истифода бурда, бо амалиёти шикорчиён хонандагонро шинос намудан лозим аст.

**3.Кори амалӣ. Хаёлот ва тасвир. Тасвири шикорчӣ.**

1.Тавассути нақлу ҳикоёти калонсолон ва тамошои филмҳо бо амалиёти шикорчиён шинос шавед.

2.Мувофиқи дидаю шунида ва расмҳо шикорчиро тасвир намоед.

3.Тасвирро аввал бо хатҳои муваққатӣ иҷро карда, сипас пурра созед.





**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Қайчӣ, коғази ранга, картон, қалами одӣ, мӯқалам, ранги обӣ, чадвалро дуруст, бомаврид ва бо боварии комил истифода бурда метавонад? | | | |
| Ба натиҷаи кори худ баҳо дода, онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Моҳият ва таъсири намудҳои санъати тасвириро дарк карда, муносибати худро нисбат ба ин намунаҳо шарҳ дода метавонад? | | | |
| Ҳиссиёти худро бо воситаҳои гуногуни санъат ифроз менамояд? | | | |
| аз хаёлот расмҳо тасвир намуда метавонад? | | | |
| Расмро таҳлил карда метавонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Афсонаҳо дар бораи шикорчӣ аз китоби афсонаҳои халқи тоҷик хонда, оид ба асбобҳои шикорчӣ маълумот гирифта, расми шикорчиро тасвир намоед.

## Дарси 56

**Мавзӯъ: Сохтани қуттиҳо**

**Барнома:** Суҳбат оид ба сохтани қуттиҳо, намудҳои қуттиҳо, раванди пайдарпайи сохтани қуттиҳо гузаронида шавад. Дар ин дарс маҳорату малакаи эҷодӣ инкишоф меёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**
-картонро истифода бурда, қуттиҳо сохта метавонад;
-картонро сарфакорона истифода мебарад;
-намудҳои қуттиҳоро медонад;
-мувофиқи хоҳиши худ қуттиҳои гуногун сохта метавонад.
**Таҷҳизоти зарурӣ:** қайчӣ, коғази ранга, картон, қалами одӣ, мӯқалам, ранги обӣ, ҷадвал.
**Равиши дарс:**
**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи раванди пайдарпайии сохтани қуттӣ, намудҳои қуттиҳо суҳбат гузаронида шавад.
**2.Кори амалӣ. Сохтани қуттиҳо**
1.Расмҳоро аз назар гузаронед. (расмҳои 1,2,3,45)
2.Мувофиқи расмҳо қуттӣ созед.
3.Мувофиқи хоҳишатон қуттиҳоро ороиш диҳед.


**Расми 1**


**Расми 2**


**Расми 3**


**Расми 4**


**Расми 5**

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Қайчӣ, коғази ранга, картон, қалами одӣ, мӯқалам, ранги обӣ, ҷадвалро дуруст, бомаврид ва бо боварии комил истифода бурда метавонад? | | | |
| Ба натиҷаи кори худ баҳо дода, онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Моҳият ва таъсири намудҳои санъати тасвириро дарк карда, муносибати худро нисбат ба ин намунаҳо шарҳ дода метавонад? | | | |
| Ҳиссиёти худро бо воситаҳои гуногуни санъат иброз менамояд? | | | |
| Картонро истифода бурда, қуттиҳо сохта метавонад? | | | |
| Картонро сарфакорона истифода мебарад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Намудҳои куттиҳоро медонад? | | | |
| Мувофиқи хоҳиши худ қуттиҳои гуногун сохта метавонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Ба расми китоби дарсӣ нигоҳ карда, қуттичаҳои дилхоҳ созед.

## Дарси 57

### Мавзӯъ: Нигоҳубини рустаниҳо

**Барнома:** Суҳбат оид ба мавзӯъ. Аз тарафи омӯзгор саволҳо дода мешавад: Кадом рустаниҳоро кишт кардед ва онҳоро чӣ тавр парвариш доред? Ҳолати нашъунамои рустаниҳоро ба ҳисоб гирифта метавонед? Аз рӯйи ҷадвали додашуда, сабзиши ҳафтаинаи сабзавотро ба нақша гирифта метавонед?

Дар ин дарс маҳорату малака оид ба рустанипарварӣ инкишоф мeёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-аз уҳдаи нигоҳубини рустаниҳо мебарояд;
-ҳолати нашъунамои рустаниҳоро ба ҳисоб гирифта метавонад;
-вақти кишти сабзавотро медонад;
-нашъунамо ва вақти пухта расидани ҳосилрог ба ҳисоб гирифта метавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** бел, каланд, хаскаш.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи намуди рустаниҳо, фарқияти сабзавот аз мева, ҳолати нашъунамои рустаниҳо, вақти кишт, вақти ҳосилғундорӣ суҳбат гузаронида шавад.

**2.**Дар мавзӯи зерин бозии "Канӣ ёбед"-ро истифода бурдан мумкин аст.

Бо чашмони баста бо расиши дастон навъи сабзавотро муайян кардан лозим аст. (пиёз, помидор, қаламфур, картошка, сабзӣ)

**3.Кори амалӣ. Нигоҳубини растаниҳо**

1.Аз рӯйи ҷадвали зерин сабзиши ҳафтаинаи якчанд намуди сабзавотро ба нақша гиред:

| Номгӯйи сабзавот | Вақти кишт | Нашъунамо | Вақти ҳосил |
|---|---|---|---|
| Пиёзи тухмӣ | 5-V-2001 | 15-V-2001 | 1-VI-2001 |
| Пиёзи бехӣ | - | - | - |
| Помидор | 1V-2001 | 21-V-2001 | 15-VI-2001 |
| Қаламфур | - | - | - |
| Гашнич | - | - | - |
| Карам | - | - | - |

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Бел, каланд, хаскашро дуруст, бомаврид ва бо боварии комил истифода бурда метавонад? | | | |
| Ба натиҷаи кори худ баҳо дода, онро шарҳ дода метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Амалҳояшро пешакӣ бо дарназардошти вақт ба нақша мегирад? | | | |
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ ҳангоми кор бо асбобҳои киштукунанда риоя мекунад? | | | |
| Аз уҳдаи нигоҳубини рустаниҳо мебарояд? | | | |
| Ҳолати нашъунамои рустаниҳоро ба ҳисоб гирифта метавонад? | | | |
| Вақти кишти сабзавотро медонад? | | | |
| Нашъунамо ва вақти пухта расидани ҳосилро ба ҳисоб гирифта метавонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Аз маълумоти гирифтаи худ истифода бурда, рустаниҳои дар хонаатон бударо нигоҳубин намоед ва вақти кишт, вақти расишро таҳлил намоед.

## Дарсҳои 58-59

**Мавзӯъ: Аз рӯйи конструксия сохтани модели трактор**

**Барнома:** Суҳбат ва саволу ҷавоб оид ба мавзӯъ: Бо ёрии трактор кадом корҳоро иҷро мекунанд? Трактори тасмачарх аз чорчарха чӣ фарқ дорад? Қисмҳои тракторро номбар кунед. Дар ин дарс эҷодкории техникии хонандагон инкишоф меёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-аз рӯйи конструксия модели тракторро сохта метавонад;
-аз рӯйи нақшаи додашуда модели намудҳои гуногуни тракторро сохта метавонад;
-оид ба трактори тасмачарх ва чорчарха маълумот дорад;
-намудҳои тракторро бо тарзи кораш медонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** қайчӣ, қалами одӣ, ҷадвал, картон, коғази ранга.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи намудҳои трактор, намудҳои корҳои трактор, фарқияти байни трактори тасмачарх аз чорчарха суҳбат гузаронида шавад.

**2.Кори амалӣ. Аз рӯйи конструксия сохтани модели трактор**

1.Расмҳоро аз назар гузаронед. (расмҳои 1 ва 2)
2.Аз нақшаҳои зерин истифода бурда, трактор созед.



**Расми 1**



**Расми 2**

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Қайчӣ, қалами одӣ, ҷадвал, картон, коғази рангаро дуруст, бомаврид ва бо боварии комил истифода бурда метавонад? | | | |
| Ба натиҷаи кори худ баҳо дода, онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Амалҳояшро пешакӣ бо дарназардошти вақт ба нақша мегирад? | | | |
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ ҳангоми кор бо асбобҳо риоя мекунад? | | | |
| Аз рӯйи конструксия модели тракторро сохта метавонад? | | | |
| Аз рӯйи нақшаи додашуда модели намудҳои гуногуни тракторро сохта метавонад? | | | |
| Оид ба трактори тасмачарх ва чорчарха маълумот дорад? | | | |
| Намудҳои тракторро бо тарзи кораш медонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Барои инкишоф додани маҳорату малакаи эҷодиёти техникии худ аз рӯйи конструксия модели намуди дигари тракторро созед.

**Дарсҳои 60-61**

**Мавзӯъ: Тасвири манзара. Гулҳои наврӯзӣ**

**Барнома:** Суҳбат оид ба мавзӯъ. Аз тарафи омӯзгор саволҳо дода мешавад: “Гулҳо чӣ гуна ранг доранд? Раванди пайдарпайии тасвир намудани табиатро медонед?” Дар ин дарс маҳорату малакаи тасвир намудани табиат инкишоф меёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-бе ёрии ҷадвал хатҳои зарурӣ кашида метавонад;
-ба манзараи гирду атроф назар карда, табиатро тасвир намуда метавонад;
-раванди пайдарпайии кашидани табиат ва ранг додани онро медонад;
-мувофиқи тасвири додашуда рангҳои обиро дуруст интихоб намуда, ранг медиҳад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** қайчӣ, коғази ранга, картон, қалами одӣ, мӯқалам, ранги обӣ, ҷадвал.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи тасвири манзара, гулҳои наврӯзӣ, намудҳои манзара, намуди гулҳо суҳбат гузаронида шавад.

**2.Кори амалӣ. Тасвири манзара. Гулҳои наврӯзӣ**

1.Ба расмҳо назар намоед.
2.Ба замини сабзаю гулпӯш, табиати рангин эътибор диҳед.
3.Сипас ба тасвири гулҳо бипардозед.

4.Гулҳоро тавре тасвир намоед, ки равшантар намоён шаванд.
5.Ба расмҳо нигоҳ карда, раванди пайдарпайии манзараро тасвир намоед.







**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Қайчӣ, коғази ранга, картон, қалами одӣ, мӯқалам, ранги обӣ, ҷадвалро дуруст, бомаврид ва бо боварии комил истифода бурда метавонад? | | | |
| Ба натиҷаи кори худ баҳо дода, онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Амалҳояшро пешакӣ бо дарназардошти | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| вақт ба нақша мегирад? | | | |
| Ҳиссиётașро ба воситаи тасвирнамоӣ ифроз карда метавонад? | | | |
| Аз олами атроф барои эҷодиёт ашё ва мавзӯъҳои ба худ писанд интихоб карда метавонад? | | | |
| Бе ёрии чадвал хатҳои зарурӣ кашида метавонад? | | | |
| Ба манзараи гирду атроф назар карда, табиатро тасвир намуда метавонад? | | | |
| Раванди пайдарпайии кашидани табиат ва ранг додани онро медонад? | | | |
| Мувофиқи тасвири додашуда рангҳои обиро дуруст интихоб намуда, ранг дода метавонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Аз тахайюлоти худ истифода бурда, наврӯзиро тасвир намоед.

## Дарсҳои 62-63

**Мавзӯъ: Сохтани қолаби “Боғ”**

**Барнома:** Суҳбат оид ба мавзӯъ. Аз тарафи омӯзгор саволҳо дода мешавад: “Дар боғи маҳалла ё мактаби шумо кадом навъи меваҷот аст? Кадом меваҳо ғӯра бастаанд? Оё дарахти тут вуҷуд дорад? Онҳо нишона (дар арафаи пухтан) додаанд? Олучаҳо чӣ?” Дар ин дарс маҳорату малакаи сохтани қолаби “Боғ” инкишоф меёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**
-бе ёрии чадвал хатҳои зарурӣ кашида метавонад;
-ба манзараи гирду атроф назар карда, табиатро тасвир намуда метавонад;
-раванди пайдарпайии сохтани қолаби “Боғ” -ро медонад;
-тартиби сохтани қолабро медонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** қайчӣ, коғази ранга, картон, қалами одӣ, мӯқалам, ранги обӣ, чадвал, пахта, чубчаҳо, пластилин, ширеш.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи сохтани қолабҳои гуногун, аз коғаз сохтани дарахт, раванди пайдарпайии сохтани қолаби “Боғ” суҳбат гузаронида шавад.

**2.**Аз усули “Ангезиши зеҳн” истифода бурдан мумкин аст.

“Дар боғи маҳалла ё мактаби шумо кадом навъи меваҷот аст? Кадом меваҳо ғӯра бастаанд? Оё дарахти тут вуҷуд дорад? Онҳо нишона (дар арафаи пухтан) додаанд? Олучаҳо чӣ?“

**3.Кори амалӣ. Сохтани қолаби “Боғ”**

1.Расми зеринро аз назар гузаронед (расми 1).
2.Пеш аз ҳама масолеҳи заруриро муҳайё созед.
3.Тартиби сохтани қолаб: порчаи картони андозааш 30х40-ро интихоб карда, ба рӯйи он ранги сабз молед (Расми 2)
4.Пас, коғазҳои одӣ ё ранга (қаҳваранг)-ро ба канори он ширеш кунед (ба рамзи теппа) (рамзи 3)
5.Дар рӯйи картон хатҳои ёрирасонро ишорат намоед.

6.Шохчаҳоро пайдарпай бо гил ё пластилин часпонед (расми 4)
7.Аз пахта истифода бурда, шохчаҳоро бо муғчаҳо оро диҳед, пас макети сохтаатон рамзи боғи гулпӯшро мегирад.
8.Ба ҷойи шохчаҳо метавонед аз коғази сабз дарахт сохта часпонед.
9.Дарахтчаҳои коғазин ба таври зерин сохта мешаванд (Расми 5)



**Расми 1**



**Расми 2**



**Расми 3**



**Расми 4**

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Қайчӣ, коғази ранга, картон, қалами одӣ, мӯқалам, ранги обӣ, ҷадвал, пахта, чӯбчаҳо, пластилин, ширешро дуруст, бомаврид ва бо боварии комил истифода бурда метавонад? | | | |
| Ба натиҷаи кори худ баҳо дода, онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Амалҳояшро пешакӣ бо дарназардошти вақт ба нақша мегирад? | | | |
| Ҳиссиёташро ба воситаи тасвирнамоӣ ифроз карда метавонад? | | | |
| Намудҳои гуногуни ширешро дуруст истифода бурда метавонад? | | | |
| Аз олами атроф барои эҷодиёт ашё ва мавзӯъҳои ба худ писанд интихоб карда метавонад? | | | |
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ ҳангоми кор бо асбобҳо риоя мекунад? | | | |
| Бе ёрии ҷадвал хатҳои зарурӣ кашида метавонад? | | | |
| Ба манзараи гирду атроф назар карда, табиатро тасвир намуда метавонад? | | | |
| Раванди пайдарпайии сохтани қолаби “Боғ” -ро медонад? | | | |
| Тартиби сохтани қолабро медонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Мувофиқи хоҳиши худ ва қобилияти худ намуди дигари қолаби “Боғ”-ро созед.

**Дарси 64**

**Мавзӯъ: Композитсия дар мавзӯи парвози парандагон**

**Барнома:** Суҳбат оид ба мавзӯъ. Аз тарафи омӯзгор саволҳо дода мешавад: “Шумо парвози парандагонро мушоҳида кардаед? Намудҳои парандагонро медонед? Ҳангоми парвоз парандагонро тасвир намуда метавонед?”

Дар ин дарс маҳорату малакаи расмкашӣ инкишоф меёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.

- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**
-бе ёрии ҷадвал хатҳои зарурӣ кашида метавонад;
-раванди пайдарпайии тасвир намудани парвози парандагонро медонад;
-раванди пайдарпайии ранг кардани парандагонро медонад;
**Таҷҳизоти зарурӣ:** картон, қалами одӣ, қалами ранга ё мӯқалам, ранги обӣ, ҷадвал.
**Равиши дарс:**
**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи тарзи дурусти тасвир намудани парандагон, намудҳои парандагон, тасвири паранда ҳангоми парвоз суҳбат гузаронида шавад.
**2.Кори амалӣ. Композитсия дар мавзӯи парвози парандагон**
1.Расмҳоро аз назар гузаронед.
2.Расми парандагонро дар ҳолати парвоз ё ин ки дар ҳолати ба шохи дарахтон нишастан кашед.
2.Композитсияро пурқувват ва рангин тасвир намоед.
3.Ҳангоми тасвир аз расмҳо истифода баред.




**Расми 1** **Расми 2**





**Расми 3** **Расми 4**





**Расми 5** **Расми 6**

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Картон, қалами одӣ, қалами ранга ё мӯқалам, ранги обӣ, чадвалро дуруст, бомаврид ва бо боварии комил истифода бурда метавонад? | | | |
| Ба натиҷаи кори худ баҳо дода, онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Ҳиссиётašро ба воситаи тасвирнамоӣ ифроз карда метавонад? | | | |
| Аз олами атроф барои эҷодиёт ашё ва мавзӯъҳои ба худ писанд интихоб карда метавонад? | | | |
| Дар доираи мавзӯъҳои гуногуни тахайюлӣ ғоя (идея)–ҳои наву мураккаб эҷод менамояд ва онро шарҳ медиҳад? | | | |
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ ҳангоми кор бо асбобҳои киштkунанда риоя мекунад? | | | |
| Бе ёрии чадвал хатҳои зарурӣ кашида метавонад? | | | |
| Раванди пайдарпайии тасвир намудани парвози парандагонро медонад? | | | |
| Раванди пайдарпайии ранг кардани парандагонро медонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Дар хона намуди дигари композитсия дар мавзӯи парвози парандагонро тасвир намуда, мувофиқи хоҳиши худ ранг намоед.

## Дарсҳои 65

**Мавзӯъ: Киштy кори сабзавот**

**Барнома:** Суҳбат оид ба мавзӯъ. Аз тарафи омузгор саволҳо дода мешавад: “Шароити маҳал ва мактабро ба ҳисоб гирифта, кишти тухмиҳои дилхоҳатонро интихоб намуда метавонед? Эҳтиёҷоти рустаниҳоро нисбат ба об, нурӣ муайян карда метавонед?” Дар ин дарс маҳорату малака нисбат ба кишту кор инкишоф меёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи наврo эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-аз уҳдаи кишту кори сабзавотҳо мебароянд;
-ҳолати нашъунамои рустаниҳоро ба ҳисоб гирифта метавонад;
-эҳтиёҷи рустаниҳоро нисбат ба об, нурӣ ба назар гирифта метавонад;

-рустаниҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо карда метавонад: (гурӯҳи якум: пиёз, сир, бодиринг, помидор; гурӯҳи дуюм: картошка, сабзӣ, лаблабу, қаламфур; гурӯҳи сеюм: харбуза, тарбуз, каду);
-вақти кишти сабзавотро медонад;
-нашъунамо ва вақти пухта расидани ҳосилро ба ҳисоб гирифта метавонад.
**Таҷҳизоти зарурӣ:** бел, каланд, хаскаш.

**Равиши дарс:**
**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи кишту кори сабзавот, фарқияти сабзавот аз меваҷот, эҳтиёҷоти рустаниҳо нисбат ба об ва нурӣ, кадом навъи сабзавот нисбат ба об эҳтиёҷоти зиёдтар дорад, суҳбат гузаронида шавад.

**2.Кори амалӣ. Кишту кори сабзавот**
1.Шароити маҳал ва мактабро ба ҳисоб гирифта, кишти тухмиҳои дилхоҳатонро интихоб намоед.
2.Дар навбати аввал тайёр кардани замин, муҳайё намудани тухмӣ, кӯчатҳо ва интихоби нуриҳоро аз хотир набароред.
3.Эҳтиёҷоти рустаниҳоро нисбат ба об, нурӣ ва ғайра ба назар гирифта, онҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кунед:

| Гурӯҳи якум | Гурӯҳи дуюм | Гурӯҳи сеюм |
|---|---|---|
| Пиёз | Картошка | Харбуза |
| Сир | Сабзӣ | Тарбуз |
| Бодиринг | Лаблабу | Каду |
| Помидор | Қаламфур | |

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Бел, каланд, хаскаш, кӯчат, тухмиро дуруст, бомаврид ва бо боварии комил истифода бурда метавонад? | | | |
| Ба натиҷаи кори худ баҳо дода, онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Амалҳояшро пешакӣ бо дарназардошти вақт ба нақша мегирад? | | | |
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ ҳангоми кор бо асбобҳои кишткунанда риоя мекунад? | | | |
| Аз уҳдаи кишту кори сабзавот мебарояд? | | | |
| Ҳолати нашъунамои рустаниҳоро ба ҳисоб гирифта метавонад? | | | |
| Эҳтиёҷи рустаниҳоро нисбат ба об, нурӣ ба назар гирифта метавонад? | | | |
| Рустаниҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо карда метавонад? | | | |
| Вақти кишти сабзавотро медонад? | | | |
| Нашъунамо ва вақти пухта расидани ҳосилро ба ҳисоб гирифта метавонад? | | | |

**Вазифа хонагӣ:** Мувофиқи маълумотҳои гирифташуда, дар замини наздиҳавлигии худ сабзавот кишту кор намоед.

## Дарси 66

**Мавзуъ: Тасвир аз асл. Кӯза ва гул**

**Барнома:** Суҳбат оид ба мавзӯъ. Аз тарафи омӯзгор саволҳо дода мешавад: "Раванди пайдарпайии тасвир намудани кӯза ва гулро медонед? Раванди пайдарпайии ранг кардани кӯза ва гулро медонед?" Дар ин дарс маҳорату малака нисбат ба тасвир аз асл инкишоф меёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**
-бе ёрии ҷадвал хатҳои зарурӣ кашида метавонад;
-раванди пайдарпайии тасвир намудани кӯза ва гулро медонад;
-раванди пайдарпайии ранг кардани кӯза ва гулро медонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** картон, қалами одӣ, мӯқалам, ранги обӣ, ҷадвал, хатпоккунак.

**Равиши дарс:**
**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи тасвир аз асл, тасвири кӯза ва гул, тарзи ҷойгиршавӣ ва хамшавии навдаи гул, кор бо политра, омехтакунии рангҳо суҳбат гузаронида шавад.
**2.**Бозии "Қуттии сиёҳ" гузаронидан мумкин аст. Муаллим он чизеро, ки дар қуттии сиёҳ мавҷуд аст, шифоҳӣ тасвир мекунад.

Гилро мебезанд, бо об ҳамроҳ карда, лой мекунанд. Баъд ба шакли дилхоҳ даровардa, мепазанд. Онро барои обкашонӣ истифода мебаранд. Дар даруни он рустании яксолаи худруйи кӯҳист, ки рангони зард, сурх буда, тухми сиёҳ дорад (Кӯза бо гули лола)

**3.Кори амалӣ. Тасвир аз асл. Кӯза ва гул**
1. Расмҳоро аз назар гузаронед.
2.Ҳангоми кашидани расм ва вараќи коғазро ба таври вертикалӣ гузоред ва бо хатҳои ёрирасон, ки ба шакли аслии предмет мувофиқ аст, тасвир намоед.
3.Кӯшиш намоед, ки тарзи ҷойгиршавӣ ва хамшавии навдаи гулро дар расм ҳамаҷониба рангину мароқовар тасвир намоед.
4.Тасвирро аз шакли умумӣ оғоз кунед ва норасоиҳоро дар расм ислоҳ намоед.
5.Сипас бо рангҳои мувофиқ дар рангомез (политра) омехташавии рангҳоро тайёр карда, бо мӯқалам дар расм гузоред.
6.Рангҳои гулро ба таври обакӣ гиред, ки чунин амал шаффофии рангро нигоҳ медорад.
7.Барои фарқияти рангҳо вазни торикиро баландтар ва сояро мувофиқи шакли ашё дар расм нишон диҳед. Кӯшиш намоед, ки расмро бо рангҳои аслӣ ба анҷом расонед.
8.Аз расмҳои 1,2,3,4 истифода бурда, тарзи иҷрои тасвирро интихоб кунед.





**Расми 1** **Расми 2**





**Расми 3** **Расми 4**

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Картон, қалами одӣ, мӯқалам, ранги обӣ, ҷадвал, хатпоккунакро дуруст, бомаврид ва бо боварии комил истифода бурда метавонад? | | | |
| Ба натиҷаи кори худ баҳо дода, онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Ҳиссиёташро ба воситаи тасвирнамоӣ иброз карда метавонад? | | | |
| Аз олами атроф барои эҷодиёт ашё ва мавзӯъҳои ба худ писанд интихоб карда метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Дар доираи мавзӯъҳои гуногуни тахайюлӣ ғоя (идея)–ҳои наву мураккаб эҷод менамояд ва онро шарҳ медиҳад? | | | |
| Бе ёрии ҷадвал хатҳои зарурӣ кашида метавонад? | | | |
| Раванди пайдарпайии тасвир намудани кӯза ва гулро медонад? | | | |
| Раванди пайдарпайии ранг кардани кӯза ва гулро медонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Вобаста ба хоҳиши худ намуди дигари кӯза бо гулро интихоб намуда, тасвир намоед.

## Дарсҳои 66-67

**Мавзӯъ: Кори хоҷагӣ**

**Барнома:** Суҳбат оид ба мавзӯъ. Аз тарафи омӯзгор саволҳо дода мешавад: “Меҳнати хоҷагиро вобаста ба шароити маҳалли худ интихоб карда метавонед? Хонандагони мактабҳои деҳот ба кормандони ферма, боғот, обчакорӣ ёрии амалӣ расонида метавонанд?” Дар ин дарс маҳорату малака нисбат ба кишту кор, нигоҳубини ҳайвонҳои хонагӣ ва боғот инкишоф ёфта, ба раванди касбинтихобкунии хонандагон мусоидат менамояд.

**Салоҳиятҳо:**
- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**
-аз уҳдаи кишту корҳои хоҷагӣ мебарояд;
-хусусияти мушоҳидакорӣ дар хонандагон инкишоф меёбад;
-ҳангоми мушоҳида намудан ба кори калонсолон масъулиятнокӣ инкишоф меёбад;
-меҳнати калонсолонро қадр менамояд;
-касбинтихобкунии хонандагон.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** бел, каланд, хаскаш

**Равиши дарс:**
**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи кори хоҷагӣ, ёрӣ ба калонсолон, ба коркунони ферма, боғот, деҳқонони обчакорӣ ва оид ба касбҳое, ки дар хоҷагиҳо мавҷуданд, суҳбат гузаронида шавад.

**2.Кори амалӣ. Кори хоҷагӣ**
1.Меҳнати хоҷагиро вобаста ба шароити маҳалли худ интихоб кунед.
2.Хонандагони мактабҳои деҳот имконият доранд ба кормандони ферма, боғот, обчакорӣ ва ғайра ёрии амалӣ расонанд.
3.Мактаббачагони шаҳру ноҳияҳо имконият доранд дар устохона, қитъаи таҷриба ва мушоҳида, ошхона ва ғайра ба калонсолон ёрӣ расонанд.
4.Баробари иҷрои супориш кӯшиш намоед, ки сирри касби онҳоро фаҳмед.

5.Иҷрои супоришҳоятонро аз рӯйи ҷадвали зерин ба ҳисоб гиред:

| Намуди кор | Вақти кор | Тарзи иҷро | Шахси масъул |
|---|---|---|---|
| Нигоҳубини ҳайвонот | нисфирӯзӣ | додани беда | подабон |
| | | | |

**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Бел, каланд, хаскашро дуруст, бомаврид ва бо боварии комил истифода бурда метавонад? | | | |
| Ба натиҷаи кори худ баҳо дода, онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Амалҳояшро пешакӣ бо дарназардошти вақт ба нақша мегирад? | | | |
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ ҳангоми кор бо асбобҳои кишткунанда риоя мекунад? | | | |
| Аз уҳдаи киштукорҳои хоҷагӣ мебарояд? | | | |
| Хусусияти мушоҳидакорӣ дар хонандагон инкишоф меёбад? | | | |
| Ҳангоми мушоҳида намудан ба кори калонсолон масъулиятнокӣ инкишоф меёбад? | | | |
| Меҳнати калонсолонро қадр менамояд? | | | |
| Хонандагон касбро дуруст интихоб карда метавонад? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Дарахтони мевадиҳандаро, ки дар ҳавлиатон мавҷуд аст, мушоҳида намуда, таҳлил намоед ва вақти гулкунии онҳоро муайян созед.

## Дарси 67-68

### Мавзӯъ: Намоиши корҳо

**Барнома:** Суҳбат оид ба мавзӯъ. Аз тарафи омӯзгор саволҳо дода мешавад: “Корҳои беҳтаринро интихоб карда метавонед? Ҷобаҷокунии намунаи корҳоро медонед? Дар куҷоҳо намоиши корҳоро баргузор кардан мумкин аст?” Дар ин дарс маҳорату малака нисбат ба интихоби корҳои беҳтарин, тарзи дурусти пайдарпайӣ ва гузоштани намунаи корҳои беҳтарин инкишоф меёбад.

**Салоҳиятҳо:**

- Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

-намунаи корҳои беҳтаринро интихоб карда метавонад;

-аз уҳдаи ташкили намоиши корҳо мебарояд;
-ҷобаҷогузории корҳоро медонад;
-намудҳои кор бо матоъ, кор бо коғаз, кор бо ҷисмҳои гуногунро медонад.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат оид ба мавзӯъ:** Бо хонандагон дар бораи намоиши корҳо, ҷобаҷогузории дурусти намунаи корҳо, интихоби корҳои беҳтарин суҳбат гузаронида шавад.

**2.**Дар мавзӯи мазкур аз усули намоишдиҳӣ истифода бурда метавонед. Хонандагон бояд муқоисаи байни корҳоро донанд ва таҳлил карда тавонанд.

**3.Кори амалӣ. Намоиши корҳо**

1.Расмҳоро аз назар гузаронед.
2.Бо маслиҳат ва роҳбарии муаллим намунаи беҳтарини корҳои дар давоми сол тайёр кардаатонро намоиш диҳед.
3. Агар дар синфхона намоиш ташкил карданӣ бошед.Имконият доред, намоишро дар даромадгоҳи синфхона ташкил кунед.
4.Пас, аз расми зерин истифода бурда, корҳоятонро ҷобаҷо гузоред.



**Арзёбӣ. Хонанда**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Бел, каланд, хаскашро дуруст, бомаврид ва бо боварии комил истифода бурда метавонад? | | | |
| Ба натиҷаи кори худ баҳо дода, онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Амалҳояшро пешакӣ бо дарназардошти вақт ба нақша мегирад? | | | |
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ ҳангоми кор бо асбобҳои кишткунанда риоя мекунад? | | | |
| Аз уҳдаи кишту корҳои хоҷагӣ мебарояд? | | | |
| Хусусияти мушоҳидакорӣ дар хонандагон инкишоф меёбад? | | | |
| Ҳангоми мушоҳида намудан ба кори калонсолон масъулиятнокӣ инкишоф меёбад? | | | |
| Меҳнати калонсолонро қадр менамояд? | | | |
| Хонандагон касбро дуруст интихоб карда метавонанд? | | | |

**Вазифаи хонагӣ:** Дигар корҳои эҷодиро таҳлил ва мушоҳида намоед.

## Адабиёт


1. Абдуллоев И., китоби дарсии санъат ва меҳнат барои синфи якум Душанбе МТЛ ОРЕС 2005.
2. Алиев А.Б., Зиёев М.Н., Олимова Ф.К., Эрматова У.С., Зоолишоева Б.Ф., Ниёзов Ф. М., Ташкили ҷараёни таълим дар синфҳои ибтидоӣ. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2009.
3. Барномаи таълими санъат ва меҳнат дар синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2008
4. Бойназаров Б., Ҳалимзода А., Раҷабалиева Г., китоби дарсии санъат ва меҳнат барои синфи 2 ПИК «Офсет» 2001.
5. Бойназаров Б., Ҳалимзода А., Раҷабалиева Г., китоби дарсии санъат ва меҳнат барои синфи чорум ПИК «Офсет» 2001.
6. Бойназаров Б., Ҳалимзода А., Раҷабалиева Г., китоби дарсии санъат ва меҳнат барои синфи чорум ПИК «Офсет» 2001
7. Зиёев М.Н., Алиев А.Б., Олимова Ф.К., Эрматова У.С., Зоолишоева Б.Ф., Истиқлол ва сиёсати давлат дар соҳаи маориф. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2009.
8. Стандарти таҳсилоти ибтидоӣ. - Душанбе, 2009
9. Эрматова У.С., Зоолишоева Б.Ф., Алиев А. Б., Олимова Ф.К., Зиёев М. Н. Таълими санъат ва меҳнат дар синфҳои ибтидоӣ. Дастури таълим барои тренери курсҳои такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ.- Душанбе, 2009.

# РОҲНАМОИ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ БАРОИ СИНФИ 4-УМ

**Бароӣ омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | С. Умаров |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Қ. Саъдуллоев |
| Тарроҳ | И. Сатторов |

Ба матбаа 28.06.2016 супорида шуд
Ба чоп 22.08.2016 иҷозат дода шуд. Андозаи 60х84 1/8.
Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 14.
Адади нашр 10000 нусха.
Супориши № 134/2016

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.
Тел.: 222-14-66.
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ «Душанбе – Принт»
чоп шудааст.